The phenomena of the pedagogical formation of physical education and the activity of sports training in modern society as an urgent problem are substantiated.

In the article, the author also considers the importance of engaging in mass sports not only as a way to strengthen and maintain the health of the nation, economic development, socialization of society, but also as a targeted measure to prevent drug addiction and other antisocial manifestations among adolescents and youth, including their inclusion in religious and extremist groups.

***Key words:*** *society, health, sport, venue, social, competition, life.*

Дар замони муосир фаҳмиши арзишҳои ҷамъиятӣ ва шахсии беназири тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҳамчун қисмати муҳими таркибии сотсиум ба хусусиятҳои педагогӣ хос аст. Тарбияи ҷисмонии асри XXI ба зиндагии шоистаи омма таъсири ҳаракатдиҳандаро расонида босуръат ташаккул ёфтаистода, пеш зи ҳама ба тарбияи ахлоқии маърифатии донишҷӯён, ки аз машғулиятҳои ҳар пагоҳии назди донишгоҳӣ таҷлил мегардад, инъикос меёбад. Имрӯз ягон соҳаи фаъолияти инсонро дарёфт кардан мумкин нест, ки ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш алоқаманд набошад. Равандҳои муттаҳидшавии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар соҳаи иқтисодиёт, фарҳанг, нигаҳдории тандурустӣ, дин, муҳити зист ва дигар намудҳои ҳаёти иҷтимоӣ босуръат инкишоф меёбад. Қобили қайд аст, ки дар муассисаҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва корхонаву идораҳои давлатӣ ҳафтаи солимӣ эълон намуда, барои рушди тарбияи бадан ва солимии ҳаёт машқҳои оммавии варзиширо тамрин менамоянд.

Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар охири солҳои 1920 хусусиятҳои институтҳои иҷтимоиро дар бар гирифта, тадриҷан ба соҳаи мустақили ҳаёти иҷтимоӣ табдил меёбад. Дар замони муосир ба ҳайси мегасистемаи ин соҳа мубаддал гардида, ҳамчун институти махсуси иҷтимоӣ амал менамоянд ва вазифаҳои зерин доранд:

- ба таври аниқ вазифаҳои муайяни иҷтимоиро (тарбия, маълумот, солимӣ ва ғайра) иҷро мекунанд.
- соҳиби инфраструктураи инкишофёфта ва хазинаи моддӣ (майдонҳо, толорҳои варзишӣ, ҳавзҳо ва ғайра) ҳастанд.
- баҳри мутахассисони касбӣ (омӯзишгоҳи манбаъҳои олимпӣ, колеҷҳо, институтҳо, академияи тарбияи ҷисмонӣ) ҷиду ҷаҳд зиёд мекунанд.

Вазифаҳои иҷтимоии тарбияи ҷисмонӣ – асбаски тарбияи ҷисмонӣ қисми муҳими фарҳанги ҷамъият буда, пеш аз ҳама ба вай вазифаҳои умумифарҳангии иҷтимоӣ мансуб мебошад. Вазифаҳои тарбиявӣ, таълимӣ, меъёрӣ, офарандагӣ, арзишӣ, рӯоварӣ, робитанамоӣ, иқтисодӣ ва ғайра марбутанд.

Тарбияи инсон тибқи машқҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ:

- баҳри тарбияи ирода, бовиҷдонӣ, мардонагӣ, сифатҳои меҳнатӣ имкониятҳо фароҳам меоранд;
- эътиқоди инсонпарварӣ ва ҳисси ҳурмату эҳтироми рақибро инкишоф медиҳад;
- фаъолиятнокии иҷтимоиро ташаккул медиҳад; (сарвари даста, ташкилотчии тарбияи ҷисмонӣ, сардори гуруҳ ва довари варзиш).

Шахс дар ҷараёни машғулият дарси ахлоқӣ, ҳуқуқӣ мегирад. Муносибати байни омӯзгори варзиш ва варзишгар, варзишгар ва довар ва байни варзишгарон риояи бошууронаи қоидаҳои гузаронидани машғулиятҳоро талаб мекунад.

Сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҳамчун фанни илмии нисбатан мустақил ба бисёр илмҳои дигари иҷтимоӣ алоқаи зич дошта нисбати онҳо дар ҳолати мураккаби муносибатҳои мутақобила вуҷуд дорад. Аз як тараф вай мустақил буда, аз тарафи дигар баҳри ҳамкории зич ва мувофиқат нигоҳ доштан ба илмҳои дигар кӯшиш мекунад. Натиҷаи тадқиқотҳои иҷтимоӣ боиси таваҷӯҳи баланди на танҳо сотсиология балки таърих, сиёсатшиносӣ, фарҳанг, психология, педагогика, иқтисодиёт ва илмҳои дигар гардидааст. Мумкин аст, ки онҳоро дар раванди ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ истифода баранд. Бидуни он илмҳои дигари иҷтимоӣ дар инкишофи сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ёрии ҳалкунанда расонида метавонанд. Сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар доираи муносибатҳои мутақобилаи вай ба илмҳои дигари ин объектҳоро меомӯхтагӣ ба ду масъалаи асосӣ бармехӯрад:

1. Масъалаи индентификатсияи хусусӣ яъне рӯоварӣ дар асоси муносибатҳо ва методи иҷтимоӣ тибқи таҳлили тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва ҳамин тавр демаркатсиякунонӣ ва маҳдуднамоӣ аз илмҳои дигар;
2. Масъалаи амалиёти мутақобила, мувофиқсозӣ ва муттаҳид намудани қувваҳо бо намояндагони илмҳои дигар дар тадқиқи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш.

Ҳар дуи ин масъалаҳо муносибати мутақобилаи иҷтимоии тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро бо ҳамаи илмҳои ин объектҳоро меомӯхтагӣ дахолат мекунад. Вале, дар мадди аввал табиист, ки ба қатори илмҳои ҷомеашиносӣ, таърихи тарбияи ҷисмонӣ, назарияи тарбияи ҷисмонӣ, педагогикаи варзиш ва психологияи варзиш низ марбутанд. Дар раванди иҷрои вазифаҳои назариявӣ, таҷрибавӣ, ҷаҳонбинӣ ва ташкили идоракунии хеш сотсиология ба илмҳои педагогии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш сахт алоқаманд мегардад. Донишҳои педагогӣ, психологӣ ва фарҳангиро ҳамбаста намуда вай таъзиқҳои методологиро, ки дар пояи он донишҳои махсус тибқи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ташаккул меёбанд, аз рӯи моҳият иқтидор пайдо мекунад, ки онҳоро ба мафкура ҷаҳонбинӣ ва методологияи тадқиқоти равандҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш таъмин намояд.

Сотсиология ҳамчун илми пайвандкунанда баҳри ба таври кулли омӯхтани тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш аз он ҷумла баҳри кор карда баромадани усули умуминазариявӣ, методологӣ ва омӯзишу инкишофи он тақони муайян медиҳад. Сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш аз як тараф ҳамчун яке аз қисмҳои илм дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш аз тарафи дигар чун боби дониши иҷтимоӣ ташаккул ва фаъолият мекунад.

Макулаи нисбатан сафарбаршудаи ҷамъият ҷавонон мебошанд. Сатҳи серфаъолиятии тарбияи ҷисмонӣ ва манфиатнокии онро дар ҷомеа муайян мекунад. Бинобар ин хеле муҳим аст, ки қувваҳои барангезандаро, ки моҳиятан чи ба раванди ҷалб намудани ҷавонон ба фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ ва чи ба инкишофи умуман ҳаракати тарбияи ҷисмонӣ-варзишӣ таъсир мерасонад ба таҳлил эҳтиёҷ дорад.

Мусаллам аст, ки агар дар донишҷӯён ҳавасмандӣ ба фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ- варзишӣ ташаккул ёбад дар он сурат вай ба сарчашмаи ба даст овардани хушҳолӣ, ки онро П.Ф.Мегафт "Ҳиссиёти баландгардидаи лаззатбарӣ" меномад табдил меёбад. Аз мавқеи ин заминаҳои назариявӣ кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки аз рӯи мақоми омилҳои баҳаракатоварандае, ки фаъолияти варзишии донишҷӯро фаъол мекунад, муайян намоем, ки чи чиз онҳоро водор месозад: талаботи машғулият, меъёри барномаҳои таълимиро аз худ кардан ва санҷишро супоридан зарурат пайдо мегардад. Гузаронидани пурсиши саволномаҳо (анкета) суҳбатҳо, мушоҳидаҳо, таҳлили вазъияти таълим ва корҳои оммавии тарбияи ҷисмонӣ-солимгардонӣ ва варзишӣ дар муассисаҳои олии ҷумҳурӣ имкон дод, ки вазъи воқеии сатҳи фарогирии донишҷӯёнро

ба шаклҳои мухталифи машқҳои ҷисмонӣ доираи ҳавасмандӣ тарбияи ҷисмонӣ талабот сабабҳоро дар ин соҳаи фаъолият инъикос мекунад, тасаввур намоем. Дар тадқиқоти сотсиологӣ мақоми муҳими аҳамиятнокии таъсироти омилҳои гуногуни объективӣ ва субъективӣ ба сатҳи серфаъолиятии тарбияи ҷисмонӣ варзишии донишҷӯёнро қайд кардан мувофиқи мақсад аст. Манфиатнокии аз ҳама бештарро амалиёти мутақобилаи чунин омилҳо, монанди ҷинсият, сину соли донишҷӯён, бахши таҳсил ва ихтисоси муассисаҳои олӣ ташкил медиҳад.

Дар айни замон хусусияти миқдори сифатӣ мумкин аст, ки тибқи нишондодҳои вақти сарфгардида, машғулиятҳои мунтазам ва сабабияти донишҷӯён дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣбаромад мекунад.Донишҷӯёни дар тадқиқот ширкат варзидаро вобаста ба муносибати онҳо нисбати тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, шартан дар 3 намуди гуруҳҳо ҷудо карда шуд:

1. Донишҷӯёне, ки фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ - варзишӣ сатҳи паст доранд, сарфи вақт аз 3 соат дар як ҳафта баланд нест (28,1%).

2. Донишҷӯёне, ки фаъолияти баланди тарбияи ҷисмонӣ - варзишӣ доранд, сарфи вақт 6 соат дар як ҳафта (15,1%);

3. Донишҷӯёне, ки фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ - варзишӣ зоҳир накарданд ва вақти холигии хешро ба машғулиятҳои машқҳои ҷисмонӣ-варзишӣ сарф накардаанд (28,1%).

Ба хотири он, ки оид ба сатҳи фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш тасаввуроти дуруст ба даст оварда шавад, нишондиҳандаҳои машғулиятҳои доимиро таҳлил кардан зарур аст. Таҳлили нишондодҳои нақшаи 1, сатҳи устувории фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиширо маънидод мекунад:28,1% донишҷӯёни пурсидашуда ба таври ба машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ муроҷиат мекунанд. 50,1% ба таври мунтазам, 28,1% дар вақти холигӣ ба машғулиятҳои машқҳои ҷисмонӣ машғул нестанд. Умуман, танҳо дар 15% донишҷӯён муддати дароз ва мунтазами машғулият ба талаботи тартиби баҳаракатоварандагӣ ҷавобгӯ аст.

**МУНОСИБАТИ ДОНИШҶӮЁНИ ҶИНСИ ҲАРХЕЛАДОШТА БА ФАЪОЛИЯТИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШ %**




Таҳлили нишондодҳои аниқи иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки муносибати донишҷӯён ба фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ-варзишӣ дар бисёр мавридҳо ба хусусияти ҳавасмандӣ ва сабабият муайян карда мешавад. Гузашта аз ин, аз нигоҳи мо сатҳи рушди ҳавасмандӣ ва сабабияти онҳо ҳамчун нишондиҳандаи асосии шахсияти тарбияи ҷисмонии донишҷӯён мебошад. Зоҳир гардидани ҳавасмандӣ хоҳиши амал намуданро инъикос карда, сабабияти рафтор ва талаботи дар амал ҷорӣ намудани онро ташаккул медиҳад.

**АДАБИЁТ**

1. Бальсевич, В.К. Наталов, Г.Г. Чернишенко, Ю.К. Конверсия основных полоплии теории спортивной подготовки в процессе физического воспитания. (теория и практика физической культуры). М-1997, №-6.
2. Больсевич, В.К. Олимпийский спорт и физическое воспитание: взаимосвязи и диссоциации (Теория и практика физической культуры). М- 1996, № -10.
3. Выдрин, В.М. Теория физической культуры: (Культурологический аспект): Учебное пособие. М- 1988
4. Ермак, Н.Р. Пилоян, Р.А. Культурно – исторические истоки спорта в контексте обяснения многообразия и противоречивости и его развития. М – 1997, №- 7.
5. Кун, Л. Всеобщая история физической культуры и спорта. М – 1982.
6. Лотонско, А.В. Стеблецов, Е.А. Молодёж и физическая культура. М- 1996.
7. Лубышева, Л.И. Современный ценностный потенциал физической культуры и спорта и пути его освоения обществом и личностью. М- 1998, № 6.
8. Матвив, Л.П. Теория и методика физической культуры: Учебник для институтов физической культуры: М – 1991
9. Матвив, Л.П.., Полянский, В.П. Прикладность физической культуры: Понятные основы и их конкретизация в современных условиях (Теория и практика физической культуры) М- 1996, № 7.
10. Пономарёв, Н.И. Социальные функции физической культуры и спорта: М – 1974
11. Сараф, М.Я. Спорти его гуманистическая сущеность (исторический анализ) (ценности спорта и пути аго гуманизации) (сост.и ред) В.И. Столяров; М – 1996
12. Вноградов, Л.А. Жолдак В.И. Чеботкевич В.И. Социология физической культуры и спорт: Учебное пособие. М- 2014.
13. Харчева, В. Основы социологии: Учебнык для средных специальных учебных заведений. М- 1997
14. Пономарёв, Н.А. Основы социологии физической культуры- Л: 1976.

**УДК:**

## ШАРТҲОИ АСОСИ – ҲАМКОРИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ ВА ХОНАВОДА ДАР ОМОДА НАМУДАНИ КӮДАКОН БА ТАЪЛИМИ МАКТАБ

***ШАРИПОВ Бахтовар Файзович*** *– номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров, 16,* ***тел.:*** *+(992)944 18 19 20*

Дар мақола баррасии рушду камоли сифатҳои маънавӣ-психологии кӯдакон нақши оила, Муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва мутахассисони соҳавӣ басо муҳим аст фарогир мебошад. Зеро ки ибтидоӣ хислатҳои шахсияти бача маҳз дар оила ва кӯдакистон гузошта мешавад ва табиист, ки инкишофи минбаъдаи хулқу атвори кӯдак ба ҳамин зинаи синнусолӣ рост меояд. Психологҳо муайян намудаанд, ки нисфи инкишофи қобилияти фикрии одам ба 3-4 соли ҳаёти бачагии ӯ рост меояд. Агар дар ин зинаи синнусолӣ ба тарбияи бача падару модарон ва мураббиён ба таври ҷиддӣ машғул нашаванд, дар ин сурат бача аз ҷиҳати инкишофи психологӣ қафо мемонад ва ё дар ӯ одатҳои бади маънавӣ ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, дар ин зинаи синнусолӣ ба инкишофи ҷисмонӣ, психологӣ ва тарбияи рафтори мадании кӯдакон аҳаммияти калон додан зарур аст.

Муаллиф фикрҳои худро ҷамъовари намуда қайд менамояд, ки ба мактаб рафтану таълим гирифтани ҳар як кӯдак воқеаи муҳимест дар ҳаёти ӯ, зеро бача ба

фаъолияти нави ҳаётӣ қадам монда, бо ҳамин мавқеи ҷамъиятии ӯ ба куллӣ тағйир меёбад. Акнун фаъолияти асосии ӯ таълим қарор мегирад. Дар рафти таълим тавассути муошират, доираи ҷаҳонбинӣ, маҳорат ва малакаҳои кори таълимии ӯ инкишоф ёфта, муносибаташ бо атрофиён ҷиддитар мегардад, алалхусус, бо муаллиму ҳамсинфонаш. Барои он ки бача хуб хонад ва ба фаъолияти таълимӣ комилан тайёр шавад, зарур аст, ки ӯро дар кӯдакистон ва дар оила аз ҷиҳати психологию педагогӣ ба мактаб омода намоем.

*Вожаҳои асосӣ: кӯдак, тайёрӣ, омодагӣ, инкишоф, шартҳо, таълим, тарбия, мактаб, муассиса, мураббия, малака, маҳорат, маънавиёт.*

## ОСНОВНЫЕ УСЛОВИЯ - СОТРУДНИЧЕСТВО ДОШКОЛЬНЫЕ И ДОМАШНИЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫЕ УЧРЕЖДЕНИЯ ПОДГОТОВКА ДЕТЕЙ К ШКОЛЬНОМУ ОБРАЗОВАНИЮ

***ШАРИПОВ Бахтовар Файзович*** – кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры дошкольного образования и социальной работы Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16, ***тел.:*** *+(992)944 18 19 20*

В статье рассматривается развитие и зрелость морально-психологических качеств детей, очень важна роль семьи, дошкольных образовательных учреждений и специалистов в данной области. Потому что в семье и в детском саду закладываются первоначальные характеристики личности ребенка, и естественно, что дальнейшее развитие поведения ребенка соответствует этому возрастному уровню. Психологи определили, что половина развития интеллектуальных способностей человека соответствует 3-4 годам его детства.

Если родители и педагоги не будут серьезно заниматься воспитанием ребенка на этом возрастном этапе, то ребенок будет отставать в плане психологического развития или приобретать дурные нравственные привычки. Поэтому на этом возрастном этапе необходимо большое значение придавать физическому, психологическому и культурному развитию детей.

Автор собирает свои мысли и отмечает, что поступление в школу и получение образования является важным событием в жизни каждого ребенка, так как ребенок начинает новую жизнедеятельность и вместе с этим полностью меняется его социальная позиция. Сейчас его основной деятельностью является образование. В процессе воспитания через общение развиваются его мировоззрение, навыки и навыки воспитательной работы, а отношения с окружающими становятся более серьезными, особенно с учителями и одноклассниками. Для того чтобы ребенок хорошо учился и был всесторонне подготовлен к учебной деятельности, необходимо психологически и педагогически подготовить его к школе в детском саду и в семье.

***Ключевые слова:*** *ребенок, подготовка, подготовка, развитие, условия, образование, воспитание, школа, учреждение, тренер, мастерство, мастерство, духовность.*

## GENERAL CONDITIONS – COOPERATION PRESCHOOL AND HOME EDUCATIONAL INSTITUTIONS PREPARING CHILDREN FOR SCHOOL EDUCATION

***SHARIPOV Bakhtovar Fayzovich*** *– Candidate of Pedagogical Sciences, Senior Lecturer of the Department of Preschool Education and Social Work of the Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, Kulyab, st. S. Safarova, 16,* ***Phone:*** *+(992) 944 18 19 20*

The article discusses the development and maturity of the moral and psychological qualities of children, the role of the family, preschool educational institutions and specialists in this field is very important. Because in the family and in the kindergarten, the initial characteristics of the child's personality are laid, and it is natural that the further development of the child's behavior corresponds to this age level. Psychologists have determined that half of the development of a person's intellectual abilities corresponds to 3-4 years of his childhood.

If parents and teachers do not seriously engage in raising a child at this age stage, then the child will lag behind in terms of psychological development or acquire bad moral habits. Therefore, at this age stage, it is necessary to attach great importance to the physical, psychological and cultural development of children.

The author collects his thoughts and notes that going to school and getting an education is an important event in the life of every child, as the child begins a new life and at the same time his social position completely changes. Now his main activity is education. In the process of education through communication, his worldview, skills and abilities of educational work develop, and relationships with others become more serious, especially with teachers and classmates. In order for a child to study well and be comprehensively prepared for educational activities, it is necessary to psychologically and pedagogically prepare him for school in kindergarten and in the family.

***Key words:*** *child, preparation, training, development, conditions, education, upbringing, school, institution, coach, mastery, mastery, spirituality.*

Пешрафти ҷомеаи муосир дар назди ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти касбии олӣ ва миёнаи махсуси омӯзгорӣ вазифа гузоштааст, ки сифати таълим беҳтар гардонда тайёрии назариявӣ ва амалии кормандони ояндаи кӯдакистону мактабро таъмин намоянд.

Ҳукумати мамлакат бошад ба рушди соҳаи маориф ва таълиму тарбияи насли наврас ҳамеша аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад. Бо ин мақсад дар панҷ соли минбаъда бояд беш аз 1000 иншооти соҳаи маориф дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот сохта, ба истифода супорида шавад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ мо бунёди маорифи миллӣ ва ворид гардидан ба фазои таҳсилоти байналмилалиро ҳадафи муҳимтарин ва самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор додем. Зеро мо чунин мешуморем, ки бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф – сармоягузорӣ барои рушди нерӯи инсонӣ ва ояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад. Дар замони истиқлолият аз ҷониби давлату Ҳукумат 196 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва умумии хусусӣ бунёд гардида, ба истифода дода шудааст ва ин бунёдкориҳо дар ин самт то ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистони азизамон рӯ ба тараққиёт меорад.

Бояд ҳама донанд, ки дар рушду камоли сифатҳои маънавӣ-психологии кӯдакон нақши оила, Муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва мутахассисони соҳавӣ басо муҳим аст. Зеро ки ибтидоӣ хислатҳои шахсияти бача маҳз дар оила ва кӯдакистон гузошта мешавад ва табиист, ки инкишофи минбаъдаи хулқу атвори кӯдак ба ҳамин зинаи синнусолӣ рост меояд. Психологҳо муайян намудаанд, ки нисфи инкишофи қобилияти фикрии одам ба 3-4 соли ҳаёти бачагии ӯ рост меояд. Агар дар ин зинаи синнусолӣ ба тарбияи бача падару модарон ва мураббиён ба таври ҷиддӣ машғул нашаванд, дар ин сурат бача аз ҷиҳати инкишофи психологӣ қафо мемонад ва ё дар ӯ одатҳои бади

маънавӣ ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, дар ин зинаи синнусолӣ ба инкишофи ҷисмонӣ, психологӣ ва тарбияи рафтори мадании кӯдакон аҳаммияти калон додан зарур аст.

Ба мактаб рафтану таълим гирифтани ҳар як кӯдак воқеаи муҳимест дар ҳаёти ӯ, зеро бача ба фаъолияти нави ҳаётӣ қадам монда, бо ҳамин мавқеи ҷамъиятии ӯ ба куллӣ тағйир меёбад. Акнун фаъолияти асосии ӯ таълим қарор мегирад. Дар рафти таълим тавассути муошират, доираи ҷаҳонбинӣ, маҳорат ва малакаҳои кори таълимии ӯ инкишоф ёфта, муносибаташ бо атрофиён ҷиддитар мегардад, алалхусус, бо муаллиму ҳамсинфонаш. Барои он ки бача хуб хонад ва ба фаъолияти таълимӣ комилан тайёр шавад, зурур аст, ки ӯро дар кӯдакистон ва дар оила аз ҷиҳати психологию педагогӣ ба мактаб омода намоем.

Бо ин мақсад нақшаю барномаҳои таълимии мактабӣ дар асоси ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ, психологӣ ва талаботи гигиению дидактикӣ мураттаб сохта шудааст. Дар нақшаю барномаҳои таълимӣ миқдору ҳаҷми дониш, маҳорат ва малакаҳое, ки бача бояд аз худ намояд, муқаррар карда шудааст. Ҳамон вақт бача нақшаю барномаҳои таълимиро аз худ мекунад, ки то ба мактаб омадан ӯро аз ҷиҳати психологию педагогӣ, маънавию ҷисмонӣ ва гигиенӣ ба мактаб тайёр намоем.

Бачаҳое, ки дар кӯдакистон фаро гирифта шудаанд, тайёрии психологию педагогии онҳо ба мазмуни машғулият вобаста мебошад. Зеро давомнокии машғулиятҳои таълимӣ дар гурӯҳи тайёрӣ ба мактаб 20-25 дақиқа давом мекунад. Бачаҳо на танҳо донишу маҳорат ва малакаҳои кори таълимиро аз худ мекунанд, балки ба онҳо риояи қоидаҳои талабагӣ ёд дода мешавад. Дар рафти машғулияти таълимӣ (ҳангоми машғулияти инкишофи нутқ, расмкашӣ, ҳисоб, мусиқӣ, муҷассамасозӣ, аппликатсия, бачаҳо тарзҳои истифодаи қаламу қоғаз, микрозу ширеш, пластиллин ва гилро ёд мегиранд ва дар баробари ин протсессҳои психологӣ (эҳсос, идрок, хотир, тафаккур, хаёл, нутқу диққат-и) онҳо инкишоф меёбад.

Бачаҳо дар бораи хусусиятҳои алоҳидаи предмету ашё, ҳодисаю воқеаҳо маълумоти муайян пайдо карда, дониши худро бою рангин месозанд.

Дар ин давраи синнусолӣ ҳисси таваҷҷуҳи бачагонро предмету ҳодисаҳо бештар ба худ ҷалб мекунанд. Хусусан, бачаҳо ба нақлҳои аҷоибу таъсирбахши мураббия диққати ҷиддӣ дода, онҳоро дер гоҳ дар хотир нигоҳ медоранд. Ба инкишофи бодиққатии бача бошад, машғулиятҳои сермаҳсул (расмкашӣ, аппликатсия, муҷассамасозӣ ва бозиҳои сохтмонӣ) мусоидат мекунанд.

Бачаҳои гурӯҳи тайёрӣ ба мактаб олами зебоии худро тавассути машғулияти расмкашӣ ва мусиқӣ бою рангин сохта, 12 намуди рангҳоро ба хуби дарк мекунанд ва дар рафти тасвири расмҳо аз онҳо истифода мебаранд, ки ин ба инкишофи қобилияти сенсории онҳо таъсири мусбӣ мерасонад.

Дар рафти машғулиятҳои мусиқӣ бачаҳо бо суруду оҳангҳо ва шеърҳои шоирону бастакорони тоҷик ва ҷаҳонӣ шинос шуда, дуруст дарк кардани мусиқиро аз бар мекунанд. Мураббия ҳангоми ташкили сайругашт ба табиат бояд ба бачаҳо тарзу усулҳои мушоҳидабариро ёд диҳад. Зеро бачаҳо ҳангоми дарки олами зебоӣ, дониш ва тасаввуроти худро доир ба табиати атроф бой мегардонанд ва дар онҳо ҳисси кунҷкобӣ, хоҳиши бештар донистани олами воқеӣ ба вуҷуд меояд. Онҳо ба мураббия бо саволҳои; “Чаро шамол мешавад?”, “Чаро барги дарахтон мерезад?”, “Барои чӣ дар атрофи гулҳо занбӯри асал зиёд?”, “Барф аз куҷо мерезад?”, “Чаро шабу рӯз мешавад?” ва ғайра муроҷиат намуда, бо ҳамин роҳ олами маърифатии худро бой мегардонанд. Аз тарафи дигар, дар сини тайёрӣ ба мактаб, хотираи бача то андозае инкишоф меёбад. Ҳамаи предмету ашёҳо ва ҳодисаю воқеаҳое, ки бача аз сар гузаронидааст ё онҳоро ӯ бевосита дидааст (онҳо ӯро мутаассир карда, ба ваҷд меоранд) шавқу ҳаваси ӯро беихтиёр ба худ ҷалб мекунанд. Бача дидаву амалҳои азсаргузаронидаашро ба хотир мегирад, дар хотир нигоҳ медорад ва аз нав ба ёд меорад.

Дар сини 6-7 солагӣ дар кӯдак бештар хотираи аёнӣ-образӣ ва механикӣ инкишоф меёбад. Мураббия ҳамин ҷиҳати масъаларо ба назар гирифта, дар вақти гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ аз асбобҳои аёнӣ васеъ истифода бурда, шавқу

ҳаваси маърифатии бачагонро бояд бедор намояд. Албатта, бачагони ин синнусол бедушворӣ шеърҳоро азёд мекунанд, дар вақти зарурӣ шеърро аз нав такрор кунанд ҳам, вале ба маънои онҳо дурустсарфаҳм намераванд. Ҳамин ҷиҳатро мураббия ба ҳисоб гирифта, кӯшиш мекунад, ки то андозае ба бачагон маънои шеърҳои азбаршударо фаҳмонад ва ба инкишофи хотираи калимагӣ-мантиқии онҳо заминаи боэътимод гузорад. Қабл аз ин, яъне пеш аз ба мактаб омадан, нутқи бача хеле инкишоф меёбад. Нутқи ӯ аз ҷиҳати грамматикӣ дуруст шакл мегирад ва ӯ ифоданок баён намуданро ёд мегирад. Захираи луғавӣ ва таркиби луғавии нутқи бача дар рафти машғулияти инкишофи нутқ, ҳисоб ва саёҳат васеъ мешавад. Ҳангоми азёд кардани шеъру суруд, шунидани афсонаҳои шавқовар, мақолу зарбулмасалҳо ва чистон бача бо калимаҳои нав, ибораю мафҳумҳо шинос шуда, онҳоро ба хотир мегирад. Ҳатто бача бо калонсолон ва атрофиён муоширати нутқи барқарор намуда, на танҳо моҳияти нутқи онҳоро дуруст дарк мекунад, балки худ низ аз ибораю калимаҳои нав истифода мебарад ва бо ҳамин роҳ ӯ пайдарпай баён намудани фикрро ёд мегирад. Ба инкишофи қобилияти фикрии кӯдакон машғулияти ҳисоб ва аппликатсия мусоидат мекунад. Дар рафти машғулият бача аз амалҳои фикрии тафаккур (муқоиса, таҳлил, таркиб) истифода бурда, дар бораи монандӣ ва фарқияти фигураҳои геометрӣ (доира, нимдоира, секунҷа, росткунҷа) маълумоти муайян пайдо мекунад ва дар вақти ширеш кардани фигураҳои геометрӣ тарзи ҷо ба ҷогузории онҳоро мефаҳмад. Ҳангоми муқоиса кардани предмету ашёҳо аз мафҳумҳои каму зиёд, хурду калон, дарозу кӯтоҳ, ҷамъу тарҳ ва ғайра истифода мебарад. Дар рафти шунидани афсонаю ҳикояҳо, тамошои барномаҳои телевизионӣ, машғулияти расмкашӣ, муҷассамасозӣ хаёл ва фантазияи бачаҳои гурӯҳи тайёрӣ ба мактаб инкишоф меёбад. Ҳамин аст, ки маҳсули тахаюлоти бачаҳо дар тасвири расмҳо ва ифодаи фикри онҳо зоҳир мешаванд.

Дар сини томактабӣ бозӣ яке аз фаъолияти асосӣ ва муҳими инкишофи психологии бачагон ба шумор меравад. Вале баъди ба фаъолияти нав, яъне ба таълимомӯзӣ гузаштани бачаҳо бозӣ комилан қатъ намегардад, балки мавқеи он ҳамчун фаъолияти инкишофдиҳандаи психологии бача қадре суст мешавад.

Дар рафти бозиҳои миллии тоҷикӣ бачаҳо на танҳо аз ҷиҳати психологӣ, маънавӣ, ҷисмонӣ инкишоф меёбанд, балки бозӣ (дидактикӣ, сохтмонӣ, нақшдору сужеанок ва серҳаракат) ба ташккули сифатҳои иродавии характер (мустақилиятӣ, боинтизомӣ, ҷасурӣ, устуворӣ, қатъиятӣ, истодагарӣ ва амсоли онҳо) мусоидат мекунад. Зимни бозӣ бачагон ба иҷрои ин ё он намуди меҳнат машғул шуда, ба туфайли он маҳорату малакаҳои меҳнатии онҳо ташаккул меёбад. Зиёда аз ин, ҳангоми ба коргарони соҳаҳои мухталиф (ошпаз, боғбон, доя, ҳамшираи шафқат) шинос гардидан ӯ дар бораи мазмун ва мундариҷаи касбҳои гуногун маълумоти муайян пайдо мекунад ва ба хубӣ мефаҳмад, ки иҷрои хелҳои меҳнат ин шаъну шараф ва ифтихори инсон аст. Бинобар ин, дар рафти машғулият барои аз бар намудани меъёрҳои ахлоқии барои бачаҳо муқарраршуда аҳамият додан зарур аст. То ки бачаҳо оромию боинтизомиро ёд гиранд ва талабу хоҳиши мураббияро сари вақт иҷро намуда, маънаван бою ахлоқан пок ба воя расанд. Ҳамин тавр, дониш, маҳорат ва малакаҳое, ки кӯдакон дар рафти таълиму тарбия дар боғчаи бачагон аз худ мекунанд, онҳоро аз ҷиҳати объективӣ ба таълими мактабӣ омода месозад. Баробари ин бачаро ба мактаб аз ҷиҳати субъективӣ тайёр кардан зарур аст.

Бо ин мақсад, мураббия ба бачагони гурӯҳи тайёрӣ ба мактаб дар бораи моҳият, мақсад, вазифа ва зарурияти баровардани хату савод ҳар гоҳ хотиррасон намуда, бифаҳмонад, ки бе илму дониш ба ҳеҷ ваҷҳ соҳибкасби варзида шудан аз имкон берун аст. Касе хоҳад, ки дар оянда гиромӣ ва азизу муътабар шавад, танҳо ба туфайли меҳнати ҳалол, хондан, илмомӯзӣ ва ҷидду ҷаҳди зиёд ба мартабаи баланд мерасад. Ҳамаи шахсони касбу кори гуногун бо шарофати роҳнамоӣ ва мададгории мураббӣ ва муаллим муътабар мешаванд. Сайидои Насафӣ дар ин росто гуфтааст;

Бе мураббӣ зери гардун, муътабар натвон шудан,
Моҳи навро рафта-рафта чарх оламгир кард.

Хуб мешавад, ки мураббӣ бо мақсади тасдиқи гуфтаҳои боло бачагонро ба яке аз мактабҳои наздик бурда, бо шароит, талабот, қоидаҳои талабагӣ, бо ашёҳои таълимӣ шинос карда, тарзу усулҳои чи гуна муносибат карданро ботафсил фаҳмонад. Сипас, бо муаллимони синфҳои ибтидоӣ вохурӣ ташкил карда, суҳбат орояд. Ҳангоми суҳбат муаллимон диққати бачагонро ба он ҷалб намоянд, ки барои дар мактаб хондан на танҳо донишу, маҳорату малакаҳои кори таълимию меҳнатӣ, балки ахлоқи ҳамида зарур аст. Зеро бача, ба мактаб, ба таҳсил шуда, доираи муошврати ӯ бо муаллимон, хонандагони синфҳои болоӣ, ҳамсолон, либосдории мактаб, ошпазу фаррош ва дигар шахсони касбу кори гуногуни мактаб барқарор мешавад, ки он аз бача боинтизомӣ, бодиққатӣ, гапдароӣ, самимӣ, худдорӣ ва риояи одоби муоширатро талаб мекунад. Бача бо муҳити мактаб, синфхона, асбобу ашёҳои таълимӣ шинос шуда, онҳоро бояд тавре истифода барад, ки барои худ ва дигарон фоида орад. Инчунин, муаллим, таваҷҷуҳи бачагонро ба он ҷалб кунад, ки дар вақти ба мактаб қадам гузоштан, шахсони аз худ калонро ҳурмат кунад, ба хурдтаракон, ҳамсолон ва ҳамсинфон ёрӣ расонад. Ба одоби салому алайк риоя намояд ва аз мададу ёрии дигарон изҳори миннатдорӣ карданро фаромӯш накунад. Ба бачагон фаҳмонидан зарур аст, ки дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ба одоби муошират ва тарзи суханронии худ диққат дода, дар рафти бо дигарон муносибат кардан аз мафҳумҳои "раҳмат", "миннатдорам", "мебахшед", "ташаккур", "хоҳиш дорам..." ва ғайра ба мавқеъ истифода баранд. Инчунин, дар вақти бо калонсолон муошврати нутқӣ барқарор намудан бодиққатӣ зоҳир намоянд, ба миёни гуфтугуӣ дигарон надароянд ва ба онҳо халал нарсонанд, зеро ин аз гӯшаи беодобист. Бар зами ин, ба бачагони гурӯҳи тайёрӣ ба мактаб мураббия ва муаллимон талқин намоянд, ки одам танҳо зиндагӣ карда, таълим гирифта ва ё меҳнат карда наметавонад. Ӯ бояд дар коллектив ҳамчун шахс рушду камол ёбад. Зеро дар коллективе, ки бача таълиму тарбия мегирад, бо дигарон муносибати дӯстию рафоқат барқарор намуда, бо ҳамсолону ҳамсинфон бодиққатӣ зоҳир намояд, фикру ақидаи аҳли гурӯҳро эътироф карда, дар рафти муносибат меъёрҳо ва қоидаҳои одоби муоширатро риоя намояд.

Қисми зиёди кӯдакони сини томактабӣ дар ҷумҳурии мо ба боғчаи бачагон фаро гирифта нашудаанд. Аз ин рӯ, тайёрии психологию педагогии онҳо тавассути оила ба вуҷуд меояд.

Татқиқотҳои равоншиносон ҳаминро собит месозанд, ки кӯдаконе, ки дар боғчаи бачагон таълиму тарбия нагирифтаанд, на танҳо ба шароити нави таълимӣ бо тезӣ мутобиқ намешаванд, балки аз ҷиҳати инкишофи фикрӣ нисбат ба бачаҳое, ки дар яслӣ-боғчаҳо тарбия гирифтаанд, аз ҷиҳати сатҳи ҷаҳонбинӣ ва инкишофи протсессҳои маърифатӣ қафо мемонанд. Ин барои пурсамар ташкил намудани кори таълиму тарбия дар мактаб ба муаллимон як қатор душвориҳо меорад. Ҳамин ҷиҳати масъаларо ба ҳисоб гирифта, ба падару модарон ва дигар шахсони калонсоли оила зарур аст, ки ба тайёрии психологию педагогии бачагони ин синнусол муносибати ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Барои бачаро ба мактаб тайёр намудан хуб мешавад, ки муаллимон тахминан дар охири моҳи март ба хонаи оилаҳое, ки сини фарзандҳояшон ба таълими мактабӣ мувофиқ аст, рафта, бачаҳоро ба рӯйхати мактаб дохил кунанд. Аввалан, муаллимон бояд муайян кунанд, ки дар оила бачаи сини мактабӣ ҳаст ё не? Баъд бо ҳуҷҷат (шаҳодатномаи таваллуд)-и бача шинос шуда, ному насаб, рӯз моҳ ва соли таваллуди ӯро ба дафтар қайд кунанд. Бо падарё модари бача суҳбат намуда, ба як қатор саволҳо оид ба вазъи саломатӣ, рӯҳӣ, рафтору кирдор ва фаҳмиши бача ҷавобҳои муайян гиранд. Баъд, бо худи бачае, ки синаш ба мактаб мувофиқ аст, суҳбат намуда, муайян кунанд, ки бача аз ҷиҳати ҷисмонӣ, психологӣ ва маънавӣ ба таълими мактаб то чӣ андоза тайёр аст. Оё бача дар бораи моҳият, вазифа ва мақсади таълими мактабӣ дониш ва тасаввуроти муайян дорад ё не? Ӯ таълими мактабиро чӣ гуна тасаввур мекунад? Баъд, дар рафти суҳбат,муаллим бояд ба бача фаҳмонад, ки ӯ акнун калон шудааст, аз соли нави хониш бояд ба мактаб равад. Дар мактаб ба ӯ дониш, маҳорат ва малакаҳои кори таълимӣ; хондан, навиштан, ҳисоб кардан, расм кашидан ва ғайра

омӯзонида мешавад.

Муаллимон нисбат ба ӯ хайрхоҳанд ва ӯро дар мактаб интизоранд. Бинобар ин, муаллим таъкид намояд, ки бача бояд мушоҳида кунад, ки хоҳар ё додари ӯ, чӣ тавр вазифаи хонагиашонро зебою хушсифат ичро мекунанд, супориши мактабу муаллимонро сари вақт ичро карда кӯшиш мекунанд, ки аз дарсҳо қафо намонанд, ашёҳои таълимии худро чи хел эҳтиёт мекунанд ва ғайра. Чунин шаклҳои тарзи суҳбат имкон медиҳад, ки дар кӯдак ҳисси масъулият нисбати таълим зиёд шавад, дар бораи мактаб фикр кунад, бачаҳои мактабхонро бештар мушоҳида намуда, нисбат ба мактаб ҳисси таваччуҳ зоҳир намояд.

Минбаъд падару модар ва дигар шахсони калонсоли оила ҳар гоҳ ба бача хотиррасон кунанд, ки ӯ калон шуда истодааст, акнун ба мактаб меравад, дар он чо хату савод мебарорад ва ҳамеша бо баҳои хубу аъло таҳсил мекунад ва сазовори боварии аҳли оила мегардад. Ҳар як тухфае, ки минбаъд ба бача харида мешавад, ба таълими мактабӣ вобаста бошад. Масалан, волидайн ба бача чизҳои харидаашонро тухфа карда истода мегӯянд; “Ин шиму куртаро барои он харидем, ки ту пӯшида ба мактаб меравӣ”. “Барои навиштан дафтару қалам ва ручка лозим аст, ту бояд онҳоро эҳтиёт кунӣ”, “”Ана, бин, ба ту чӣ хел чувздони зебо харидем, акнун дафтару қалам, китоб ва дигар ашёҳои таълимиро ба он андохта ба мактаб меравӣ” ва ғайра. Инчунин, падару модарон кӯшиш кунанд, ки ба фарзандон бештар китобчаҳои рангину суратдор ва шавқоварро харида, тухфа кунанд. Афсонаю шеърҳои онро ба бачагон хонда диҳанд, якчоя шеър азёд кунанд ва ба саволҳои онҳо ба таври фаҳмо чавоб диҳанд. Бар зами ин, дар бачаҳо маҳорат ва малакаҳои одитарини меҳнатиро ташаккул диҳанд.

Дар тайёр ва омода намудани кӯдакони синни томактабӣ ба таълими мактабӣ аз чиҳати ахлоқӣ, ичтимоӣ, чисмонӣ, фикронӣ, махсусан муҳаббати самимонаи падару модарон, мутахассисони соҳавӣ, тачрибаи андӯхтаи бачагони калонсоли оила, аҳамияти калон дорад. Ҳамин тавр, тайёрии психологию педагогии бача ба мактаб он вақт натичаи дилхоҳ медиҳад, ки агар дар ин кор мактабу кӯдакистон ва оила якчоя саҳм гиранд.

**АДАБИЁТ**

1. Газетаи “Омӯзгор” - № 28 (12356) 14 июли соли 2022.
2. Нарзуллоева, М., Давлатова, Н. Бозиҳои миллии точикӣ дар боғчаи бачагон. Кӯлоб, 1993.
3. Развитие восприятия в раннем и дошкольном (Под. ред. В. А.
4. Запорожец и М. И. Лисоной), М. Просвещение, 1966.
5. Семенов, В., Кобучей, Б. Близнецы; проблемы воспитания и развития.
6. Народный университет, Педагогический факультет. №6, 1985.
7. Сенсорное воспитание в детском саду. (Под. ред.
8. Поддьякова, В. Н., Аванесовой, М. Просвещение, 1981.
9. Турсунов, Н. Тайёрии педагогӣ-психологии бача ба мактаб. Мачаллаи мактаби советӣ, №1, 1977.
10. Эльконин, Д. Б. Детская психология. М. Учпедгиз, 1960.
11. Ярошевский, М. Г. История психологии. М. Мысль, 1976.

## ДАРЁФТ ВА РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОНИ БОЛАЁҚАТ ДАР НИЗОМИ МУОСИРИ ТАҲСИЛОТ

***НЕЪМАТУЛЛОЕВ Муродбек Музафарович*** *– директори Муассисаи давлатии таълимии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе”, унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, к. Ғаффор Мирзо, 6.* ***E-mail:*** *mnematulloev@bk.ru,* ***тел.:*** *+(992) 907 89 88 80*

Дар мақола масъалаҳои истеъдоди кӯдакон, ташхиси истеъдоди кӯдакон ва мушкилоти таълими хонандагони болаёқат мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Масъалаи истеъдод дар соҳаҳои гуногуни психологияву педагогика, аз қабили педагогкаи синну солӣ низ мавриди таҳлил қарор дода шудааст, зеро истеъдод аз марҳилаҳои аввали инкишофи инсон, яъне дар давраи кӯдакӣ зуҳур мекунад. Лаёқатмандии кӯдак ҳамчун як хусусияти баландтар ба омӯзишу эҷодиёт майл доштан нисбат ба ҳамсолонаш фаҳмида мешаванд.

Кӯдакони лаёқатманд як падидаи беназир дар ҷаҳони иҷтимоӣ мебошанд. Онҳо на танҳо бо қобилияти хубашон ба ҳар гуна фаъолият фарқ мекунанд, балки бо хусусиятхои психологиашон низ дар байни хамсолони худ тафовут доранд. Муҳимтарин проблемаи пешрафти ҷомеа нигоҳ доштан ва инкишоф додани истеъдодҳо мебошад. Дар шароити муосир дастгирӣ, рушд ва иҷтимоикунонии кӯдакони лаёқатманд ба яке аз самтҳои афзалиятноки низоми маориф табдил ёфта истодааст.

Дуруст сохтани муносибати кӯдаки лаёқатманд бо олами беруна имкон медиҳад, ки ӯ қобилияти худро пурра амалӣ намояд. Барои кӯдаки боистеъдод фароҳам овардани фазои мусоиди равонӣ хеле муҳим аст, ки барои бартараф кардани фарқияти байни рушди зеҳнӣ ва шахсият мусоидат намуда, ба рушди онҳо заминагузорӣ намояд.

Чӣ гуна кӯдаконро боистеъдод шуморидан мумкин аст. Вақте ки онҳо калон мешаванд, бо онҳо чӣ мешавад. Фаъолияти онҳоро чӣ тавр ташкил кардан лозим аст? Дар ин гуна масъалаҳо дар психологияву педагогика таҷрибаи калон мавҷуд аст. Дар баробари ин дар мақола ба омодасозии омӯзгорон барои кор кардан бо кӯдаконе, ки ба таълим ва эҷодкорӣ майл доранд, диққати калон дода шудааст.

***Вожаҳои асосӣ:*** *неруи зеҳнӣ, истеъдод, лаёқатмандӣ, кӯдакони болаёқат, зеҳн, муассисаҳои махсуси таълимӣ, барномаи махсуси таълимӣ, ташхиси лаёқатмандӣ, дарёфти кӯдакони лаёқатманд, лаёқатмандии инфиродии хонанда, лаёқати ниҳонӣ.*

## ВЫЯВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ СПОСОБНОСТЕЙ ОДАРЕННЫХ УЧАЩИХСЯ С СОВРЕМЕННОЙ СИСТЕМЕ ОБРАЗОВАНИЯ

***НЕЪМАТУЛЛОЕВ Муродбек Музафарович*** *– директор Госудственного образовательного учреждения “Гимназия №1 для одарённых учащихся города Душанбе”, соискатель Института развития образования им. А. Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Ғаффор Мирзо, 6.* ***E-mail:*** *mnematulloev@bk.ru,* ***тел.:*** *+(992) 907 89 88 80*

В статье рассматривается вопросы детской одаренности, диагностика одаренности у детей и проблемы обучения одаренных учащихся. Также рассматривается проблема одаренности различными областями психологии, такими как педагогическая и возрастная, поскольку одарённость проявляется на ранних этапах развития человека, то есть в детстве. Под одарённостью ребёнка понимается более высокая, чем у его сверстников при прочих равных условиях, восприимчивость к учению и более выраженные творческие проявления.

Одаренные дети являются уникальным явлением в социальном мире. Они отличаются не только хорошими способностями к каким-либо видам деятельности, но по своим психологическим особенностям выделяются среди своих сверстников.

Важнейшей проблемой прогресса общества является сохранение и развитие одаренности. В современных условиях поддержка, развитие и социализация одаренных детей становятся одной из приоритетных задач системы образования.

Правильное построение взаимоотношений одаренного ребенка с окружающим миром позволит ему наиболее полно проявить свои способности. Очень важно создать благоприятную психологическую обстановку для одаренного ребенка, которая поможет преодолению разрыва между интеллектуальным и личностным развитием и будет способствовать их развитию.

Каких детей можно считать одарёнными. Что происходит с ними по мере взросления. Каким образом следует организовывать их деятельность. По таким вопросам в психологии и в педагогике накоплен немалый опыт. При этом в статье большое внимание уделяется подготовке учителей для работы с особо восприимчивыми к учению и творчеству детьми.

***Ключевые слова:*** *интеллектуальный потенциал, талант, одаренность, одаренные дети, интеллект, специальные образовательные учреждения, специальная образовательная программа, диагностика одаренности, выявление одаренных детей, индивидуальная одаренность учащегося, скрытая одаренность.*

## IDENTIFICATION AND DEVELOPMENT OF INTELLECTUAL ABILITIES OF GIFTED STUDENTS IN THE MODERN EDUCATION SYSTEM

***NEMATULLOEV Murodbek Muzafarovich*** *– Director of the State Educational Institution "Gymnasium No. 1 for gifted students of the city of Dushanbe", applicant for the Institute for the Development of Education named after A. Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, st. Gaffor Mirzo, 6.* ***E-mail:*** *mnematulloev@bk.ru,* ***Phone:*** *+(992) 907 89 88 80*

The article discusses the issues of children's giftedness, the diagnosis of giftedness in children and the problems of teaching gifted students. The problem of giftedness in various areas of psychology, such as pedagogical and age psychology, is also considered, since giftedness manifests itself in the early stages of human development, that is, in childhood. The giftedness of a child is understood as a higher susceptibility to learning and more pronounced creative manifestations than that of his peers, all other things being equal.

Gifted children are a unique phenomenon in the social world. They differ not only in good abilities for any kind of activity, but in their psychological characteristics they stand out among their peers. The most important problem of the progress of society is the preservation and development of giftedness. In modern conditions, support, development and socialization of gifted children are becoming one of the priorities of the education system.

The correct construction of the relationship of a gifted child with the outside world will allow him to fully demonstrate his abilities. It is very important to create a favorable psychological environment for a gifted child, which will help bridge the gap between intellectual and personal development and will contribute to their development.

What kind of children can be considered gifted. What happens to them as they grow up. How should their activities be organized? Considerable experience has been accumulated in psychology and pedagogy on such questions. At the same time, the article pays great attention to the training of teachers to work with children who are especially receptive to learning and creativity.

***Key words:*** *intellectual potential, talent, giftedness, gifted children, intellect, special educational institutions, special educational program, giftedness diagnostics, identification of gifted children, student's individual giftedness, latent giftedness.*

Даҳсолаҳои охир кишварҳои тараққикарда ба рушди неруи зеҳнӣ ва эҷодии худ ҳамчун захираи стратегӣ диққати аввалиндараҷа медиҳанд. Шӯрои Аврупо ҳанӯз соли 1994, №1248 Қарори махсусеро дар самти кор бо кӯдакони болаёқат ба тасвиб расонид, ки дар он гуфта мешавад: "Ҳеҷ кишвар наметавонад ба худ иҷозат диҳад, ки истеъдодҳоро нобуд созад. Муайян ва амалӣ накардани усулҳои муосири дарёфти неруи зеҳниро метавон маҳвсозии захираҳои инсонӣ ном бурд... Ба кӯдакони болаёқат бояд шароити мусоиди таҳсил фароҳам намуд, то онҳо тавонанд имкониятҳои худро ба нафъи хеш ва тамоми ҷамъият истифода баранд" [8, 235].

Ҳолати чандинсолаи буҳронӣ ба сатҳи маърифатнокӣ ва зеҳнияти аҳолӣ таъсири манфӣ расонида, фирори захираҳои зеҳнию эҷодӣ, кам шудани шавқмандӣ ва имкониятҳои воқеии волидон ва омӯзгорон барои дарёфти истеъдодҳо ва иҷтимоишавии кӯдакони болаёқатро ба бор овардааст. Дар шароити бавуҷудомада дарёфт, дастгирӣ ва иҷтимоишавии кӯдакони болаёқат ҳамчун фонди генетикии кишвар аз вазифаҳои афзалиятноки давлат ва ҷомеа боқӣ мемонад.

Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 ва 2021-2025 муҳимтарин абзори ҳалли мушкилоти марбут ба таъмини шароити мусоид барои дарёфт ва рушди кӯдакони болаёқат, амалишавии имкониятҳо ва ҳифзи иҷтимоии онҳо маҳсуб мешавад [2; 3].

Мавриди қайд аст, ки ташкили корҳо дар самти амалисозии барномаи давлатии зикршуда ҳамчун вокуниши давлат ба талаботи ҷомеа ва шаҳрвандонаш маҳсуб мегардад.

Масъалаи лаёқатмандӣ хусусияти комплексӣ дошта, дар он бархӯрди манфиатҳои давлат, ҷамъият, шахс ва самтҳои гуногуни илмӣ сурат мегирад. Душворӣ ва хусусиятҳои кор бо хонандагони болаёқат ҳамкории намояндагони тахассусҳои гуногун – педагогҳо, равоншиносон, ҷомеашиносон, омӯзгорон, кормандони соҳаи фарҳанг ва варзиш, менеҷерҳои соҳаи маориф ва дигаронро тақозо менамояд.

Ба андешаи Д. Б. Богоявленский кор бо кӯдакони болаёқат набояд танҳо ба таҷрибаи эмпирикӣ асос ёбад [5, 125]. Ин амал бояд ба кашфиётҳои ҷиддии илмӣ ва илмӣ-методие, ки ҳалли мушкилоте чун дарёфт, омӯзиш ва рушди кӯдакони болаёқатро таъмин карда метавонанд, асос ёбад. Маҳз ба ҳамин хотир дар Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 таъминоти назариявӣ ва илмӣ-методии он яке аз вазифаҳои муҳим нишон дода шудааст [3].

Аз нуқтаи назари равоншиносӣ лаёқатмандӣ объекти мураккабе мебошад, ки дар он идрок, эҳсос, ирода, ангеза, ҳолати психофизиологӣ ва дигар соҳаҳои шахсияти инсон бо ҳам печидаанд.

Душвории падидаи лаёқатмандӣ хусусиятҳои кор бо кӯдакони болаёқатро муайян мекунад. Дар ин раванд доимо мушкилоти педагогиву психологии мутаносиб бо гуногунии навъҳои лаёқатмандӣ, шумораи бисёри равишҳои мутақобили назариявӣ ва усулҳои муайянсозии он, бисёрҷабҳагии таҳсилоти муосир, инчунин шумораи фавқуллода ками мутахассисони махсус барои кор бо кӯдакони болаёқат дар муассисаҳои таълимии шаклҳои гуногун ҷой доранд.

Бо дарназардошти аҳамияти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва таҳсилии масъалаи лаёқатмандӣ, зарур аст, ки нақши ҳамаи муассисаҳои таълимӣ, новобаста аз шакл ва сатҳ, боло бурда шавад. Зеро субъектҳои кор бо кӯдакони болаёқат на танҳо волидон, мураббиҳо, омӯзгорон, равоншиносон мебошанд, балки муассисаи таълимӣ низ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ дар ин ҷода як қатор ҳуқуқ ва уҳдадорӣ доранд.

Дар як қатор матлабҳои муосир гуфта мешавад, ки кор бо кӯдакони болаёқат бояд хусусияти систематикӣ дошта бошад. Ба сифати самтҳои асосии чунин фаъолият нишон дода мешаванд:

- Таҳияи меъёрҳо барои рафъи антиинтеллектуаллизми дар ҷомеа шаклгирифта;
- Таъмини шароит барои тарбияи "пешсафон" аз ҳисоби аҳолӣ, ки рушди босуръати ҳамаи соҳаҳоро таъмин карда тавонанд;
- Таъмини хизматрасониҳои сифатан нав дар соҳаи маориф, услубҳои созанда барои ҷавонон ва субкултураҳо, авлавияти усулҳои нави рушди имкониятҳои эҷодии инсон ва гурӯҳи инсонҳо;
- Рушди доираи таҳсилоти минтақавӣ ва таъмини кор бо кӯдакони болаёқат дар шароитҳои махсус дар минтақаҳои муайян.

Татбиқи самтҳои номбаршуда аз талошҳои дастаҷамъонаи олимон, татбиқунандагон, роҳбарони муассисаҳои соҳаи маориф, таҳияи базаи захираҳо, омодагии равонӣ ва касб кардани таҷрибаи фаъолияти иноватсионӣ вобаста мебошад.

Таҳлили сарчашмаҳои адабӣ ва таҷрибаи маориф дақиқан нишон медиҳад, ки то ҳол дастовардҳои муайян дар ташкили кор бо кӯдакони болаёқат ба даст омадаанд:

- Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи типи нав (аз ҷумла, таҳсилоти иловагӣ) таъсис ёфтаанд;
- Ассотсиатсияи олимон, омӯзгорон, муассисаҳои соҳаи маориф, ки корро бо кӯдакони болаёқат пеш мебаранд, таъсис ёфтаанд;
- Семинарҳои махсус, ҷаласаҳо, курсҳои методӣ баргузор шуда, дар онҳо парадигмаи инсондӯстии таҳсилот ва мушкилоти кор бо кӯдакони болаёқат баррасӣ мешавад;
- Доираи кормандони соҳаи маориф васеъ шуда, тавассути баргузории курсҳои омодасозӣ, чорабиниҳои методӣ ва сафарҳои эҷодӣ касбияти онҳо муназзам баланд бардошта мешавад;
- Базаи моддии муассисаҳои таълимӣ тавассути таъмини таҷҳизоти муосири техникӣ (компютерҳо, чопкунакҳои рӯимизӣ, компютерҳои фардӣ барои идоракунӣ, воситаҳои техникии навориву садоӣ, мавҷгирҳои маҳворай) беҳтар карда мешавад;
- Таҷрибаи ташкил ва баргузории чорабиниҳои таълимии ғайрианъанавӣ дар системаи таҳсилоти умумӣ (конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввар, озмунҳо, фестивалҳои педагогӣ) касб карда мешавад.

Дар ин баробар, ҳанӯз яке аз мушкилоти асосӣ роҳи ҳалли худро наёфтааст: таълими кӯдакон ва наврасони болаёқат чигуна амалӣ карда шавад?

Олимон дар ин маврид ду нуқтаи назар изҳор мекунанд. Мувофиқи нуқтаи назари аввал, барои таълими хонандагони болаёқат таъсиси гурӯҳ (синф)-ҳои махсус ё муассисаҳои махсуси таълимӣ лозим мебошад. Дар ин синфҳо ё муассисаҳо фаъолияти таълимӣ ва тарбиявиро педагог ва психологҳои махсусомодашуда бояд пеш баранд. Мувофиқи нуқтаи назари дуюм, кӯдакони болаёқат бояд ҳамроҳ бо дигар ҳамсолони худ, аммо аз рӯи барномаи махсуси таълимӣ дарс хонанд.

Н.Б Шумакова таҷрибаи ватанӣ ва кишварҳои хориҷиро дар самти таълими кӯдакони болаёқат хулоса карда, ҳамаи сабабҳои ҷонибдорӣ ва муқобил будан бо ғояҳои таҳсили ҷудогона ва якҷои таълими хонандагони лаёқатмандро таҳлил карда, натиҷагирӣ мекунад, ки масъалаҳои таълими хонандагони болаёқатро набояд ҳамчун масоили ҷудогона мавриди омӯзиш қарор дод, зеро табиатан ҳамаи кӯдакон дар аввал эҷодкор буда, нерӯи рушд кардан доранд. Агар лаёқатҳои кӯдакон рушд наёбанд, ба ин ҳамаи калонсолон (яъне ҷамъият) гунаҳкоранд, зеро онҳо ё барои рушди лаёқати табии кӯдакон шароит фароҳам наовардаанд, ё лаёқатҳои онҳоро тавассути истифодаи усулҳои догматикии таълим маҳв сохтаанд [12, 25]. Ба ҳамин хотир, муҳим дониста мешавад, ки дар ҳамаи типи муассисаҳои таълимӣ муҳити рушди эҷодӣ сохта шавад.

Бо ибораи дигар, барои институтҳои соҳаи маориф ҳардуи нуқтаҳои назар муҳим мебошанд: ҳам дар муассисаҳои ҳамагонӣ ва ҳам дар муассисаҳои таълимии махсус бояд шароити мувофиқ барои рушди лаёқатмандии кӯдакон таъмин карда шавад. Яке аз чунин шартҳо кашфи саривақтии лаёқатмандии кӯдакон тавассути истифодаи

усулҳои психологӣ, дидактикӣ ва психологӣ-дидактикӣ маҳсуб мешавад. Шарти дигар таҳияи маводҳои таълимии гуногун аз рӯи таҷриба ва назарияи кор бо гурӯҳҳои гуногуни кӯдакони лаёқатманд дар муассисаҳои таълимии типашон гуногун мебошад.

Истифодаи санҷишҳои зеҳнӣ ва эҷодӣ танҳо шумораи нисбатан ками ҷанбаҳои лаёқатмандии ақлонии хонандагонро фаро мегирад. Манбаи муҳими маълумот инчунин мушоҳидаҳои омӯзгорон ва волидон, таҳлили табиат ва муваффақиятҳои мактабҳо ва таълими берун аз синфии кӯдакон хизмат мерасонанд. Ба муқоисаи нишондиҳандаҳои қобилияти маърифатии хонандагон бо муваффақияти онҳо дар мактаб диққати махсус дода мешавад. Гарчанде, ки муваффақиятҳо дар таълими кӯдакони лаёқатманд, чун қоида, аз муваффақиятҳои ҳамсинфони онҳо баландтар аст, дар байни кӯдакони лаёқатманд ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки аз муваффақияти пасти онҳо дарак медиҳад, ки муваффақияти нокофӣ ном дорад, зеро сатҳи пасти муваффақият (аксар вақт он, қариб, ки қаноатбахш аст) он чандон муҳим набуда, вале номувофиқатӣ бо сатҳи баланди қобилиятҳо, метавонанд бо сабабҳои хусусиятҳои маърифатӣ ва ғайримаърифатии шахс алоқаманд бошанд [7, 25-30].

Ба ҳамин сабаб масъалаи ташхиси кӯдакони болаёқат, ки бояд бевосита аз ҷониби мутахассисон – педагогҳо, равоншиносон, кормандони соҳаи тиб ва иҷтимоӣ ва бо ҷалби волидон гузаронида шавад, муҳиммияти бештар пайдо мекунад.

Тибқи андешаи М. А. Холодная ҳалли масъалаи усулҳои маълумсозии кӯдакони болаёқат аз он вобаста аст, ки зери мафҳуми лаёқатмандӣ мо чиро мефаҳмем. Аз ин рӯ, ба андешаи муҳаққиқ, сараввал лозим аст, ки асоси назариявии кори ташхисӣ муайян карда шавад [11, 89].

Бояд қайд гардад, ки одатан ташхиси лаёқатмандӣ вазифаи аввалиндараҷаи равоншинос, таълим бошад, дар баробари тарбия ва рушд вазифаи омӯзгорон ва волидайн ҳисобида мешаванд. Раднопазирии нисбии тасаввуроти расман мантиқии мазкур зимни аз мавқеи таҷрибаи педагогӣ баррасӣ намудани он нуқсонҳои муайянро маълум месозад. Магар нафаре, ки зуҳуроти дохилӣ ва берунии лаёқатмандиро дида наметавонад, мумкин аст, ки онро рушд диҳад? Албатта, саволи мазкур риторикӣ буда, роҳи ҳалли он маълум менамояд. Аммо инро як масъалаи ҳалшуда гуфта намешавад.

Ба ақидаи Ю. Д. Бабаева ва В. И. Панова дар баробари ҳалли масъалаи таълими кӯдакони болаёқат, инчунин муайян кардани шакли зуҳури лаёқатмандӣ муҳим аст, зеро, чуноне дарҷ гардид, лаёқатмандӣ метавонад дар шаклҳои гуногун зуҳур кунад. Муаллифон дуруст қайд мекунанд, ки аз шакли зуҳури лаёқатмандӣ: асолати мақсадҳои таълим; асолати объекти таълим; хусусиятҳои фаъолияти маърифатии хонандагон, ки аз ҳамдигар аз рӯи тарзи тафаккур, сатҳи зеҳнӣ, зеҳн ва хотира, махсусиятҳои дарккунӣ ва сатҳи азхудкунии маълумот фарқ мекунанд; суръати омӯзиш ва умқи маълумоти азхудшуда ва ғайраҳо вобаста мебошанд [1, 146-148].

Хуллас, ҷустуҷӯ ва дарёфти кӯдакони лаёқатманд ва ташкили фаъолияти педагогӣ бо онҳо аз мушкилоти асосии илм ва таҷриба дар соҳаи маориф мебошанд.

Дар воқеъ, дар таҷриба як мушкили дигар низ ҷо дорад: талаботи муассисаҳои таълимӣ ба барнома ва китобҳои дарсӣ, ки дар онҳо дархостҳои инфиродӣ ва манфиатҳои кӯдакони лаёқатманд ба эътибор гирифта шудаанд. Дар барномаҳои таълимӣ айни замон роҳу воситаҳои алтернативии рушди хонандаи лаёқатманд берун аз барномаи таълимии умумӣ дарҷ нагардидаанд. Дар ҳоле, ки навоварӣ дар маорифи миллӣ на танҳо ба азхудкунии донишҳои муайян, балки ба рушди шахсият ва талаботи маърифативу созандагии хонандагон равона гардидааст. Рушди маҳоратҳои тадқиқотӣ ва эҷодии хонандагон дар ҳамаи зинаҳои таълим дар шароити ҳозира вазифаи асосии маориф мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир, банақшагирӣ ва сохтани муҳити мусоид барои рушд муҳимтарин бахши фаъолияти муассисаи таълимӣ мебошад.

Ба андешаи А.В. Беляева таҳия ва татбиқи курсҳои махсус барои кормандони соҳаи маориф дар системаи такмили ихтисос метавонад роҳи ҳалли мукшил бошад [4,

183-185]. Ҳадаф аз гузаронидани чунин курсҳо шинос намудани омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ бо сифатҳои эвристикии шахсият, роҳҳои ташхиси натиҷаҳои таълимиву эҷодӣ, системаи дарсҳои таълимӣ барои рушди кӯдакони болаёқат ва ғайраҳо мебошад. Чунин курсҳо, аз нигоҳи мо, барои рушди бештари кӯдакон тавассути баланд бардоштани савияи дониш ва маҳоратҳои худи омӯзгорон муҳим мебошанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир шумораи зиёди хонандагони болаёқат маҳфуз аст. Дар дилхоҳ муассисае хонандагонеро вохӯрдан мумкин аст, ки барои хондан ва рушди лаёқатҳои худ шавқманд ва омодаанд, ё баръакс (кӯдакони аз ҷиҳати рушди равонӣ қафомонда ва бо имкониятҳои маҳдуд низ истисно нестанд). Дар байни ин хонандагон қисми асосии хонандагон – аксарият қарор доранд, ки ҳар кадом бо хусусиятҳои инфиродии худ аз ҳамсолон фарқ мекунанд ва ба таваҷҷуҳ ниёз доранд [6, 97].

Зимни кор бо кӯдакони лаёқатманд ҳамеша мушкилоти педагогӣ ва психологӣ сар мезананд, ки қисми зиёди онҳо бо гуногуннавъии лаёқатмандӣ, аз ҷумла тафовути синусолӣ ва лаёқатмандиҳои ошкорнагардида, инчунин шумораи зиёди равишҳои назариявӣ ва хусусияти тағйирёбии таҳсилоти муосир алоқаманд мебошанд.

Аз диди назариявӣ душвории масъалаи таълим ва рушди кӯдакони болаёқат аз гуногунии муносибатҳо ба масъалаи лаёқатмандӣ ва рушди он дар кӯдакони дорои нишонаҳои ошкор ва пинҳони лаёқатмандӣ вобаста мебошад. Лаёқатмандӣ тавассути таносуби худ ба шароите, ки фаъолияти аниқи одам сурат мегирад, ошкор мегардад [9, 66]. Дар рушди динамикаи лаёқатмандӣ самарабахш будани сатҳи талабот, масалан, талаботе, ки барномаи таълимӣ муайян мекунад, муҳим аст. Барои мусоидат кардан ба рушди лаёқатмандӣ ин талабот бояд дар сатҳи зарурӣ бошад.

Лаёқатмандии инфиродии хонанда ҳамчун маҳорати муайяни табиӣ низ баррасӣ мешавад. Дар чунин ҳол вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки дар раванди таълим кӯдакро ба ин маҳоратҳо мутобиқ кунад, онҳоро ҳифз намояд ва лаёқатмандиҳоро ба кор дарорад. Шартҳои амалисозии ин усул дарёфт ва интихоби чунин хонандагон қабл аз рафтан ба мактаб, барои онҳо ташкил намудани дарсҳои махсуси таълимӣ, таҳияи барномаҳои махсуси таълимӣ ва ғайра мебошанд. Меъёрҳои интихоби хонандагони болаёқат аз типи муассисаи таълимӣ ва барномаи таълимӣ, инчунин афзалиятҳои додаи педагог ва равоншиносоне, ки кӯдакони болаёқатро интихоб мекунанд, вобаста мебошанд. Раванди таълим дар ин ҳол ба ноил шудан ба дастовардҳо аз рӯи фанҳое, ки ба ҳамин типи лаёқатмандӣ мутобиқат мекунанд, новобаста аз он ки технологияҳои дар раванди таълим истифодамешуда то чи андоза ба рушд ва саломатии кӯдак безараранд, нигаронида шудааст. Рушди ин кӯдакон ба шаклгирии шахсияте, ки лаёқатмандии мазкурро, новобаста аз натиҷаҳои манфӣ ва мусбии он, татбиқ карда метавонад, нигаронида шудааст. Ҳамин тариқ, барномаҳои таълимӣ ва раванди таълим дар ин ҳолат ба омода кардани мутахассиси варзида дар соҳае, ки ба лаёқатмандии кӯдак мувофиқат мекунад, нигаронида шудааст: математика, физика, мусиқӣ, филология, табиатшиносӣ ва ғайра.

Яке аз хусусиятҳои инкишофи кӯдакони лаёқатманд ин аст, ки онҳо дар муқоиса бо кӯдакони дигар мутафовит будани худро дарк мекунанд. Дар натиҷа, баъзеи онҳо эҳсос мекунанд, ки нисбат ба дигар ҳамсолон ба баъзе корҳо ҳуқуқи бештар доранд. Аммо, чунон ки маълум аст, одам ҳар қадар имкониятҳои зиёд дошта бошад, бояд бештар нисбат ба кирдораш масъулиятшинос бошад. Аз ин бармеояд, ки таълим бояд ба рушди истеъдоди фитрии кӯдакон нигаронида шуда, ҳатман рушди махсуси шуури маънавию ахлоқии онҳо, ҳисси масъулият барои худ ва дигарон, таҳаммулпазирӣ ва ғайраро низ дар бар гирад. Маълум мешавад, ки таълими кӯдакони лаёқатманд ҳатман заминаи равонии рушди шахсии онҳоро бояд дар бар гирад [6, 134].

Аксар вақт муаллимон ва дигар мутахассисон бо истеъдоди синну солӣ (муваққатӣ) сару кор доранд, ки он дар як синну сол равшан зоҳир шуда, дар синни дигар ногаҳон нопадид мешавад (ё ногаҳон пайдо мешавад). Дар ин давраи синну соли ҳассос кӯдак ба категорияи боистеъдод дохил мешавад ва пас аз муддате истеъдоди ӯ “ғайб мезанад”.

Лаёқати ниҳонӣ масъалаест, ки камтар омӯхта шудааст ва муайян кардан он душвор аст. Барои муайян кардани чунин лаёқатмандӣ шароити махсус, ё як намуди махсуси фаъолият лозим аст. Вақте сухан дар мавриди лаёқатмандии ошкор меравад, мо бо истеъдод ҳамчун падидаи на танҳо психологӣ, балки иҷтимоӣ низ сарукор дорем, зеро истеъдод тавассути он навъи фаъолиятҳое зоҳир мешавад, ки муҳити иҷтимоӣ ба кӯдак фароҳам меорад. Вақте сухан дар бораи лаёқатмандии ниҳонӣ меравад, он бештар ҳамчун як падидаи табиии равонӣ зоҳир мешавад. Дар навбати худ ин сухан маънои онро дорад, ки ҳар як кӯдак аз рӯи табиат қобилияти рушди эҷодӣ дорад.

Барои зуҳури лаёқатмандӣ ва қобилият ва умуман фардият, муҳити таълимӣ бояд дар нахуст бисёрҷониба бошад ва тавре сохта шавад, ки ба рушди табиии майлҳои равонӣ ва ҷисмонии мактаббачагон зарар нарасонад. Муҳити таълимӣ ҳамчун шарти омӯзиш ва инкишофи хонандагон, аз як тараф, бояд имкони на танҳо масъулгардонӣ, балки кам кардани масъулияти зеҳнӣ, эҳсосӣ ва ҷисмониро дар бар гирад. Аз ҷониби дигар, он бояд на танҳо ҳамчун объекти тарҳрезӣ ва моделсозӣ, балки ҳамчун объекти экспертизаи психологию педагогӣ низ амал кунад, то мутобиқати он ба ҳадафҳо ва вазифаҳои таълим, инчунин мутобиқати он ба хусусияти ҷисмонӣ ва инкишофи рӯҳии хонандагон таъмин карда шавад.

Дар ташаккули эҷодии кӯдаки лаёқатманд, пеш аз ҳама, омӯзгор, ки масъули асосии эҷоди муҳити таълиму тарбия мебошад, мусоидат мекунад. Ин масъулият нисбат ба тайёрии касбӣ ва шахсии омӯзгор талаботҳои махсус мегузорад. Дар ин ҷо сатҳи хуби таълими фаннӣ дигар кифоя нест, зеро таълим бо ин равиш характери инкишофёбанда пайдо мекунад. Технологияҳои анъанавии таълим, ки ба интиқоли дониш, малака ва маҳорат аз рӯи як фанни мушаххас ба хонанда нигаронида шудаанд, бо технологияҳои рушддиҳандае, ки ба рушди қобилияти хонанда ҳамчун субъекти фаъолияти таълимӣ ва раванди рушд дар маҷмӯъ (рушди ҷисмонӣ, эҳсосӣ, зеҳнӣ, шахсӣ, рӯҳонӣ ва ахлоқӣ) нигаронида шудаанд, иваз карда мешаванд.

Бо дарназардошти хусусиятҳои психологӣ, физиологӣ, дидактикӣ ва дигар хусусиятҳои тарбия ва инкишофи кӯдакони лаёқатманд, талаботи асосии омода намудани омӯзгорон барои кор бо онҳо ин тағйир додани шуури педагогӣ мебошад [10, 121-131]. Тағйир додани шуури педагогӣ гуфта, тағйир ёфтани стереотипҳои идрок (фаҳмиш оид ба донишҷӯ, раванди таълим ва касбияти худ), муошират ва рафтор ва дар натиҷа, усулҳои таълиму тарбия, ки қаблан ба муаллимон омӯзонида шуда буд, дар назар дошта шудааст.

Дар натиҷаи тағйир ёфтани парадигмаи таълимии кишвар – гузариш ба низоми салоҳиятнокӣ, низоми кор дар мактаби муосир ва махсусан кор бо хонандагони болаёқат ногузир тағйир ёфт. Ин гузариш боиси тағйироти динамикии системаи кори омӯзгорон, равоншиносон ва маъмурияти муассисаи таълимӣ гардид. Бо вуҷуди ин, натиҷаҳои баланд дар самти кор бо хонандагони болаёқат дар мактаби муосир танҳо дар сурате ба даст меояд, ки агар консепсияи ягонаи кор дар ин самт аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим таҳия ва амалӣ карда шавад.

Ҳамин тариқ, мураккабии масъалаи лаёқатмандии хонандагон ба як қатор омилҳо вобаста буда, ҳалли мушкилоти он ба иҷрои шартҳои ташкилӣ, кадрӣ, илмию методӣ, моддию техникӣ, хавасмандгардонӣ, меъёрӣ ва молиявӣ вобаста аст.

**АДАБИЁТ**

1. Бабаева, Ю.Д. Психологический тренинг для выявления одаренности (методическое пособие) / Под ред. В.И.Панова. – М.: Молодая гвардия, 1997. – 278 с.
2. Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 июни соли 2014, таҳти №353.
3. Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №113.
4. Беляева, А.В. Одаренные дети в обычной школе // Народное образование. - 1999. - № 9. -С. 183–185.
5. Богоявленский, Д.Б., Богоявленская, М.Е. Психология одаренности: понятие, виды, проблемы. Выпуск 1. - М.: МИОО, 2005. – 176 с.
6. Доровская, А.И. Дидактические основы развития одаренности учащихся. - М.: Российское педагогическое агентство, 1998. – с.210
7. Каримова, И., Норматов, Ш. Ҷанбаҳои равонӣ-педагогии омӯзиши мафҳуми лаёқатмандӣ. /Ш. Норматов // [Матн] - Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф.Бахши педагогика, №2 (30) , 2020.-с. 25-30;
8. Карне, М. Учитель // Одаренные дети. - М.: Прогресс. 1991- С. 235-254.
9. Ландау, Э. Одаренность требует мужества: Психологическое сопровождение одаренного ребенка. – М.: Академия, 2002. – 144 с.
10. Савенков, А.И. Детская одаренность и школьное обучение. Теоретическая модель обогащения содержания образования // Школьные технологии. - 1999. – №1–2. – С. 121–131.
11. Холодная, М.А. Психология интеллекта: парадоксы исследования. - СПб.: Питер, 2002. -272 с.
12. Шумакова, Н.Б., Щебланова, Е.И. Исследование творческой одаренности с использованием тестов П. Торренса у младших школьников при специальном обучении // Вопросы психологии - 1991. - №1. - С. 27–32.

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАРБИЯИ ОИЛАВӢ

***АБДУРАҲМОНИ Муҳаммадӣ** – ассистенти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров, 16, **тел.:** +(992) 987 67 27 77*

Мақола баррасӣ ва таҳқиқибаъзе масъалаҳои тарбияи оилавии кудаконро фаро мегирад. Ба андешаи муаллиф, масъалаҳои вобаста ба тарбияи оилавии кудакон дар замони муосир муҳиммияти зиёд доранд ва тибқи ақидаи муҳаққиқ И.Ю.Кулчитская, падидаи волидайн бо падидаи муҳаббати волидайн ба сифати роҳи аз ҳама самарабахши таълиму тарбия робитаи зич дорад: ин муҳаббат байни марду зан, муҳаббат ба Ватан, писарон, муҳаббат ва баъзе намудҳои дигар ва дар ниҳоят муҳаббати волидайн алорқаманд мебошад. Маҳз аслияти муҳаббати чунин ҳиссиёт, ба монанди муҳаббати волидайн зоҳир мешавад. Моҳияти ин ҳисси фидокорӣ мебошад. Ҳарчанд муҳаббати волидайн набошад, беэътиноӣ нисбати вақте, ки онҳо чизеро дӯст намедоранд, баръакси ҳама чиз ошкор мешавад. Муҳаббати падару модарӣ арзишманд мебошад, аммо, вай хоҳиши такмил додани фарзандашро бозмедорад, дақиқ будани ӯро кам намекунад.

Фикрҳояшро ҷамъбаст карда, муаллиф зикр мекунад, ки мафҳуми «оилаи номутаносиб» метавонад танҳо дар робита бо кӯдаки мушаххасе ба миёнояд, ки ин номунтазам ба он таъсир мерасонад. Танҳо низоми муносибатҳои оила ва кӯдак ҳуқуқ дорад, ки ҳамчун бехатар ва номувофиқ ҳисоб карда шавад. Муҳаққиқон дар ин гурӯҳ оилаҳоеро дар бар мегиранд, ки фаъолияташон бо сабаби қобилияти педагогӣ аз ҷониби волидонашон мушкил шудааст. Дар оилаҳои аз ҷиҳати педагогӣ носолим фарҳанги пасти маъмулӣ бо набудани фарҳанги педагогӣ ва муҳимтар аз он, ки

намехоҳанд тағйирот ва ислоҳ кардани чизеро дар худ дошта бошем, вуҷуд дошта метавонад. Дар ин самт, проблемаҳои муосири педагогии оиларо бояд баррасӣ ва арзёбӣ кунем.

***Вожаҳои асосӣ:*** *тарбияи оилавӣ, баъзе масъалаҳо, муҳаққиқон, ҷиҳати педагогӣ, қобилияти педагогӣ, фарҳанги педагогӣ, оилаҳои носолим, ислоҳи ҷомеа, фарҳанги паст, муносибатҳои оилавӣ, номунтазам.*

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ СЕМЕЙНОГО ВОСПИТАНИЯ

***АБДУРАХМОНИ Мухаммади*** *– ассистент Кулябского государственного университета им. Абуабдуллох Рудаки, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16,* ***тел.:*** *+(992) 987 67 27 77*

В статье рассматриваются некоторые проблемы семейного воспитания детей. По мнению автора, вопросы, связанные с семейным воспитанием детей, очень актуальны в современную эпоху, и, по согласно И.Ю.Кульчицкого, феномен родительская привязанность тесно связана с феноменом родительской любви как наиболее эффективного способа воспитания: любовь к Родине, сыновья, любовь и некоторые другие виды и в конечном итоге любовь родителей. Это та любовь, которую чувствуют родители. Суть этого чувства самопожертвование. Даже если нет родительской любви, пренебрежение тем, что они не любят что-то, является противоположностью всего. Родительская любовь драгоценна, но она не уменьшает желания ребенка совершенствоваться и не снижает его или ее точность.

Подводя итог, автор отмечает, что понятие «непропорциональная семья» может возникнуть только по отношению к конкретному ребенку, который подвержен нерегулярному воздействию. Только система семейных и детских отношений имеет право считаться безопасной и неуместной. Исследователи в этой группе включают семьи, чья деятельность ограничена педагогическими способностями их родителей. В педагогически нездоровых семьях может быть низкий уровень жизни при отсутствии педагогической культуры и, что более важно, нежелание что-либо менять и исправлять. В связи с этим необходимо рассмотреть и оценить современные педагогические проблемы семьи.

***Ключевые слова:*** *семейное воспитание, некоторые проблемы, исследователи, педагогика, педагогические способности, педагогическая культура, нездоровые семьи, социальная* реформа, низкая культура, семейные отношения, нерегулярность.

## SOME ISSUES OF FAMILY EDUCATION

***ABDURAHMONI Muhammadi*** *- Assistant at the Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki, Kulob, S. Safarov str., 16,* ***Phone:*** *+(992) 987 67 27 77*

The article discusses some problems of family education of children. According to the author, issues related to the family upbringing of children are very relevant in the modern era, and, according to I.Yu.Kulchitsky, the phenomenon of parental attachment is closely related to the phenomenon of parental love as the most effective way of education: love for the motherland, sons, love and some other species and the ultimate love of parents. This is the love that parents feel. The essence of this feeling is self-sacrifice. Even if there is no parental love, neglecting the fact that they do not like something is the opposite of everything. Parental

love is precious, but it does not diminish the child's desire to improve and does not diminish his or her accuracy.

Summing up, the author notes that the concept of "disproportionate family" can arise only in relation to a specific child who is subject to irregular effects. Only a system of family and child relationships has the right to be considered safe and inappropriate. Researchers in this group include families whose activities are limited by the pedagogical abilities of their parents. In pedagogically unhealthy families, there may be a low standard of living in the absence of a pedagogical culture and, more importantly, an unwillingness to change or correct something. In this regard, it is necessary to consider and evaluate the modern pedagogical problems of the family.

***Keywords:*** *family education, some problems, researchers, pedagogy, pedagogical abilities, pedagogical culture, unhealthy families, social reform, low culture, family relations, irregularity.*

Масъалаҳои вобаста ба тарбияи оилавии кӯдакон дар замони муосир муҳиммияти зиёд доранд.

Тавре ки муҳаққиқ И.Ю.Кулчитская мегӯяд, падидаи волидайн бо падидаи муҳаббати волидайн ба сифати роҳи аз ҳама самарабахши таълиму тарбия робитаи зич дорад: ин муҳаббат байни марду зан, муҳаббат ба Ватан, писарон, муҳаббат ва баъзе намудҳои дигар ва дар ниҳоят муҳаббати волидайн алорқаманд мебошад. Маҳз аслияти муҳаббати чунин ҳиссиёт, ба монанди муҳаббати волидайн зоҳир мешавад. Моҳияти ин ҳисси фидокорӣ мебошад. Ҳарчанд муҳаббати волидайн набошад, беэътиноӣ нисбати вақте, ки онҳо чизеро дӯст намедоранд, баръакси ҳама чиз ошкор мешавад Муҳаббати падару модарӣ арзишманд мебошад, аммо, вай хоҳиши такмил додани фарзандашро бозмедорад, дақиқ будани ӯро кам намекунад [6,26].

Дар ҷомеаи мо, мегӯяд ҷомеашинос Л.В. Картсева, мавқеъ дар ҳамбастагии се сатҳи субъектҳо: ҷомеа, оила ҳамчун як гурӯҳи хурди иҷтимоӣ ва шахс тағйир ёфт. Ҳатто дар давраи пеш аз ислоҳот, зинанизоми муносибатҳои онҳо ба (аҳром) пирамида монанд буд, ки дар заминаи он шахс воқеъ аст ва дар боло ҷомеа аст, имрӯз мавқеъҳо ба куллӣ тағйир ёфтанд: шахс мавқеи болоӣ, пешбарро гирифт, дар ҳоле ки ҷомеа дар сатҳи поёнтар, тобеътар пайдо шуд. Оила мавқеи марказии худро дар зинанизом нигоҳ дошт ва ҳамчун хатту нуқтае барои ҳалли ихтилофҳо байни ҷомеа ва шахс ҳамчунон монеа шуд [3,с.94].

Проблемаҳои иҷтимоию иқтисодии волидони муосир:

-бухрони демографӣ. Муҳаққиқ В.В.Бодрова нишон медиҳад, ки бӯҳрони иҷтимоию иқтисодӣ ба кам шудани шумораи кӯдакон дар оила таъсир расонидааст ва на он қадар мушкилиҳои зиндагӣ ҳамчун ҳисси тарс ва номуайянӣ ба вуҷуд омадаанд, ки дар кӯдакон зоҳиршуда тарбияи дуруст мегиранд;

-мутобиқгардонии оилаи муосир ба бад шудани вазъи моддӣ ва иқтисодии онҳо. Паст шудани сатҳи зиндагӣ дар натиҷаи кам шудани якбораи даромадҳо, кам шудани манбаъҳои онҳо, зиёд шудани бекорӣ ва набудани даромади муқаррарӣ, ҳатто ҳангоми шуғли пурраи кор, боиси маҳдуд шудани ниёзҳои дигар - хонавода, физиологӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва маънавӣ мегардад.

Оилаҳои нопурра ба меъёрҳои иҷтимоӣ табдил ёфтаанд; оилаҳое, ки фарзандони ғайрирасмӣ ба воя мерасанд; оилаҳое, ки сарварии шарикӣ доранд [6, с.34]. Тағйирот дар сохтори оила, ки он метавонад ҳамчун стратегияи мутобиқшавии танҳо дар ақлашон дида шавад, аммо дар асл не. Аммо, умуман рад кардани издивоҷ ё қатъи сунъии он барои ҳаллу фасли мушкилоти оила самарабахш нест ва аз ин рӯ, ин стратегияҳоро ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ номидан мумкин нест.

Заиф шудани институти табиии модар. Муносибатҳои оилавӣ аксар вақт бефоида ва беманфиат мешаванд, шумораи «кӯдакони партофташуда» меафзоянд,

инчунин нисбати волидони зинда беэътиноӣ ва ятимӣ зоҳир мешавад. Ба ном таваллуд кардани модар пайдо мешавад. Кӯдакони берун аз оила ятимҳои иҷтимоӣ ҳастанд ва шумораашон хеле зиёд аст. Аммо ҳатто дуртар аз оила кӯдакони кӯча ҳастанд. Инҳо кӯдаконе мебошанд, ки боми болои сар надоранд, бе кӯмаки волидон ё хешовандон мондаанд. Дар кишварҳо ҳатто дар солҳои Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ фоҷиаи чунин таносубҳо рӯй надода буд [4, с.205].

Паст шудани вазифаи репродуктивии оила ҳамчун посух ба ноустувории иҷтимоию иқтисодӣ, пеш аз ҳама, оилаҳое, ки сатҳи баланди фарҳангӣ ва масъулияти баланд доранд, қарзи падару модарӣ нисбат ба фарзандон мебошад. Аз ин рӯ, гуфта метавонем, ки коҳиши нақшаҳои репродуктивии аҳолӣ як навъ вокуниш ба ноустувории иқтисодӣ ва сиёсӣ аст.

Тағйирот дар иҷрои вазифаҳои иҷтимоии оила. Вазифаи репродуктивӣ дар шакли кам иҷро карда мешавад. Миқдори кӯдакони таваллудшуда аз миқдори камтар аз идеалӣ хеле камтаранд. Волидайн вазифаи таълимиро на камтар фаъолона иҷро мекунанд. Танҳо каме аз нисфи зану шавҳарон дар издивоҷи расмӣ вақти зиёдро барои тарбияи фарзанд сарф мекунанд. Қариб аз се як ҳиссаи онҳо (29%) ба кӯдакон аз ин вазъу ҳолат ба кор ҷалб карда мешаванд. Сабабҳо хеле прагматикӣ мебошанд: мушкилоти молиявӣ (34%), бори аз ҳад зиёди кор (31%), миқдори зиёди корҳои хона (14%), набудани дониш ва таҷрибаи зарурӣ (8%) [3,с.98].

Вазифаҳои ғайришахсӣ дар оила иҷро кардани вазифаҳои якхела мебошанд: мушкилӣ - хонаводагӣ, моддӣ, иқтисодӣ, фароғатӣ ва иртиботӣ-муоширатӣ, назорати иҷтимоӣ, ҷинсӣ ва ғайра.

Ноустувории вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, идеологӣ, бадном кардани бисёр дастурҳои ахлоқӣ фишори равонии оммавиро ба вуҷуд меорад, ки ба саломатии умумии рӯҳонӣ ва ҷисмонии одамоне, ки ҳоло дигаргуниҳои амиқро дар соҳаҳои дарк, тафаккур, эҳтиёҷот ва ҳавасмандгардонӣ, набзи ҳаёт, фазои фаъолият, таҷрибаҳои эҳсосотӣ, ҷанбаҳои ахлоқӣ ва арзишмандии будан мегузаронанд [8].

Мушкилоти психологиву педагогии оилаи муосир. Нуфузи оила ҳамеша тағйирёбанда аст ва боқӣ хоҳад монд, барои он ки оила маркази қонеъ кардани ниёзҳои зиёд аст: табиӣ, биологӣ, психологии иҷтимоӣ, психологии инфиродӣ, ҳамчун шахсият, ҳамчун узви воқеӣ.

Сарфи назар аз ҳама дигаргуниҳое, ки оила дар ҷанбаи институтсионалӣ гузошт, он ҳамчун яке аз арзишҳои муҳим барои инсон боқӣ мемонад. Имрӯз ҳам мардон ва ҳам занон баробар ба эҳсосоти самимӣ, садоқат ва ҳамдардӣ эҳсос мекунанд, ки дар муносибатҳои хонаводагӣ ва оилавӣ ба назар мерасанд.

Аҳамияти оила барои шахс низ тасдиқи он аст, ки дар он одамон эътимоди тавлиди фарзандро ба нақша мегиранд, бештар ба тарбияи онҳо машғул мешаванд ва афзоиши шумораи кӯдакон дар оила меафзояд. Танҳо як оилаи устувор, ба расмият даровардашуда барои таълим ва иҷтимоигардонии фарзанд шароити мусоид ва зарурӣ фароҳам меорад.

Дар ҷомеаи муосир, тағйири нақшҳои оилавии падару модарон рух додааст. Тибқи нишондодҳои муаррихон, дар маҷмӯъ, дар аввал рӯҳияи ғуломдорӣ дар муносибатҳои байни падару модарон ва фарзандон дар бартарӣ дошт, аксар вақт қудрати падару модарон ба «бе қудрати ахлоқӣ» ба истибдод гузаштанд [5,с.206]. Аммо, ба гуфтаи муҳаққиқ Н.И. Костомарова зикр мекунад, ки «фарзандон дар ҳузури падару модари худ, аз кӯдакӣ ёд гирифтанд, ки онҳоро дар баробари ҳамсолони таҳқир кунанд». Сатҳи пасти иҷтимоии занон то асри XIX то андозае ҳатто ҳуқуқҳои модарии онҳоро маҳдуд мекард. «Ба ӯ ва аҳёнан ба фарзандони худ таъсир мегузоштанд, аз он, ки як зани шариф ба шири сина додани кӯдакон носолим ҳисобида мешуд, ки ба ҳамшираи шафқат вогузор мешуд; баъдтар модар нисбат ба мураббияҳо ва

хешовандон, ки фарзандони худро дар зери сарпарастии падар ба воя расонданд, назоратро камтар ба роҳ монданд» [5,с.206].

Ҷудокунии нақшҳои модарӣ ва падарӣ вобаста ба қабати иҷтимоӣ хеле фарқ мекард. Дар оилаҳои деҳқонӣ, ба гуфтаи муҳаққиқ Б.Н. Миронова, «то синни 7-солагӣ кӯдаконро танҳо модаронашон ба воя мерасонданд, аммо аз ин син (н) писарони онҳо тадриҷан зери назорати падар буданд ва онҳо малака ва қобилиятҳоеро, ки деҳқон бояд донад, ташаккул медоданд ва духтарон зери назорати модар буданд. Таълими малакаҳои меҳнатӣ дар ҷои аввал буд» [7, с.238].

Педагогикаи халқӣ маҷбурӣ ва зӯровариро шаклҳои муқаррарӣ ва муҳими гирифтор шудан ба одамони бадхоҳ эътироф кардааст. Муносибатҳои оилавии деҳқонон танҳо дар охири солҳои XIX-ум ва ибтидои асри XX зери таъсири расму оинҳои шаҳрӣ, хоҷагидорӣ, тиҷоратикунонии иқтисодиёт ва иштироки фаъолонаи занон дар фаъолияти иқтисодӣ каме беҳбуд ёфтанд. Дар оилаҳои шаҳрӣ тоҷирон, ҳунармандон, кӯдакон комилан ба волидони худ тобеъ буданд, аз хурдсолӣ ба онҳо дар корҳои хона ёрӣ мерасонданд ва вақте ки калон мешуданд, онҳо ба тиҷорати оилавии падари худ ворид мегаштанд. Нақши волидон дар ин муҳит қариб дар байни деҳқонон тақрибан якхела буд.

Дар оилаҳои некӯаҳвол, муносибатҳои эҳсосии байни зану шавҳар одатан набуданд, зеро издивоҷ ризояти оилаҳои волидайн буд. Дар байни модарон ва духтарон ва байни падарон ва писарон низ муҳаббат кам мавҷуд буд, муносибати ҳувият ва раҳбарӣ бартарӣ дошт. Дарҳол пас аз таваллуд кӯдак ба нигоҳубини парастор мерафт. Аз 5 то 7 сола омӯзгорон ва мураббиён ба ӯ таъйин карда мешуданд, баъдтар кӯдакон ба мактабҳои кишвар ё хориҷа дохил мешуданд ва аксар вақт вобаста мешуданд. Модарон ва падарон дар оилаҳои некӯаҳвол фарзанд доштанд. Одатан занҳо барои ҷудошавӣ аз шавҳар ҷубронпулӣ мегирифтанд, ҳадди аққал дар муҳаббат ба писарон, вале на барои духтарон. Модарон ба духтарони худ таълим медоданд, аммо зиёд дӯсташон намедоштанд. Мардоне, ки иҷозати истифодаи маблағро доштанд, ба роҳи арӯсӣ мебаромаданд, дигарон онро дар муносибатҳои маҳрамона бо духтарони серфарзанд пайдо мекарданд» [7, с.259].

Дар семоҳаи дуюми асри XIX дар ҷомеаи маълумотноки Ғарб ғояҳои либералии арзиши шахсӣ, муҳаббат, раҳо кардани занон ва кӯдакон паҳн шуда мешуд. «Муносибат байни модарон ва духтарон хеле тағйир ёфта буд. Занони бомаърифат аз имконияти истифодаи қувваҳои худ дар соҳаи ҷамъиятӣ ба таълиму тарбияи духтарони худ фаъолона шурӯъ карданд, зеро таълими писарон ба таври анъанавӣ афзалияти падарон ва омӯзгорони хонагӣ ва муассисаҳои таълимӣ буд» [7].

Хатти алоҳида бояд ба мушкилоти падарӣ дар таърихро таъкид кунад. Нақши падар ҳамчун интиқоли ахлоқи динӣ ва арзишҳои оилавӣ тағйир меёфт. Масалан, Ф.М.Достоевский дар соли 1876 бӯҳрони қудрати падариро «тарки идеологии падарон» номидааст [2].

Бояд қайд кард, ки ин анъана дар солҳои 90-ум аз нав эҳё шуд, вақте ки дар Ғарб «одамони нав» пайдо шуданд. Фиристодани кӯдакон ба хориҷа, масалан, Англия, ИМА барои ҷалби муаллимони баландихтисос ба хонаҳои хонагӣ бамаврид гашта буд.

Дар замони шӯравӣ яке аз муҳимтарин вазифаҳои волидайн - тарбияи ахлоқӣ, ташаккули низоми арзишҳои маънавӣ буд. Волидайн, ба гуфтаи муҳаққиқ А.И.Антонов, ба «мутобиқат ба талаботҳои иҷтимоӣ ва меъёрҳои нигоҳдории кӯдакон, тақлид ба ҳаёти оилавӣ ва тарзи либоспӯшӣ таваҷҷӯҳ мекарданд [1,с.11].

Модарон ва падарони коргар каме вақтро ба кӯдакон сарф мекарданд, аксар вақт дигарон кӯдаконро нигоҳубин мекарданд. Дар оилаҳои шӯравӣ модарону падарони зиёиён дар солҳои 80-ум бештар ба таълиму тарбияи фарзандон машғул буданд ва манфиатҳои онҳоро медонистанд. Дар ин «қабати маҳдуд» амалияҳои шарикӣ на ба ҳадди аксар расонидани муносибатҳои авторитарӣ бо кӯдакон, рушд

ёфтаанд. Волидони маълумотдор адабиёти махсус, аз ҷумла адабиёти тарҷумашударо меомӯхтанд, дар фарзандони худ арзишҳои «ғайритабиӣ»-ро тарбия мекарданд.

Дар Ғарб солҳои 90-ум, дар шароити нави иҷтимоӣ гузариш аз ҳолати аввала ба таълими оилавӣ оғоз шуд, ки ҳадди ақалл назариявӣ масъулияти падару модаронро дар назди фарзандон афзун кард. Дар ин давра, истилоҳи волидайн дар луғатҳои илмӣ ба кор бурда шуд.

Аммо, оилаи муосир на ҳамеша вазифаҳои ҳаётан муҳимро барои рушд ва ташаккули иҷтимоии кӯдак иҷро менамуд. Чунин оилаҳоро бо мафҳуми «оилаи номутаносиб» муттаҳид мекунанд. Ин оилаест, ки дар он кӯдак нороҳатӣ, ҳаяҷону изтирб, беэътиноиро аз ҷониби калонсолон эҳсос мекунад, мавриди зӯроварӣ ё таҳқир қарор мегирад. Мафҳуми «оилаи номутаносиб» метавонад танҳо дар робита бо кӯдаки мушаххасе ба миён ояд, ки ин номунтазам ба он таъсир мерасонад. Танҳо низоми муносибатҳои оила ва кӯдак ҳуқуқ дорад, ки ҳамчун бехатар ва номувофиқ ҳисоб карда шавад. Муҳаққиқон дар ин гурӯҳ оилаҳоеро дар бар мегиранд, ки фаъолияташон бо сабаби қобилияти педагогӣ аз ҷониби волидонашон мушкил шудааст. Дар оилаҳои аз ҷиҳати педагогӣ носолим фарҳанги пасти маъмулӣ бо набудани фарҳанги педагогӣ ва муҳимтар аз он, ки намехоҳанд тағйирот ва ислоҳ кардани чизеро дар худ дошта бошем, вуҷуд дошта метавонад. Дар ин самт, мо проблемаҳои муосири педагогии оиларо бояд баррасӣ ва арзёбӣ кунем.

## АДАБИЁТ

1. Антонов, А.И. Кризис семьи и родительства / Проблемы родительства и планирования семьи/А.И.Антонов/Отв. ред. А.И. Антонов.-М.: ИС РАН, 1992
2. Достоевский, Ф.М. Полн. собр. соч. Т.23/Ф.М.Достоевский. - Л.: Наука, 1981.- 421с.
3. Карцева, Л.В. Модель семьи в условиях трансформации российского общества/Л.В.Карцева //Социологические исследования. -2003.- № 7.
4. Колеченков, Н.В., Сологуб, Л.Г. Что происходит в демографическом развитии России? / Н.В.Колеченков, Л.Г.Сологуб//Социально-гуманитарные знания. -2003.- № 3.
5. Костомаров, Н.И. Очерк домашней жизни и нравов великорусского народа в XVI и XVII столетиях/Н.И.Костомаров.-М.:«Республика», 1992.-301с.
6. Кульчицкая, И.Ю. Формирование педагогической культуры родителей в учреждении дополнительного образования. Дисс. на соиск. уч. ст. канд. пед. наук/И.Ю.Кульчицкая. - Ставрополь, 2005.-169с.
7. Миронов, Б.Н. Социальная история России периода Империи (XVIII - начало XX в.) Т.1/Б.Н.Миронов. - СПб.: «Дмитрий Буланин». -1999. - 548с.
8. Фельдштейн, Д.И. Глубинные изменения современного детства и обусловленная ими актуализация психолого-педагогических проблем развития образования/Д.И.Фельдштейн. -Выпуск 119. - Сер. Избранные лекции университета. - Санкт-Петербургский Гуманитарный университет профсоюзов.- 2011.- 25с.
9. Филонов, Г.Н. Свобода личности и воспитание/Г.Н.Филонов// Педагогика. - 2005.- №9.- С.25-33.
10. Философский энциклопедический словарь. -М.: ИНФРА-М, 2000.

# МАВҚЕИ САЛОҲИЯТИ МАЪРИФАТӢ – ЭҶОДӢ ДАР ТАЙЁРИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА

***АБДУЛЛОЗОДА Маҳфуза*** *– ходими илмии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ, 126.* ***E-mail:*** *mahfuza.abdullozode@gmail.com,* ***тел.:*** *+(992)777 09 02 02*

Дар мақола мавқеи салоҳияти маърифатӣ – эҷодӣ дар тайёрии касбии омӯзгорони оянда, ки ба рушди касбӣ ва шахсияти донишҷӯён нигаронида шудааст, дар заминаи тағйироти сифатӣ ва сохторӣ дар системаи таҳсилоти олӣ тибқи навсозии он баррасӣ шудааст.

Муаллиф қайд менамояд, фаъолияти омӯзгорон вобаста ба пешрафти ҷаҳони муосир, ки тамоюли ба ҳам пайвастани технологияҳои таълимию иттилоотӣ ва инчунин дар заминаи ташаккул додани технологияи куллан нави ҳамгирошудаи омӯзиш, пеш аз ҳама технологияи интернетӣ рушд меёбад.

Зеро маҳз дар консепсияи муосири таълим моҳият ва вазифаи омӯзгор на танҳо интиқол додани дониш арзёбӣ шудааст, балки рисолати олии эҷоди шахсият, ташаккули камолоти маърифатии он ва рушди ҳадафҳои асосии шахсияти ҷомеаи навин нишон дода шудааст.

***Вожаҳои асосӣ:*** *омӯзгор, донишҷӯ, технологияи муосир, таълим, омӯзиш, шахсият,тарбия, тафаккури эҷодӣ, малака ва маҳорати касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, салоҳияти касбӣ.*

## РОЛЬ ПОЗНАВАТЕЛЬНО-ТВОРЧЕСКОЙ КОМПЕТЕНЦИИ В ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ПОДГОТОВКЕ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ

***АБДУЛЛОЗОДА Махфуза*** *– научный сотрудник Института развития образования им. А. Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни, 126.* ***E-mail:*** *mahfuza.abdullozode@gmail.com,* ***тел.:*** *+(992)777 09 02 02*

В статье рассматривается роль познавательно-творческой компетенции в профессиональной подготовке будущих учителей, направленной на профессиональное развитие и развитие личности студентов, в условиях качественных и структурных изменений в системе высшего образования по мере ее модернизации.

Автор отмечает, что деятельность педагогов развивается в связи с прогрессом современного мира, стремящегося к объединению образовательных и информационных технологий, а также на основе формирования принципиально новой интегрированной технологии обучения, в первую очередь интернет-технологий.

Поскольку в современной концепции образования сущность и задача учителя оцениваются не только в передаче знаний, но также показана высшая миссия созидания личности, формирование ее познавательной зрелости и развитие основных целей личности нового общества.

***Ключевые слова:*** *преподаватель, студент, современные технологии, обучение, исследование, личность, воспитание, творческое мышление, профессиональные навыки и умения, учреждения высшего образования, профессиональные компетенции.*

## THE ROLE OF COGNITIVE AND CREATIVE COMPETENCE IN THE PROFESSIONAL TRAINING OF FUTURE TEACHERS

***ABDULLOZODA Mahfuza** – researcher at the Institute of Development of Education named after A. Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, Ayni st., 126. **E-mail:** mahfuza.abdullozode@gmail.com, **phone:** +(992)777 09 02 02*

The article discusses the role of cognitive and creative competence in the professional training of future teachers, aimed at the professional development and personality of students, in the context of qualitative and structural changes in the higher education system according to its modernization.

The author notes that the activities of teachers are developing in connection with the progress of the modern world, striving to combine educational and information technologies, as well as on the basis of the formation of a fundamentally new integrated learning technology, primarily Internet technologies.

Since in the modern concept of education the essence and task of the teacher is evaluated not only in the transfer of knowledge, but also shows the highest mission of creating the personality, the formation of its cognitive maturity and the development of the main goals of the personality of the new society.

***Key words**: teacher, student, modern technologies, teaching, research, personality, education, creative thinking, professional skills and abilities, institutions of higher education, professional competencies.*

Ислоҳоти низоми мавҷудаи таълим дар давраи татбиқи “Барномаи тайёр намудани мутахассисони таҳсилоти олии касбӣ барои солҳои 2016-2020” ва Қонун "Дар бораи маориф" тайёр намудани шахсияти ҳамаҷониба ташаккулёфтаи шаҳрвандонро тавассути системаи таҳсилоти муттасил, ки дар он таҳсилоти олӣ ҷои махсусро ишғол мекунад, пешбинӣ шудааст. Дар давраи муносибатҳои бозоргонӣ ва пешрафти технологияи муосир талабот ба маҳорати педагогӣ ва салоҳияти касбии омӯзгорони оянда боз ҳам бештар мешавад.

Тағйироти сифатӣ ва сохторӣ, ки дар системаи таҳсилоти олӣ дар заминаи навсозии он ба амал омада истодаанд, дар ниҳоят ба рушди касбӣ ва шахсияти донишҷӯён нигаронида шудаанд. Мо ин ду ҷузъи муҳимтарини мутахассисро дар мафҳуми "салоҳияти касбӣ" муттаҳид намуда, ба ин падида хислати муайяни умумӣ медиҳем, зеро мо чунин мешуморем, ки он касбият, маҳорат ва қобилияти эҷодӣ, дарки зеҳнӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва ахлоқиро дар бар мегирад. Яъне ин як навъ симои дилхоҳи мутахассисест, ки бояд дар низоми таълимии гуманистии донишгоҳ ташаккул ёбад ва бо самаранокии бештар қобилияти шахсият ва касбияти худро дар фаъолиятҳои мушаххас- тавассути рушди доимӣ, худомӯзӣ ва такмили ихтисос амалӣ намояд.

Аз ин рӯ, дар ҷараёни инкишофи равандҳои таълимии муосир аҳамияти бунёдии салоҳияти касбии педагогӣ, ки ҳамчун ягонагии системавӣ, ҳамгироӣ, синтези малакаҳои зеҳнӣ ва амалӣ ҳисобида мешавад, бештар эътироф карда мешавад. Чунин салоҳияти касбӣ ягонагии маърифатӣ, хусусиятҳои хос ва фарҳангиро дар мундариҷаи фаъолияти таълимии омӯзгор ва инчунин хусусиятҳои шахсии ӯро дар бар мегирад, ки инҳо самтҳои арзишӣ, қобилиятҳо, хислатҳо, омодагӣ ба муомила бо кӯдакон ҳисоб меёбанд. Амалӣ кардани фаъолият имкон медиҳад, ки шахс имкониятҳои худро истифода барад, дар чорабиниҳои фарҳангӣ иштирок намояд, зуд ва бомуваффақият бо муҳит мутобиқ гардад, дар ҷомеа ва фаъолияти касбии худ доимо тағйирот ворид намояд.

Дар заминаи татбиқи Қонун "Дар бораи маориф" ва “Барномаи тайёр намудани мутахассисони таҳсилоти олии касбӣ барои солҳои 2016-2020” барои мактаби муосир на танҳо мутахассиси соҳиби сертификат, балки як шахси эҷодкоре лозим аст, ки ҷаҳонбинии васеъ ва гуногунии манфиатҳояш комилан таъмин бошад. Дарк намудани сарвати маънавӣ ва маҳорати касбӣ дар фаъолияти омӯзгор нақши муҳим мебозад.

Эҷодкорӣ ҳамчун фаъолияти мустақил чизи навро тавлид мекунад. Навоварии онро танҳо аз нуқтаи назари объективӣ ва субъективӣ баҳо додан мумкин аст. Яъне дар навбати аввал, меъёрҳои арзиши иҷтимоӣ ва ҳалли навовариҳо ба ҳисоб меравад ва дар ин ҷо мо метавонем дар бораи эҷодиёт ба маънои томаш ҳамчун фаъолияти рассом, олим, ихтироъкор, омӯзгор ва ғайра сухан ронем. Дар ҳолати дуюм, раванди эҷодӣ дорои навгонӣ ва аҳамияти иҷтимоӣ буда, аммо бо вуҷуди ин, дар раванди фаъолияти эҷодӣ ҳамон равандҳои психологие, ки барои шаклҳои мукаммали эҷодиёт хосанд, метавонанд сурат гиранд. Инро бояд чунин шарҳ дод, ки фаъолияти инфиродии шахс низ дар ин ҳолат кушода мешавад, аммо пеш аз ҳама барои худ ва ба ин васила маҳорат, иқтидори эҷодӣ ва ҷаҳони ботинии худро дар якҷоягӣ ғанӣ мегардонад. Аз ин рӯ, фаъолияти эҷодии хонандагон дар зуҳуроти мухталиф воситаи муҳими рушди бомуваффақияти бисёр хислатҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ, сифатҳои шахсият (хаёлот, тафаккур, далерӣ, азми қавӣ, хислатҳои иродавӣ) мегардад ва ҷалб шудан ба чунин фаъолиятҳо дидактикаи муосир онро ҳамчун унсури зарурии мундариҷаи таълим баррасӣ мекунад.

Муҳаққиқ, академик Муҳаммад Лутфуллозода дар китоби “Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо” чунин қайд намудааст: “Муаллим ин хосияти ташаккулро ҳам дар худ ва ҳам дар замири шогирдон тарбия менамояд. Барои ин, ӯ пеш аз ҳама ба дониши касбиаш машғул мешавад, ки бе он комёб шудан амрест муҳол” [6, 28].

Аз ин рӯ, омӯзгорро зарур аст, ки салоҳияти касбии худро хамеша ташаккул диҳад ва дар фаъолияти амалии худ онро моҳирона истифода барад.

Ҳамзамон, эҷодкории омӯзгор на танҳо дар он аст, ки ӯ бояд усулҳоро коркард намояд, балки ҳар дафъа бо шароити нав ва тағирёбанда дар як ҷо наистода доимо табиати кӯдаконро инкишоф диҳад ва зарур аст, ки ба тариқи аслӣ фикр кунад, амал намояд, то аз нусхабардории мустақим канорагирӣ намояд.

Таҳлили сарчашмаҳои гуногун оид ба проблемаи эҷодкорӣ дар илми педагогӣ ба чунин хулоса омаданро ба мо имкон медиҳад, ки он муҳимтарин нишондиҳандаи камолоти иҷтимоӣ ва касбии омӯзгорро тавсиф мекунад, ки онҳо дар чунин хусусиятҳо зоҳир мешаванд: саъйю кӯшиш барои фаъолияти доимии касбӣ, маърифатӣ, фарҳангӣ ва худтакмилдиҳии маънавӣ; таваҷҷуҳ ба дастовардҳои фаъолият; талабот барои амалӣ намудани фаъолияти эҷодии худ, ҷустуҷӯ, аслият, тафаккури созанда дар робита бо ҷаҳон; қобилияти пайдо кардани роҳҳо ва усулҳои бартараф кардани камбудиҳо баҳри ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарини фаъолият, пешгӯии оқибатҳои фаъолият ва амалҳои худ; қобилияти ба зимма гирифтани масъулият барои натиҷаҳои фаъолияти худ ва коллектив; маҳорати мустақилона тағйир додан, ёфтани норасоиҳои усулҳо ва воситаҳои бо максади амалӣ намудани ҳадафҳои фаъолияти эҷодии худ; самарабахш будани фаъолият, муваффақияти дастовардҳо дар ҳама гуна корҳо ва ғайра. Аз омӯзгор талаб карда мешавад, ки бо назардошти иқтидори имкониятҳои ҳар як тахассуси омӯзгорӣ ва дурнамои рушди он, манфиатҳои ихтисосҳои марбута ва робитаҳои ҳамгироии раванди таълимро ба нақша гирад. Маҳорат ин ба даст овардани натиҷаҳои баландтарин дар фаъолияти муайян ва такмили доимии фаъолияти эҷодии корманд дар он мебошад, ки дар асоси дониш донистани қонунҳои умумӣ ва қисматҳои он, қонунияти рушди табиат, ҷомеа, тафаккур ва моҳирона дар амал татбиқ намудани он дониста мешавад.

Шароити барои ба даст овардани маҳорати касбӣ, аз ҷумла, маҳорати касбии омӯзгорӣ ин истифодаи таҷрибаи меҳнатии худ ҳамчун манбаи такмили дониш, малака ва маҳорати касбӣ; афзоиши фаъолияти амалӣ дар азхудкунии усулҳои беҳтарини кор, ҳамеша мураккаб шудани иҷрои вазифаҳои касбӣ; дар ҳолати зарурӣ – васеъ намудани фаъолияти маърифатӣ ва амалӣ берун аз доираи ихтисоси мазкур; омӯхтан ва азхудкунии таҷрибаи пешқадами кори ҳамкасбон, дар татбиқи бозёфти қаблан ба даст овардашудаи маълум ва такрорнашавандаи худ, ки пас аз чанде метавонад моликияти

дигарон ва умумӣ гардад; зиёд гардидани талабот ба таҳсилоти умумӣ, омодагии сиёсӣ ва касбӣ, ки бидуни дониш ва истифодаи эҷодкоронаи он дар раванди меҳнат ва ташаккули маҳорати касбӣ ғайриимкон аст; муҳаббат ба касби худ; озмоиш дар асоси ҳисобҳои дақиқ, ҷустуҷӯи усулҳои пурсамари кор, эҷодкорӣ ва навоварӣ.

Омӯзгор бояд мукаммал намудани маҳорати педагогӣ, ки ҳам ҳадафҳои мушаххаси таълим барои гурӯҳи санҷишии таълимгирандагонро дошта бошад ва ҳам стандартҳои омодагии касбиро таҳия кунад; бояд қобилияти интихоб кардани миқдори зиёди маводи иттилоотиро дошта бошад, ки ба ҳадафҳои таълим бештар ҷавобгӯ бошанд ва сатҳи зарурии дониш, маҳорат ва малакаро таъмин намоянд.

Тағйирёбии шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва афзалиятҳои нави таҳсилот, ки гузаришро аз шаклҳо ва усулҳои оммавии репродуктивии таълим ба шакли инфиродӣ-эҷодӣ муайян мекунанд, талаботро дар сатҳи тайёрии умумифарҳангӣ ва омодагии махсуси хатмкардагони донишгоҳҳо баланд мебардоранд. Омода намудани мутахассисони ояндаи дорои салоҳияти касбӣ, ки барои ворид шудан ба бозори меҳнат бо эҳтиёҷоти устувори ташаккулёфта барои худомӯзии доимии касбӣ, зарурати объективии таълимӣ аз ҷиҳати илмӣ таъминшудаи хатмкунандагони донишгоҳҳоро дар самти «Таҳсилоти касбӣ» муайян мекунанд. Дар алоқамандӣ бо рушди тафаккури касбии педагогӣ омӯзгорони оянда, ташаккули дониши илмӣ- педагогӣ ва маҳорат, фарҳанги педагогӣ, ки ҳам барои фаъолияти омӯзишӣ ва ҳам барои баланд бардоштани тахассуси умумӣ, салоҳияти касбӣ ва дараҷаи тахассусӣ заруранд, рушд медиҳанд.

Маънавият, ахлоқ, сатҳи маърифатӣ ва фарҳангии омӯзгор ҷузъҳои муҳими раванди таълимии ба шахс нигаронидашуда ҳисоб меёбад. Дар консепсияи муосири таълим омӯзгор на танҳо касбест, ки моҳияти он интиқоли дониш аст, балки рисолати олии эҷоди шахсият, ташаккули камолоти маърифатии он ҳадафи асосии он ба шумор меравад.

Бо дарназардошти он, ки омӯзгор илова бар дониши худ аз рӯи ихтисос ҳангоми оғози раванди таълим бояд соҳиби маҷмӯи дониши педагогӣ ва психологӣ, технология ва методикаи таълим бошад, омӯзиш ва моҳияти он пешбинӣ шудааст. Мафҳумҳои асосии малакаҳои касбии педагогӣ, асосҳои дидактикии ташаккули он, назарияи педагогӣ ва психологии такмили маҳорати касбӣ, ғояҳо, таҷрибаи олимон ва амалиёте, ки дар соҳаи малакаҳои омӯзгорӣ муваффақиятҳои барҷастаро ба даст овардаанд, бо мақсади истифодаи маҳорати эҷодӣ аз ҷониби омӯзгорони оянда ин ғояҳо ва таҷриба дар ташаккули системаи таҷрибаи шахсии худ дастовардҳои илм ва амалияи таълимиро ба ҳам меоранд. Қобили тазаккур аст, ки навсозии таҳсилот чун тамоми соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ ба талаботе вобаста аст, ки онро замона дархост менамояд. Аз ин рӯ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таъкид намудааст: “Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истедодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад”. [8, 25]

Бо истифодаи технологияи инноватсионии таълим ва воситаҳои коммуникатсионӣ омӯзгор бояд ба таълими худ баҳои мувофиқ диҳад. Дониши комил дар бораи фанни худ, муҳаббат ба таълим, доштани малака ва маҳорати касбӣ, қобилияти дарки технологияи муосир тахассуси ӯро муайян мекунад. Омӯзгор бояд ҳам дар мавзӯи асосии таълим ва ҳам дар соҳаи педагогика, дар рушди шаклҳо ва усулҳои инноватсионии таълим салоҳияти кофии илмӣ дошта бошад. Бинобар ин, ҷузъҳои қобилияти педагогӣ: қобилияти созанда - тарҳрезии шахсияти донишҷӯ, интихоб ва таркиби сохтани маводи таълимӣ вобаста ба қобилияти синну сол ва фардияти донишҷӯён; малакаҳои ташкилотчигӣ - ба машғулиятҳои гуногун ворид кардани донишҷӯён ва ба воситаи таъсиррасонӣ ҷалб намудани ҳар як шахси алоҳида ба гурӯҳ;

малакаҳои муошират - барқарор кардани муносибати мутақобила бо донишҷӯён ва ҷалб кардани онҳо ба мутобиқатии рушди ҳадафҳо ва воситаҳо ба ҳисоб меравaнд.

Омӯзгор метавонад натиҷаи хуб ба даст орад, агар ба ёд орад, ки ин барнома барои донишҷӯён аст, на донишҷӯён барои барнома. Маводро ба таври возеҳ, оқилона ва муназзам пешниҳод кунад, то ки робитаҳо ва вобастагиҳои зарурӣ ва муайянро нишон дода тавонад. Суръати омӯзишро ба талаботи аксари донишҷӯён мутобиқ кунад, ба шарте ки онҳо дар кори инфиродӣ ба ақибмонӣ роҳ надиҳанд. Шаклҳои оқилонаи назорати шифоҳӣ, хаттӣ, компютериро истифода бурда, омӯзишро моҳирона пеш барад ва донишҷӯёнро барои ноил шудан ба натиҷаҳои самарабахши таҳсил, ҳамзамон ҳавасмандии онҳоро барои давом додани таҳсил инкишоф диҳад.

Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки дар ҷаҳони муосир тамоюли ба ҳам пайвастани технологияҳои таълимию иттилоотӣ ва инчунин дар заминаи ташаккул додани технологияҳои куллан нави ҳамгирошудаи омӯзиш, пеш аз ҳама технологияҳои интернетӣ ба назар мерасад. Бо истифодаи чунин технологияҳо расонидани маълумоти таълимӣ зуд ва мақсаднок имконпазир мегардад. Дар баробари ин, таълим интерактивӣ мешавад, аҳамияти кори мустақили донишҷӯён рушд меёбад ва суръати самарабахши раванди таълим хеле афзун мегардад.

Раванди муайян кардани мавқеи шахс дар ҷомеа бо муносибати ӯ ба табиат, ҷомеа ва фаъолияти илмию амалӣ ифода меёбад, ки ҳар соат мо шоҳиди тағироти нави сифатӣ дар рушди инсоният ҳастем.

Аз ин рӯ, донишҷӯёни мактабҳои олӣ бояд заминаҳои методикаи нави таълимро азхуд кунанд, мероси бойи маънавӣ, таърихӣ, фарҳангию маърифатии халқи худро донанд, технологияи навтарини омӯзгориро омӯзанд, бо ғояҳои амалии кишварҳои пешрафта ошно бошанд, дар худ сифатҳои маънавӣ ва ахлоқиро тарбия кунанд ва пайваста тафаккури эҷодии худро рушд диҳанд.

**АДАБИЁТ**


1. Адольф, В.А. Ташаккули салоҳияти касбии омӯзгори оянда // Педагогика. - 1998. No 1. - С. 72-75.
2. Бобизода, Ғ. М.,Исрофилниё, Ш.Р., Имомназаров, Д. Муносибати босалоҳият ба таълим. – Душанбе, 2018. 70 с.
3. Выготский, Л.С. Психологияи санъат. - М .: Санъат, 1986. - С. 573.
4. Гершунский, Б.С. Философия образования для XXI века/Б.С.Гершунский.-Москва. -1998.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф"
6. Лутфуллозода, М., Бобизода, Ғ. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо. – Душанбе – 2018, 88 саҳ.
7. Новые педагогические и информационные технологии в системе образования (под ред. Е.С.Полат) - М., "Академия", 1999, 224с.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” Душанбе: “Шарқи озод”. 2018, 48 с.
9. Раҳимов, Ф., Кабутов, Д., Содиров, Ҳ. Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ. – Душанбе, 2008. 251 с.
10. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. Душанбе, 2012
11. Шарифзода, Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ.-Душанбе, 2010, 545 с.


## НИЗОМИ САЛОҲИЯТНОКИҲОИ УМУМИТАҲСИЛОТӢ ДАР БАЛАНДБАРДОРИИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ

***МАДАТЗОДА Манзура** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсети кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121, **тел:** + (992) 98 792 22 00*

Дар мақола сухан дар бораи низоми салоҳиятнокиҳои умумитаҳсилотӣ меравад, ки яке аз роҳҳои такмили ислоҳоти соҳаи маориф арзёбӣ карда мешавад. Муаллиф иброз менамояд, ки тағйиротҳои дар зиндагӣ сурат гирифта, боиси он мегардад, ки равандҳои таълим ва тарбия ҳамчун воситаҳои ташаккули шахсият на ҳамчун фарди муқаррарӣ, балки ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеа арзёбӣ мегарданд. Зиёда аз ин, равшан аст, ки ҷаҳонишавии таҳсилот дар миқёси ҷаҳон шахсияти аз ҷиҳати касбӣ баландихтисосро талаб мекунад, ки қобил аст ҳадафҳо ва вазифаҳои миқёсан калонро амалӣ созад.

Дар мақола таъкид карда мешавад, ки аз сабаби он, ки баъзе салоҳиятнокиҳоро танҳо дар фазои мактаб ташаккул додан мумкин нест, муҳити берунаэсинфиро, ки андӯхти таҷриба, азхудкунии донишҳо ва маҳоратҳои умумиро аз ҷониби хонанда таъмин мекунад, қисман ба муҳити таҳсилотӣ нисбат додан мумкин аст.

Мувофиқи онҳо ва бо назардошти хусусияти хоси таълим мо низоми салоҳиятнокиҳоеро, ки салоҳиятнокиҳои калидиро дар бар мегиранд, фарқгузорӣ мекунем: *методологӣ* – асосҳои созандагии фаъолиятро аз рӯйи мураттабсозии зинанизомии донишҳо, маҳоратҳо, малакаҳо, усулҳои фаъолият, методҳо, робитаи ҷаҳонбинӣ ва маърифат, маънoҳои арзиширо дар бар мегирад; *таҳқиқотӣ* – гузориши ҳадафҳоро дар вазъияти номуайянӣ, тафсири натиҷаро дар бар мегирад. Инчунин бояд салоҳиятнокиҳои байнифанниро низ дар ҷараёни татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим ба ҳисоб гирифта шавад: *пайдарпаии мантиқӣ* – фаъолиятро аз рӯйи нақшаи маълум, аз ҷумла фаъолияти лоиҳавиро танзим мекунад; *пешбиникунанда* – фарзияҳоро оид ба нақшаи имконпазири фаъолият дар бар мегирад, ки бо назардошти ҳадафҳои таҳқиқот, арзёбиҳои гуногуни параметрҳои объекти таҳқиқот ифода ёфтаанд; *аёнӣ* – амсилавӣ – тарҳрезии амсилаҳои гуногуни объекти таҳқиқот.

Салоҳиятнокиҳои номбаршуда ҳамчун ҷамъбастҳои салоҳиятнокиҳои фаннӣ ташаккул меёбанд, ки донишҳои иҷтимоӣ- фанниро дар бораи хосиятҳои объектҳои таҳқиқот, муносибатҳои онҳо бо объектҳои дигар, маҷмӯъҳои амалиётҳои иҷрошаванда аз болои объектҳои таҳқиқот, маҳорати амалисозии онҳоро инъикос мекунанд.

***Вожаҳои асосӣ:** салоҳиятнокиҳои фаннӣ, дониш, ҳадаф, таҳсилот, вазъи таҳсилот, салоҳиятнокиҳои байнифаннӣ, фаъолияти лоиҳавӣ, иттилоот, раванди таълим.*

## РЕГУЛИРОВАНИЕ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ ПОВЫШЕНИЕ КАЧЕСТВА ОБРАЗОВАНИЯ

Автор показал, что, особенно для педагогики и других наук, рассуждающих о развитии личности, учет исходных и основных факторов развития и формирования личности является главным вопросом. В современных условиях подъем науки и техники и машинного производства в мировом масштабе требует еще более высокой подготовки и развития членов общества. Поэтому в обществе необходимо всесторонне формировать личность, что в настоящее время является непосредственной целью воспитания.

Следует сказать, что данная статья составлена в соответствии с требованиями нового стандарта.

***Ключевые слова:*** *эстетическое воспитание, красота, развитие, отношение, скромность, трудолюбие, цель воспитания, воспитание, способности, нравы, манеры, поведение, сладость, красота, гуманизм, самообладание, культура, формирование, здравый смысл.*

# DEVELOPMENT AND COMPREHENSIVE FORMATION OF PERSONALITY IN AESTHETIC EDUCATION

***AMIROVA Gulniso Gulmirovna*** *– senior teacher of the Department of pedagogy psychology and teaching methods of the Tajik State institute of Languages. S. Ulugzade, Dushanbe, Mukhammadiev str., 17/6.* ***Phone:*** *+(992)93 829 57 75*

In this article, education is a purposeful process that ensures the comprehensive development of the individual and prepares her for labor and social activities. It also presents the goal of aesthetic education, which is the result of a preliminary definition of the intention and scope of activities to prepare the younger generation for life, the development and formation of his personality through the process of education and educational activities. History proves that every

person can reach heights by properly organizing education, because education is the driving force of society.

The result of development is the formation of man as a biological and social being. Development is understood as interrelated processes of quantitative and qualitative changes occurring in the anatomical and physiological structure, in the development of the human nervous system and psyche, as well as the activity of perception and creativity, its enrichment is understood as moral qualities, social, political and religious views. Becoming expresses the result of development and explains the formation, the totality of characteristics and qualities of the individual.

The author showed that, especially for pedagogy and other sciences that discuss the development of personality, taking into account the initial and main factors of development and formation of personality is the main issue. In modern conditions, the rise of science and technology and machine production on a world scale requires an even higher level of training and development of the members of society. Therefore, in society it is necessary to comprehensively form a personality, which is currently is the immediate goal of education.

It should be said that this article has been drafted in accordance with the requirements of the new standard.

***Key words:*** *aesthetic education, beauty, development, attitude, modesty, diligence, purpose of education, upbringing, abilities, morals, manners, behavior, sweetness, beauty, humanism, self-control, culture, smile, formation, common sense.*

Тарбия раванди мақсадноку муташаккилест, ки инкишофи ҳамаҷонибаи шахсиятро таъмин намуда, ӯро ба меҳнату фаъолияти ҷамъиятӣ омода месозад. Мақсади тарбия ин натиҷаи пешакӣ муайян кардани ният ва муддаои фаъолияти ба ҳаёт тайёр кардани насли наврас, инкишоф ва ташаккул додани шахсияти онҳо тавассути раванди корҳои таълим ва тарбиявӣ мебошад. Таърих гувоҳ аст, ки ҳар халқи тарбияро дуруст ташкил намуда қуллаҳои баланди тараққиётро фатҳ карда метавонад, чунки тарбия ҳаракатдиҳандаи ҷомеа мебошад.

Инкишоф-ин раванди дигаргунии миқдорӣ ва сифати ҷисмии инсон аст. Натиҷаи инкишоф ин ташаккули одам ҳамчун мавҷудоти биологӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Таҳти фаҳмиши инкишоф равандҳои бо ҳам робитадори дигаргунии миқдорӣ ва сифатие, ки дар расиши анатомию физиологӣ, дар такомулоти системаи асаб ва руҳиёти одам рӯй медиҳад, ҳамчунин фаъолияти идрок ва эъҷодкорӣ, ғанӣ гардидани ҷиҳатҳои ахлоқӣ, ақидаҳои оммавию сиёсӣ ва эътиқодии вай фаҳмида мешавад [2, с. 66].

Ташаккул бошад, натиҷаи инкишофро ифода намуда, ташаккулёбӣ, маҷмӯи хусусият ва сифатҳои устуворона ҳосилкардаи шахсиятро мефаҳмонад. Бар илова, ташаккул ин ба шахсият додани ягон шакл ва ё навъи устувору комили муайян, чунончи, асосҳои фан, ахлоқи шоиста аз ҷониби ягон шахс ё коллективро низ ифода мекунад. Бахусус барои педагогика ва улуми дигар, ки нисбати инкишофи шахсият баҳс мекунанд, ба назар гирифтани сарчашма ва омилҳои асосии инкишоф ва ташаккули шахсият масъалаҳои умда мебошанд. Дар шароити ҳозира дар миқёси умумиҷаҳонӣ болоравии илму техника ва истеҳсолоти мошинӣ тайёрӣ ва инкишофи боз ҳам баланди аъзоёни ҷамъиятро талаб мекунад. Бинобар ин дар ҷомеа ҳамаҷониба ташаккул додани шахсиятро, ки дар айни замон бевосита мақсади тарбия қарор ёфтааст, тақозо дорад. Қисматҳои таркибии навии тарбия аз инҳо иборат мебошад:ақлӣ, ҷисмонӣ, меҳнатӣ ва политехникӣ, ахлоқӣ ва эстетикӣ.

Тарбияи эстетикӣ – қисмати ташаккули ҳамаҷониба ва инкишофи мутаносиби шахсият, ки система, инкишофи идеалҳои эстетикӣ, талабот ва завқу ҳаваси тарбиягирандагонро ҷамъбаст мекунад. Вазифаҳои тарбияи эстетикиро шартан ба ду гуруҳ ҷудо кардан мумкин аст: ҳосил намудани донишҳои назариявӣ ва ташаккул додани маҳорати амалӣ. Ба гуруҳи аввали вазифаҳо масъалаи шинос кардани талабагон бо паҳлӯҳои муҳими эстетикӣ, ба гурӯҳи дуюм-фаъолона иштирок намудан ба амалиёти эстетикӣ мансубият дорад. Вазифаҳои шиноскунӣ:

-ташаккул додани донишҳои эстетикии талабагон;
-тарбияи маданияти эстетикӣ;
- азхудкунии мероси гузаштаи эстетикӣ ва маданият;
- ташаккули муносибати эстетикӣ ба воқеият;
- инкишофи завқи эстетикӣ;
- шиносоӣ бо нафосати зиндагӣ, табиат, меҳнат;
- инкишофи талабот ба тарзи зиндагӣ ва фаъолият мувофиқи қонуни зебоӣ;
- ташаккули идеали эстетикӣ;
-ташаккули саъю кӯшиш ба зебоии ҳамаҷониба: дар фикр, кор, рафтору гуфтор ва намуди зоҳирӣ[2, с. 175].

Вазифаҳои фаъолияти амалии эстетикӣ: фаъолона иштирок кардани ҳар кас ба зебоиофарӣ-дар амалиёти рассомӣ, мусиқӣ, хореографӣ, иштирок дар иттиҳодияҳои эҷодӣ, студияҳо ва ғайра мебошад. Мактаб дар ҷодаи инсонпарастӣ ҳамон вақт пеш меравад, ки силсилаи фанҳои ба эстетика таалуқдорро дуруст ба роҳ монад. Тазаккур бояд дод, ки дар рушду камолоти ҳамаҷонибаи шахсият ҳамаи пайвастагии намудҳои зикр кардаи тарбия ҳатман дар мадди назар дошта шавад, ки асоси онро тарбияи ақлӣ ташкил медиҳад. Вале инкишофи ҳамаҷонибаи мактабиён на ба он маъност, ки ҳамаро бо як меъёру андоза ташаккул медода бошад. Ин ғайриимкон аст, зеро иддаи одамон бо баробари хусусиятҳои умумиинсонӣ боз қобилияти ба худ хоси фавқуллода ва генеалӣ ҳам доранд. Ҳамаро дар мактаб олим, шоир, табиби ҳозиқ, рассоми варзида, мутриб, ҳофизи хушовоз, муҳандиси мумтоз ва ғайра кардан мумкин нест. Мактаб он ғунчаҳои ҳоло нашукуфтаи қобилияти фавқуллодаи модарзодиро дастгирӣ намуда, тарбия ва такон медиҳад, то ки дар оянда бо саъю кӯшиши шахсӣ нашъунамо ёбанд.

Инкишофи ҳамаҷониба шахсият ба он маъност, ки фард на фақат бо фаъолият маҳдуд бошад, балки асоси корҳои дар зиндагӣ зарурро донад ва адо карда тавонад. Барои ҳамин ҳам таълиму тарбия бояд аз ҳаёт ва давру замон канда набошад, балки алоқаманд сурат гирад. Шахс дар як касб солҳои сол кор карда таҷрибаҳои зиёди муфид фароҳам меорад, дигарон ба вай пайравӣ мекунанд, вале ғайри он касби асосиаш аз дигар касбу ҳунарҳо огоҳ аст ва дар мавридҳои зарурӣ онҳоро анҷом дода метавонад. Аммо ин тавр мешавад: шахс дар як касб фаъолият намуда ба мардум кам манфиат мерасонад ва ба вай маслиҳат медиҳанд, ки касбашро ба касби дигар, чунончи ба ҳофизӣ, рассомӣ, навозандагӣ ва ғайра иваз кунад ва зуд шуҳрат меёбад. Дар он сурат вай метавонад касбашро иваз кунад ва қобилияти модарзодии фавқуллодаи худро болу пар бахшад. Шахс бояд кор ё касберо интихоб кунад, ки қобилияти аз уҳдаи он баромаданро дошта бошад то ки ҳам ба худ ва ҳам ба ҷомеа манфиатовар бошад. Дар шароити кунунии ҷумҳурии мо ташаккули инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият дар заминаи демократӣ бояд сурат гирад. Аз ин лиҳоз бояд дар бораи мақсад ва вазифаҳои тарбияи шаҳрвандӣ, ифтихори миллӣ, ваҳдати миллӣ, ҳисси баланди ватандӯстӣ саҳми фаъол гузорад, то шогирдонаш хусусиятҳои ҳисси дунявии ин сохти ҷамъиятро дар худ комилан инъикос карда тавонанд[3, с. 89].

Қувваҳои истеҳсолоти мавҷуда ва зарурати бунёди қувваҳои нави истеҳсолоти минбаъдаи давлати мустақилу соҳибихтиёри тоҷикон феълан дар назди мактаби ҷумҳурӣ мақсади тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси ҳамаҷониба инкишофёфтаро мегузорад, то ки онҳо дар қувваҳои истеҳсолоти навбунёд баро бо осонӣ табдил додани ихтисос имконияти мусоид пайдо карда тавонанд ва баҳри дар ояндаи наздик баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум фаъолият кунунд. Барои ин, пеш аз ҳама вазифаҳои умдатарини мактаб ба саломативу нерӯмандӣ, инкишофи қобилияти меҳнатӣ, ғановати маънавӣ, ахлоқӣ, дустии халқҳо, якдилию ваҳдат ва дигар хислатҳои наҷиби инсонӣ ғамхорона рӯ овардан аст.

Тарбияи эстетикӣ ҳисси зебопарастии бачагонро ташаккул дода, диди эстетикиашонро ривоҷу равнақ мебахшад. Торафт қобилияти идроки зебогии ҳодисаҳои воқеият, асарҳои санъату адабиёт дар бачагон сайқал ёфта, худашон мустақилона ба

офаридани чизҳои зебо машғул мешаванд. Тарбияи эстетикӣ ба ҳаёти фарҳангии ҷамъият марбут аст ва қисми таркибии инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият ҳисобида мешаваду ҳисси ҳаловат бурдану офаридани зебогиро тасвир менамояд. Тарбияи эстетикӣ фаҳмида тавонистани чизҳои зебо ва нафис, инчунин фарқияти онҳоро аз чизҳои безебу бадсифат ёд медиҳад. Ҳиссиёти эстетикӣ зебогии меҳнати коллективӣ, эҷодкорона муносибат кардан ба он, ғановати ботинии камолоти шахс ва маданияти инсонро нишон медиҳад. Зебогии муомилаю рафтори хуш дар ҷомеа ба одамон ҳусни иловагӣ мебахшад. Зебоифаҳмӣ ҳиссиёте пайдо мекунонад, ки одамон ба рафтори бад, гуфтори бад ва бо сифатҳои ба шаъну шарафашон доғ меовардагӣ мубориза мебаранд.

Зебогӣ мадад мерасонад, ки бачагон фаъол, солим, зиндадил, меҳнатқарин шуда ба воя расанд, аз ҳар ҷиҳат зебо бошанд, аз монеаҳо ва душвориҳо натарсанд. Барои тарбияи эстетикӣ мактаб ва оила бояд тамоми воситаҳоро истифода бурда, маданияти рафтори хонандагон ва дараҷаи зебоифаҳмиашонро равнақ диҳанд, то ки ба хислатҳои бад-майхурӣ, сигоркашӣ, нашъамандӣ ва ғайраҳо муросокорӣ накунанд. Фаҳмиши зебогӣ дар инсон якбора пайдо намешавад, бо таъсири одамон ва муҳит ташаккул меёбад. Аз ҳамин сабаб қонунҳои инкишофи бадеии башарият бо қонунҳои инкишофи иҷтимоӣ вобастагӣ дорад. Дар давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявии оянда дараҷаи зебоифаҳмии шаҳрвандон торафт баландтар шудан мегирад[5, с. 138].

Пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ тақозо менамояд, ки тарбияи эстетикӣ беҳтар ба роҳ монда шавад. Тарбияи эстетикӣ ба воситаи таъсиррасонӣ ба ҳиссиёт ақлро парвариш мекунад, дар хонандагон кӯшиш, тайёрӣ ва маҳорате ба вуҷуд меоварад, ки ба соҳаҳои ҳаёт унсурҳои зебоиро дохил намуда, баробари ин ба муқобили рафтору корҳои баду нозеб мубориза баранд ва дар ягон соҳаи санъат қобилияти худро нишон диҳанд ё санҷида бинанд. Тарбияи мазкур ба ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ низ кӯмак мерасонад, чунки инкишофи нафосат, дид, табъ, ҳиссиёт ва малакаҳо шахсиятро аз ҷиҳати маънавӣ ғанитар гардонида, одами хубро ба вуҷуд меоранд, ки ҳаёташ пурмазмун шуда, ба замони зиндагии худ дар дил меҳри беандоза мепарварад.

Одами дид, табъ, ҳиссиёти нафосат надошта бо чизҳои воқеъият муносибати дуруст карда наметавонад, нисбат ба зебоӣ бефарқ аст. Тарбияи эстетикӣ имрӯз нисбатан бештар зарур аст, зеро ки ақлу диди зебоифаҳмӣ дар меҳнат, истеҳсолот, кори ҳаррӯза ба ҳар кас даркор, вай ба эҳтиёҷоти доимии одамон табдил ёфтааст. Ҳаракату амал, тарзи либоспӯшӣ, нишасту хез, муносибат бо дигарон, тарафдори ягон ҳодисаи ҷамъиятӣ будани ҳар кас аз заковату дараҷаи зебоифаҳмиаш шаҳодат медиҳад. Дар ҳаёт бо шахсоне ҳам дучор меоем, ки диди зебоифаҳмиашон пасту заиф мебошад.Онҳоро аз ҷиҳати маънавӣ камбағал меҳисобанд ва чунин шахсон бо ҳаракатҳои ношоям роҳ медиҳанд, ки аз корҳои иснодовар худдорӣ карда наметавонанд, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ доду фарёд мезананд, суруду мусиқиҳои гӯшхарош мешунаванд. Агар шахс ақли зебоифаҳмӣ дошта бошад на фақат рафтори нодурусту безебро ба худ муносиб намедонад, балки онҳоро маҳкум менамояд[8,с.39].

Тарбияи эстетикӣ ба хонандагон ҳис карда тавонистани рафтори зебо, қадршиносии маҳсули меҳнати дигаронро ёд медиҳад. Мутаасифона, хонандагоне, низ ҳастанд, ки шеъру ҳикояҳо мехонанд, расм мекашанд, ба консертҳо мераванд, аз ҳодисаҳои ҳаёти фарҳангӣ бохабаранд, вале қоидаҳои ахлоқиро риоя намекунанд. Чунин шахсон аз маданияти зебоифаҳмӣ, нафосат дур мебошанд. Зебоифаҳмӣ бе ахлоқу одоби ҳамида шуда наметавонад. Онҳо якдигарро пурра месозанд ва тарбияи ҳарду алоқамандона бояд пеш бурда шавад. Масалан, тарбияи нафосат ва натиҷаи он дар ахлоқ, амалу ҳаракати зебо, муносибати дуруст ба ҳаёт, ба одамон, ба табиат зуҳур мегардад.

«Хоксорӣ-зебу зиннати инсонӣ» мегӯяд зарбулмасали халқ. Тарбияи нафосат ҳамин ҳиссиётро дар бачагон пайдо мекунонад, ки онро яке аз сифатҳои беҳтарину зеботарини одамон мешуморанд. Сифатҳои дигар кушодачеҳрагӣ, ширинсуханӣ, табассум ва ҳаракати зебо ба ҳусн - ҳусн зам менамояд. Агар шахс бо одами кушодарӯйу дуструй вохурад, китоби хуберо хонад, суруди дилчаспе шунавад, рақси зебо ё расми ҷолиберо тамошо кунад, шоду

хурсанд мегардад. Баръакс рафтори нодурусти касе табъи одамро хира месозад. Афсонаҳои сершумори халқиро агар хонем, албатта, мебинем, ки қаҳрамонони онҳо чӣ ҳиссиётҳои хуб ва бад, мусбат ва манфиро соҳиб ҳастанд. Хислатҳои некро хонандагон мепазиранд, тарафдорӣ мекунанд, вале сифату рафтори зишт ҳисси бадбинӣ ва нафратро нисбати чашмгуруснагӣ, фиребгарӣ, дуздӣ, дурӯғгӯӣ ва дигар рафторҳои бади инсонӣ пайдо мекунонад. Гоҳо чунин ҳам мешавад, ки хонандагон зебоиро дар маънои танги он мефаҳманд[8, с. 144].

Гумон мекунанд, ки ҳусну ҷамол аз намуди зоҳирӣ, яъне сару либос, тарзи ҳаракат иборат бошад. Дар асл, бо маънои васеъ зебоии дунёи ботинӣ, фикру ақидаҳо, ҷаҳонбинӣ ва ахлоқу одобро фарогир аст ва ифода менамояд. Аз ин ҷост, ки дар тарбияи эстетикӣ муаллимон бояд бештар диққату эътибори хонандагонро ба бойу ғанӣ гардонидани ҷиҳатҳои маънавӣ равона созанд, то ки аз синфҳои ибтидоӣ сар карда дар талабагон одобу рафтори зебо ба вуҷуд оварда шавад. Хонандагон ҳар қадар оид ба зебоифаҳмӣ донишҳои зиёдтар гиранд, дар асоси ҳамон донишҳо дараҷаи одоби хуш пайдо мекунанд. Воситаи муҳими тарбияи эстетикӣ раванди таълим мебошад.

Дар дарсҳои забони модарӣ, риёзӣ, мусиқӣ ва санъати тасвирӣ, табиатшиносӣ, таълими меҳнат ва таърих, ҷуғрофия ва дигарҳо доир ба зебоӣ ва зебоиписандӣ донишҳо дода, малакаҳои кори эҷодӣ тарбия мешавад. Дар дарсҳои забони модарӣ ба ифоданок хондани матнҳо, шеърҳо, сифату суръати хониш эътиборро равона мекунанд ва фаҳмидани расмҳо, дар назди лавҳаи синф зебо, бурро, ҳарф заданро ёд медиҳанд. Ба ҳамин роҳ тарзи хондани матнҳои бадеиро, ки бо жанрҳои гуногун эҷод шудаанд, кӯдакон меомӯзанд. Шеърҳо аз бар карда, афсона, ҳикояхо, латифаю мақолаҳо мехонанд, ки тарзи махсуси ифоданок хонданро талаб менамояд. Омӯзиши маводҳои зикршуда хонандагонро бо қуввату иқтидори сухан ошно месозад, онҳоро ба завқу ҳаяҷон меорад ва таъсири гуворо мебахшад. Агар дар рафти таълими фанҳо бозиҳои дидактикӣ, чистону зарбулмасалҳо аз тарафи муаллим истифода карда шавад, завқу шавқи талабагон ба донишгирӣ ва зебоифаҳмӣ бедор хоҳад шуд. Воситаи дигари муҳими тарбияи эстетикӣ санъат аст. Ҳар намуд ва жанри санъат ба кас ҳар хел таъсири худро мерасонад[9, с. 38].

Насли наврас дар рафти инкишофи худ ба ягон хел санъат рағбат пайдо мекунад. Мумкин аст, ки рағбати ӯ аз як хел санъат ба дигараш гузарад. Дар синфҳои ибтидоӣ фанҳое таълим дода мешаванд, ки вазифаи асосии онҳо бедор кардани завқи санъатдӯстӣ дар бачагон аст. Фанҳои суруд ва расмкашӣ маҳз ҳамин гуна вазифа доранд, ки қобилияти мусиқифаҳмӣ, сурудхонӣ ва рассомии бачагонро ривоҷу равнақ мебахшад. Маълум аст, ки бачагон ҳанӯз ба мактаб наомада, мусиқиву сурудҳо шунидан ва расм кашиданро мехоҳанд. Таъкид кардан лозим аст, ки мусиқӣ ва суруд қобилияти шунавоии хонандагонро баланд мебардоранд, ӯро мулоимсухану дорои феълу рафтори нек мекунад. Тарбияи зебоифаҳмӣ ба инкишофи ҷисмонӣ алоқаманд аст. Беҳуда нест, ки мегӯянд:

«Дар тани солим-ақли солим». Тарбияи ҷисмонӣ ва нафосат барои ҳар насли одам зарур мебошад. Варзиш ва риояи қоидаҳои санитарию гигиенӣ узвҳои баданро обутоб медиҳад, саломатиро мустаҳкам намуда, ба инсон бардамӣ, шодиву нишот мебахшад. Кори хониш ва меҳнати якҷояи хонандагон унсурҳои эҷодкорӣ дорад, натиҷаи онҳо ба хонандагон комёбиҳо меорад ҳаловатбахш аст.

Ҳамин тавр, хонанда зебогии воқеият, санъат, одамонро дида ҳис карда тавонад, мусиқӣ шунавад, рақс кунад, дар хусуси зебогӣ ва безебӣ фикрашро баён намояд, гуфтан мумкин аст, ки ӯ соҳиби таб, дид ва идроки зебоифаҳмӣ гаштааст. Тарбияи эстетикӣ танҳо васеъ намудани фаҳмиши бадеӣ, руйхати китобҳои хондашуда, тамошои филмҳою намоишҳои оинаи нилгун, шунидани оҳангҳои мусиқӣ нест. Вай ташаккули ҳиссиёти одамон, инкишофи маънавии шахсият, ислоҳ ва ба тартиб даровардани одобу рафторро ҳам мадди назар медорад[9, с. 123].

**АДАБИЁТ**

1. Абдуллозода, Ҳ., Саидов А. Таърихи педагогикаи ҷаҳон (дастури таълимӣ). Душанбе-2013. 200с.
2. Атахонов, А., Лутфуллоев, М., Шарифов, О. Очеркҳои афкори педагогӣ. Душанбе-2005.200с.
3. Бабанский, Ю.К. Педагогика.-М.,1983.200с.
4. Дастурамал оид ба корҳои Ассотсиатсияи волидайн ва ва омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти умумӣ. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маркази идораи лоиҳа дар соҳаи маориф.Душанбе-2004.80с.
5. Занков, Л.В. Дидактика и жизнь. Москва-1990.
6. Консепсияи миллии тарбия. Қарори Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.03.2004.№44.Душанбе-2006.24с.
7. Константинов, Медынский, Шабаева. Таърихи педагогика.Душанбе-1982.501с.
8. Лутфуллоев, М. Педагогикаи башар.Душанбе-2008.142с.
9. Лутфуллоев, М. Шарафномаи миллат. Душанбе-2003.142с.
10. Миралиев, А., Давлатов М. Педагогика ва психология. Душанбе «Ирфон»-2007.343с.

## ОМӮЗИШ ДАР ФАЗОИ ЯГОНАИ УМУМИҶАҲОНӢ

***ЗИЁВИДДИНЗОДА Зулолиддин Зиёвиддин*** *- унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ, 126.* ***E-mail:*** *zulik.zul@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 928243636*

Дар мақолаи мазкур омӯзиши фосилавӣ дар донишкадаю донишгоҳҳо, имкониятҳои хуби омӯзиш барои донишҷӯён, истифодаи сулҳои омӯзиш дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, инчунин истифодаи технологияи мултимедия, воситаҳои истифодабарии он, телекоммуникатсия инчунин асосҳои педагогии татбиқи таҳсилоти фосилавӣ мавриди муҳокима қарор дода шудааст:

***Вожаҳои асосӣ:*** *усулҳои фаъоли омӯзиш, таҳсилоти фосилавӣ, кори назоратӣ, раванди таълим, сифати таълим; азхудкунии дониш; самаранокии омӯзиш., технология, усулҳо, муоширaт.*

## ОБУЧЕНИЕ В ЕДИНОМ ВСЕМИРНОМ ПРОСТРАНСТВЕ

***ЗИЁВИДДИНЗОДА Зулолиддин Зиёвиддин*** *- соискатель Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни, 126.* ***E-mail:*** *zulik.zul@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 928243636*

В данной статье рассматривается дистанционное обучение в институтах и вузах, хорошие возможности для обучения студентов, использование методов обучения в Таджикский педагогический институт в Пенджикенте, а также использование мультимедийных технологий, средств, телекоммуникаций и педагогических основ дистанционного обучения:

***Ключевые слова:*** *активные методы обучения, дистанционное обучение, кураторская работа, учебный процесс, качество обучения; усвоение знаний; эффективность обучения., технологии, методы, общение.*

# LEARNING IN A SINGLE WORLDSPACE

***ZIYOVIDDINZODA Zuloliddin Ziyoviddin** – Applicant of the IDE named after A. Jami, Dushanbe, 126 Ayni Str. **E-mail:** zulik.zul@mail.ru, **phone:** +(992) 928243636*

This article discusses distance learning in institutes and universities, good opportunities for teaching students, the use of teaching methods at the Tajik Pedagogical Institute in Penjikent, as well as the use of multimedia technologies, means, telecommunications and the pedagogical foundations of distance learning:

***Keywords:** active learning methods, distance learning, curatorial work, learning process, quality of learning; assimilation of knowledge; learning efficiency., technologies, methods, communication.*

Мо сиёсати давлати худро дар соҳаи маориф ба сӯи наздикшавӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ ва ворид шудан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот равона сохтаем. Дар ин росто, моро зарур аст, ки низоми арзёбии сифати таҳсилотро низ ба ин меъёрҳо мутобиқ гардонем.

Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Рӯзи дониш (01.09.2019)

Дар тайи солҳои охирон бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи таҳсилоти фосилавӣ дар донишкадаю донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

Бо вуҷуди он, ки аз системаи куҳна яку якбора ба системаи нав гузаштан душвор бошад, ҳам он самарабахш мебошад. Ин система имконият медиҳад, ки донишҷӯён аз ҷои нишаст метавонанд бо тамоми донишкадаю донишгоҳҳои хориҷа таҳсил кунанд. Дар сурати такмили таҳсилоти фосилавӣ хароҷотҳо нисбати системаи кӯҳна чандин маротибаҳо кам мешавад.

Ташкили низоми фосилавӣ дар донишкадаю донишгоҳҳо яйни муддао буда, боиси самарабахшии раванди таълим мегардад. Барномаҳои омӯзиши мувофиқи талаботи нав тартиб дода, маводи омӯзиши низ принсипҳои муосири таълимиро дарбар мегирад.

Мо бояд талаботи (дар робита ба вақт, фазо, алоқа бо омӯзгор…) донишҷӯёне, ки аз минтақаҳои дурдаст ба мо пайваст мешаванд, қонеъ гардонем. Ба мушкилиҳои дар низоми таҳсилоти ғоибона пешомада назар андӯхта мо бояд шакли низомро бо усули нави таълим ва таҳсилоти фосилавӣ ба роҳ монем.

Яке аз имкониятҳои беҳтарин барои низоми таҳсилоти ғоибона ин ҷори намудани низоми таҳсилоти фосилавӣ мебошад.

Дар замони пешрафти илму техника аҳамияти омӯзиши фосилавӣ хуб дарк шудааст. Маълум аст, ки баланд бардоштани маҳорати шахсӣ дар шароити имрӯза яке аз шартҳои муҳим ва ҳатми дар роҳи ноил шудан ба қуллаҳои нави ҳаёт мебошад. Аммо дониши гирифта дар мавриде аҳамият дорад, агар он ба таҷрибаи амалӣ асос ёфта бошад. Бинобар ин толибилмон кӯшиш менамоянд, ки омӯзиш бо тарзи замонавӣ гузаронида шуда, дониши омӯхташудаи онҳо дар амал татбиқ шуда тавонад. Ҳамчун намунаи назари замонавӣ, ин ба коркунони худ фароҳам овардани шароити омӯзиш бо тарзи технологияҳои нав ихтироъшуда, мебошад.

Ин гунна тарзи омӯзиш, ки он дар худ дониши акдемикӣ ва амалӣ дар як барномаи таълимӣ дода шуда, имконияти аз худ кардани дониш новобаста ба масофа дорад. Яъне таҳсилоти фосилавӣ ин омӯзиши озод мебошад.

Дастовардҳои пешрафтаи технологияҳои иттилоотии даҳсолаи охири асри XX ва ибтидои асри XXI имкониятҳои фаровон ва беназире барои омӯзиш аз роҳи дур фароҳам сохтааст. Пояи ин дастоварҳоро шабакаи ҷаҳонии Интернет ташкил медиҳад.

Умуман, омӯзиш барои инсон ҳадафи асосӣ мебошад. Аз рӯзи таваллуд мо бо ин ҳисси ҳаётӣ доимо хоҳони дониш омӯхтан ҳастем, яъне инсон аз рузи таваллуд ба такмил ёфтан ниёз дорад. Имрӯз бо дастовардҳои технологияҳои иттилоотӣ мувофиқи гуфтаи шоиронамон  зистан хеле осон шудааст.

Донишмандон ва мутахассисони олам захираҳои иттилоотии ҷаҳониро эҷод намудаанд ва онҳоро дар ихтиёри  одамон вогузор кардаанд. Акнун ҳар шахс имкон дорад аз рӯи хоҳиши худ самти омӯзишро интихоб кунад.  ва дар ҳар гӯшаи ҷаҳон, ки ҳаст, ҳар замоне, ки мехоҳад роҳи омӯзиши худро худаш муайян намояд. Боякд қайд кард, ки омӯзиш пурра озод.  Ҳама маводҳои таълмии пешниҳодгардида дар ихтиёри шахси омӯзанда мебошад.

Усулҳои омӯзиши озод:

- ✓ бе имтиҳон дохил шудан ба донишкадаву донишгоҳҳо;
- ✓ худтасмимгирӣ дар хусусӣ тавонистан ё натавонистани фарогирии дарсҳои донишгоҳӣ;
- ✓ муайян кардани омӯзиши шахсӣ барои давраҳои муайян;
- ✓ Озод будан дар интихоби замон;
- ✓ Озод будан дари интихоби ҷойи омӯзиш;
- ✓ Гузаштан аз дониш гирифтан барои тамоми умр ба усули омӯхтан дар тамоми давраи умр;
- ✓ Гузаштан аз майли донишҷӯ ба сӯи дониш ба равиши дониш ба самти донишҷӯ;
- ✓ Ташаккули демократии шахс, ҳамчун сабаби асосии омӯзиши озод.

Ҳамин тариқ, донишомӯз барномаи фардии омӯзиши худро месозад ва онро ҳамчун супориши шахсӣ дар муассисҳоиҷро мекунад.

Дар моделронии раванди омӯзиши меъёрҳо барои ҳамаи донишомӯзон таъйин гардида, хусусиятҳои фардӣ ба инобат гирифта намешавад.

Вижагиҳои омузиши озод. Омӯзиши озод дорои вижагиҳоест, ки онро аз омӯзиши классики ба кулли фарқ мекунонад:

- ✓  истифодаи технологияҳои махсусгардонидашуда бо татбиқи компютерҳо, воситаҳои шабакавӣ, технологияҳои чандрасонаӣ, нармафзорҳои махсуси таҳиясози давраҳои омӯзиш;
- ✓ Назорат намудани равиши сифати дониш аз системаҳои тестии компютерӣ;
- ✓ сарфаҷӯйии иқтисодӣ - бо таъодули беҳтари натиҷаҳои бадастомада;
- ✓ Тавоноӣ ва азхудкунӣ дар замони мувофиқ;
- ✓ Тавонои дар тартиб додани  барномаҳои фардӣ;
- ✓ параллели – имконияти омӯзиши якҷоя;
- ✓ ноҳамгомӣ – иҷро кардани раванди омӯзиш дар вақтҳои мувофиқ;
- ✓ Роҳи нави хонанда;
- ✓ Роҳи нави муаллим;
- ✓ татбиқи технологияҳои иттилоотӣ - истифодаи фарогири технологияҳои ҳамакори бар пояи дастгоҳҳои компютерӣ, шабакаҳои иттилоотӣ ва системаҳои чандрасонаӣ бунёдшуда;
- ✓ Умумиҷаҳонӣ – Донишҷӯён ва омӯзгорон метавонанд маводи дарсии худро аз саросари гушаи ҷаҳон дастрас намоянд.

Омӯзиши ин система ба воситаи марказҳои рванди омӯзиш амали гардонида шуда, вазифаи онҳо тартиб додани барномахои дарсӣ, барномасозӣ ва ташкили дарсҳо иборат аст.

Маркази таҳсилоти фосилавӣ Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри панҷакент, яке аз сохторҳои донишкада мансуб меёбад. Таҳсилоти фосилавӣ асосан омӯзиши корҳои мустауилона бо истифодаи ваоситаҳои технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣмебшад. Донишҷӯ аз ҷои худ нишаста бо воситаи шабакаи ҷаҳонии интернет супоришҳои худро аз устод гирифта иҷро намуда ба устод пешниҳод менамояд. Ҳамин тавр донишҷӯ дар вақти мувофиқ, дар макони муносиб бо суръати бароҳат машғули донишандӯзӣ мегардад.

Маркази таҳсилоти фосилавии сомонаи омӯзишии fosilavi.dotpanj.tj бо назардошти саҳифаҳои мушаххаси дорои саҳифаҳои таълимиғметодӣ ва воситаҳои идоракунии фаъолияти донишҷӯёнро дорад. Донишҷӯ аз ҳар як гӯшаи ҷаҳон тавассути интернет метавонад фарогири таҳсил бошад ва кори хешро идома диҳад.

Таҳсилоти фосилавӣ бошад ин омӯзиш бо иистифода аз технологияи иттилотию коммуникатсионӣ, ки равиши дарсро дар масофа бе хузури бевоситаи омӯзгор ва таълимгиранда имконпазир мегардонад.

Системаи таҳсилоти фосилавии ДОТ дар шаҳри Панҷакент бо шабакаи интернет кору фаъолият бурда баро донишҷӯён сариваткт дастрас намудани маводхои таълимиро пешкаш менамолд.




Омӯзгорони донишкада имкон доранд бо донишҷӯ тавассути системаи таҳсилоти фосилавӣ алоқа баруарор намоянд. Кори системаи омӯзиши ба тамоми талаботҳо ҷавобгӯ буда, ҳамаи маълумот марказонида шудаанд.

Яке аз мақсадҳои ташкили ин система тадбиқ ва сифати таҳсил дар донишкада мебошад.

Сомонаи таълимӣ таъмини бехатарӣ ва маълумотҳои шахсии донишҷӯро кафолат медиҳад.

Ҳангоми ворид шудан ба система тавассути интихоби логин ва пароли шахсӣ донишҷӯ ба саҳифаи хеш дохил мегардад ва имкони шиносоиро бо маълумоти зарурӣ пайдо мекунад.

Омӯзиши ин система ба донишҷӯён чунин шароитҳоро фароҳам меоварад:

- Мунтазам лоқа бо устод
- Ташкили мубоҳиса, корҳои якҷоя дар вақти омӯзиш
- Дастраси ба маводҳои лексионӣ ва амалӣ дар намуди электронӣ
- Васеъ истифода бурдани китобхонаи электрони
- Шинос шудан бо нақшаи инфиродии таълим
- Системаи санҷиши тестӣ
- Таҳрир намудани профили худ
- Ҷадвали дарсӣ

Омӯзгор ҳангоми воридшавӣ ба система ба саҳифаи худ дохил мешавад, ки дар он мувофиқи сарбории таълимии ӯ рӯйхати фанҳое, ки дар даври академӣ маълум аст, ҷой дода шудааст. Бо интихоби фанни зарурӣ омӯзгор имкон дорад барои давомоти фаъол донишҷӯён бал гузорад. Инчунин устод метавонад барои гурӯҳи муайян маводҳои электронии худро ворид намояд.

**АДАБИЁТ**

1. Ian Wild. Moodle 2.0 Course Conversion Beginner's Guide .A complete guide to successful learning using Moodle 2.0 Copyright © 2010 Packt Publishing
2. Rebecca Barrington «Moodle Gradebook» Copyright © 2011 Packt Publishing.
3. William Rice «Moodle 2.0 E-Learning Course Development» Copyright © 2012 Packt Publishing.
4. Алиев, А. Дастури методӣ, тарзи кор бо сосонаи таълимии ДДТТ.
5. Анисимов, А.М «Работа в системе дистанионного обучения Мооб1е».Учебное пособие 2-издание.Харьков 2009.
6. Быковицкая, Н.Д. «Работа в системе дистанционного обучения Moodle». Краткое руководство слушателя.
7. Гаевская, Е.Г. Система дистанционного обучения MOODLE: методические указания для практических занятий http // moodle-center.ru
8. Комилов, Ф.С., Розӣ, Т. (Шарипов), С.Ҳ. Мирзоев, ИЛ. Қосимов, З.Ф. Раҳмонов. Технологияи иттилоотӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 11. - Душанбе: «Ганҷ нашриёт», 2014. - 280 с.
9. Устюгова, В.Н "Система дистанционного обучения Moodle" Пособие для преподавателей высших учебных заведений. Казань -2010.

## ТАКМИЛИ ИХТИСОС - ОМИЛИ РУШДИ МАҲОРАТИ КАСБИИ ОМӮЗГОР

***ҚУРБОНОВ Некрӯз Нураҳмадович*** *– докторанти PhD-и курси 2-юми кафедраи илмҳои компютерии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров, 16.* ***E-mail:*** *nekruz-96@bk.ru,* ***тел.:*** *+(992) 98 734 34 91*

Дар мақолаи мавриди назар оид ба такмили ихтисос ҳамчун омили рушди маҳорати касбии омӯзгор сухан рафта, таъкид шудааст, ки омӯхтани салоҳиятнокии омӯзгорони таълимгиранда дар муассисаҳои такмили ихтисос имкон дод, ки дар мавриди набудани мувофиқати салоҳиятнокии касбии корманди муосири соҳаи маориф нисбат ба талабот натиҷагирӣ гардад: албатта, малака, маҳорат ва донишҳо ҳанӯз ҳам арзишманданд ва моҳияти кори омӯзгори муассисаи таҳсилоти умумиро ташкил мекунанд, рушди ҳамаҷонибаи донишомӯзон бошад, аз аҳаммияти аввалиндараҷа бархӯрдор нест; айни ҳамин нуктаро метавон дар бораи асосҳои умумибашарӣ ва маънавию ахлоқӣ иброз дошт, ки алҳол арзишҳои иҷтимоию иқтисодӣ аз онҳо бартарӣ доранд. Илова бар он, воқеъияти иҷтимоии мавҷуда ба дигаргуниҳо дар муҳтавои фазои касбию арзишии корманди педагогӣ ниёз дорад, ки шароитро барои иҷрои ҳамкории омӯзгор дар заминаи салоҳиятҳои мавҷуда фароҳам созад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *рушд, салоҳиятнокӣ, маориф, малака, маҳорат, дониш, донишомӯзон, асосҳои умумибашарӣ, маънавӣ, ахлоқӣ, арзишҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фазои касбӣ.*

## ПОВЫШЕНИЕ КВАЛИФИКАЦИИ КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО МАСТЕРСТВА УЧИТЕЛЯ

***КУРБАНОВ Некруз Нурахмадович*** *– докторант PhD 2 курса факультета компьютерных наук Кулябского государственного университета им. А. Рудаки, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16.* ***E-mail:*** *nekruz-96@bk.ru,* ***тел.:*** *+(992) 98 734 34 91*

В статье рассматривается повышение квалификации как фактор развития профессионального мастерства педагогов и подчеркивается, что изучение компетентности

педагогов-стажеров в учреждениях повышения квалификации позволило сделать выводы о недостаточном соответствие профессиональной компетентности современного работника сферы образования к предъявляемым требованиям: безусловно, навыки, умения и знания по-прежнему представляют ценность и составляют суть работы педагога в общеобразовательной организации, но комплексное развитие учащихся не имеет первостепенного значения; то же самое можно сказать и об общечеловеческих и духовно-нравственных основаниях, над которыми сейчас доминируют социально-экономические ценности. Кроме того, существующая социальная реальность требует изменения содержания профессионального пространства и ценности педагогического работника, что создаст условия для реализации педагогического сотрудничества на основе имеющихся компетенций.

***Ключевые слова:*** *развитие, компетентность, образование, умение, умение, знания, студенты, общечеловеческие основы, духовно-нравственные, социально-экономические ценности, профессиональная среда.*

## PROFESSIONAL DEVELOPMENT AS A DEVELOPMENT FACTOR PROFESSIONAL SKILL OF THE TEACHER

***KURBANOV Nekruz Nurakhmadovich*** *– 2 nd year postgraduate student of the Faculty of Computer Science of Kulyab State University named after A. Rudaki, Kulyab city, S. Safarov str., 16.* ***E-mail:*** *nekruz-96@bk.ru,* ***Phone:*** *+(992) 98 734 34 91*

The article discusses advanced training as a factor in the development of professional skills of teachers and emphasizes that the study of the competence of trainee teachers in advanced training institutions made it possible to draw conclusions about the insufficient compliance of the professional competence of a modern educator with the requirements: of course, skills, abilities and knowledge are still are valuable and constitute the essence of the work of a teacher in a general educational organization, but the integrated development of students is not of paramount importance; the same can be said about the universal human and spiritual and moral foundations, which are now dominated by socio-economic values. In addition, the existing social reality requires a change in the content of the professional space and the value of the teacher, which will create conditions for the implementation of pedagogical cooperation based on existing competencies.

***Keywords:*** *development, competence, education, skill, ability, knowledge, students, universal foundations, spiritual, moral, socio-economic values, professional environment.*

Барои аҳли зиё, хосатан маорифчиён боиси ифтихор ва шарафи бузург аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маорифро яке аз соҳаҳои афзалиятноки ҷамъиятӣ шуморида, дар пешбурди сиёсати давлатӣ ба ин соҳа диққати аввалиндараҷа медиҳад.

Хурсандибахш аст, ки Ҳукумати мамлакат тамоми шароитро барои омӯзишу аз худ намудани касбу кори гуногун дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ фароҳам овардааст. Дар баробари муҳайё гардонидани имконот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаву олии касбӣ ва фаъолияти донишкадаву филиалҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳру минтақаҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати рушди касбии омӯзгорон ва баланд бардоштани технологияи педагогӣ фаъолият намуда истодаанд. Ин гувоҳи он аст, ки масъалаи омодасозӣ ва соҳибкасбу соҳибмалака гардонидани омӯзгорон ва аз методу усулҳои навтарини муосир бохабар ва истифода намудани омӯзгорон яке аз масъалаҳои муҳим дар кишвар дониста мешавад. Маҳз ҳамин муҳимият ва афзалиятро ба инобат гирифта Пешвои муаззами миллат дар яке аз суханрониҳояш таъкид намуданд, ки «Такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои педагогӣ масъалаи муҳими соҳа аст».

Омӯхтани салоҳиятнокии омӯзгорони таълимгиранда дар муассисаҳои такмили ихтисос имкон дод, ки дар мавриди набудани мувофиқати салоҳиятнокии касбии корманди муосири соҳаи маориф нисбат ба талабот натиҷагирӣ гардад: албатта, малака, маҳорат ва донишҳо ҳанӯз ҳам арзишманданд ва моҳияти кори омӯзгори муассисаи таҳсилоти умумиро ташкил мекунанд, рушди ҳамаҷонибаи донишомӯзон бошад, аз аҳаммияти аввалиндараҷа бархӯрдор нест; айни ҳамин нуктаро метавон дар бораи асосҳои умумибашарӣ ва маънавию ахлоқӣ иброз дошт, ки алҳол арзишҳои иҷтимоию иқтисодӣ аз онҳо бартарӣ доранд. Илова бар он, воқеъияти иҷтимоии мавҷуда ба дигаргуниҳо дар муҳтавои фазои касбию арзишии корманди педагогӣ ниёз дорад, ки шароитро барои иҷрои ҳамкории омӯзгор дар заминаи салоҳиятҳои мавҷуда фароҳам созад. Салоҳиятҳои касбӣ барои ҳар гуна фаъолият хос буда, дорои тамомияти арзишие мебошанд, ки одаткунонӣ ва интиқоли арзишҳои ҳаётӣ ва таҳсилотиро таъмин менамояд [4].

Барномаҳо барои такмили тахассуси педагогӣ бо такя ба методҳои анъанавии таълим таҳия мегарданд. Барномаҳои мазкур ба амалисозии равишҳои пахши бозтавлиди ҷузъи иттилоотӣ нигаронида шудаанд. Ба онҳо таъмини нокифояи салоҳиятҳои омӯзгорони ба кор машғулбуда дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, идроки мазмун ва арзишҳои раванди муосири таҳсилот хос мебошанд. Барномаи такмили салоҳиятҳои касбии омӯзгорон, ки мазмунҳои арзиширо дар фаъолияти ҳамарӯзаи педагогӣ фарогир набошад, натиҷаҳои мунтазираро ба бор нахоҳад овард.

Роҳи ҳалли проблемаи мазкур метавонад таҳсилоти иловагӣ дар чаҳорчӯби такмили ихтисос бошад, ки дар асоси машғулиятҳои амалӣ дар синфхонаҳои компютерӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳаз бо васоити интерактивии техникӣ роҳандозӣ мегардад. Дар раванди баргузории машғулиятҳои амалӣ, ки ба мулоҳизаронии иштибоҳҳо ва нобарориҳои педагогӣ нигаронида шудаанд, муносибати омӯзгор ба ҳамаи он чи ки дар чаҳорчӯбаи фаъолияти ӯ мегузарад, тағйир меёбад. Фаъолнокии эҷодию вокунишӣ ба кори бошууронаи омӯзгор аз болои шахсият ва салоҳиятҳои касбии худ мубаддал мегардад. Баргузории таҷрибаомӯзӣ, ки бо шумули манфиатҳои шахсии омӯзгор амалӣ мегардад, захираро барои ҷустуҷӯи унсурҳои масъулиятдошта дар ҷиҳати ташаккули сабки худии маҳорати педагогӣ, ошкорсозӣ ва минбаъд инкишоф додани салоҳиятҳои касбӣ фароҳам меоварад [5].

Дар миёни ғояҳои асосии дар бунёди раванди мазкур қарордошта нуктаҳои консептуалӣ дар бораи бефосилагӣ, воқеъбинӣ ва самтгирии пешравандаи таҳаввулоти иҷтимоӣ; дар бораи он нақше, ки субъекти такмили салоҳиятнокии касбӣ дар вазъияти тағйирёбанда ифо мекунад; дар бораи он , ки захираи билқувва ва мубрами омӯзгор бояд ба назар дошта шавад; дар бораи аҳаммияти маҳорати мутобиқшавӣ ба тағйирот ба таври шоиста фаъолияти худро тасҳеҳ намуданро метавон номбар кард [3].

Раванди созмондиҳии такмили тахассуси касбии омӯзгорон бо омилҳои сершумор муайян карда мешавад, ки дар миёни онҳо талаботи педагогии худи субъекти баланд бардоштани тахассус, шароити иҷтимоию фарҳангӣ ва ғайраро метавон номбар намуд. Аз лиҳози амалӣ раванди мазкур иборат аз маҷмӯи марҳилаҳои муттасил, ки занҷираи мантиқиро инъикос менамоянд. Занҷираи мазкур аз таҳлили ниёзҳои педагогӣ оғоз гардида, муайянкунии самти стратегии раванди таҳсилот, тасвиби малакаҳо ва донишҳои бадастомада дар амалия то ҳадди баҳодиҳии ҷамъбасти раванди такмили тахассуси касбӣ ва ташаккули дастуроти нави арзишии такякунанда ба таҷрибаи бадастомадаи касбӣ ва иҷтимоиро фарогир мебошад [2].

Мусаллам аст, ки омӯзгори оянда баъди хатми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷиҳати тайёр шудан ба пешаи омӯзгорӣ ҳуҷҷатҳояшро барои таҳсил дар риштаҳои омӯзгорӣ ба самти коллеҷу донишкада ва донишгоҳу муассисаҳои дахлдори тайёркунии кадрҳои омӯзгорӣ месупоранд. Мутахассис баъд аз хатми муассисаҳои мазкур ва соҳибкасб гардидан ба фаъолияти омӯзгорӣ шуруъ менамояд.

Бояд дар назар дошта шавад, ки дар коллеҷу донишгоҳҳо танҳо асосҳои умумӣ ва таҳкурсии аввалини касбии мутахассисони оянда гузошта мешавад.

Чунин дараҷаи омӯзиш ва малакаи азбарнамудаи омӯзгори ҷавон барои мутахассиси рақобатпазири ба бозори меҳнат ҷавобгӯ будан кофӣ нест. Барои баланд бардоштани ихтисос ва огоҳ гардидан аз навгониҳои соҳа мебояд ҳар як омӯзгор мунтазам бо риояи фосилаи муқарраргардида ба курсҳои такили ихтисос ва бозомӯзии муассисаҳои мазкур ҷалб карда шаванд [6].

Дар ин замина ҷиҳати ба донишҳои наву замонави мусаллаҳ гардонидани омӯзгорони ҷавон ва ба курсу семинарҳои бозомӯзӣ ҷалб гардидани кормандони донишкадаву филиалҳои муассисаҳои давлатии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф вазифадоранд, ки барои баланд бардоштани малакаву маҳорат ва тайёрии касбии омӯзгорон ба масъалаҳои зерин аҳамияти ҷиддӣ дода, зарурат ва муҳимияти онҳоро ба шунавандагон фаҳмонида тавонанд:

- донистани асосҳои илмию методологӣ, вазифаҳо ва мафҳумҳои асосии илми педагогика;
- донистани қонуниятҳои тараққиёт ва ташаккулёбии шахсияти хонандагон;
- донистани мақсад, вазифаҳо, мазмун, принсипҳо, методҳою воситаҳо, шаклҳо ва қисмҳои таркибии системаи тарбияи хонандагон;
- донистани қонуниятҳои асосии тараққиёти анатомӣ – физиологии давраҳои синнусолии хонандагон;
- донистани асосҳои назариявӣ ва амалии гигенаи мактабӣ, принсипҳо ва роҳҳои тарбияи гигении хонандагон;
- донистани қонуниятҳои тараққиёти психологии хонандагон, хусусиятиҳои хоси фардӣ – психологии шахсияти онҳо дар зинаҳои гуногуни давраҳои синнусолии мактабӣ.

Баъд аз ҷалб ва гузаштан аз курсу семинарҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгор низ дар навбати худ уҳдадор аст, ки ҷиҳати баланд бардоштани малакаҳои касбӣ самаранокии тайёрии касбии педагогӣ, маҳоратҳои асоситарини пешаи омӯзгорӣ ва мусаллаҳ гардидан ва донишҳои наву замонавӣ маҳоратҳои зеринро дар худ такмилу рушд диҳад:

- ба нақша гирифтани тараққиёти шахсияти хонандагон;
- пешбинӣ кардани натиҷаи корҳои таълимию тарбиявӣ;
- ба нақша гирифтани мазмуну шаклҳои корбарӣ оид ба роҳбарӣ кардани корҳои таълимӣ ва беруназсинфии хонандагон;
- муайян намудани дараҷаи тараққиёти умумӣ ва тарбия гирифтани хонандагон;
- интихоб, таҳсил ва ҷамъбаст намудани материалҳои таълимиву тарбиявӣ;
- ҷудо карда тавонистани фаъолияти педагогиро ба амалиётҳои алоҳидаю барои вазъиятҳои зарурӣ мувофиқ;
- ба нақша даровардани сохт ё тарзи амалиётҳои хонандагон ва роҳбарии педагогӣ ва фаъолияти онҳо;
- мувофиқ ба шароитҳои таъғйирёбанда аз худ кардани тарзу усулҳо ва воситаҳои техникаи педагогӣ;
- ҷустуҷӯ карда тавонистани шаклҳои беҳтарину фоидаовари талаботҳо ба хонандагон ва вобаста ба хусусиятҳои фардии хонандагону шароитҳои педагогии тағйир додани онҳо;
- барқарор намудани муносибатҳои бомақсадонаи педагогӣ бо хонандагони алоҳида, гурӯҳҳои хурду коллективи хонандагони синф ва падару модарони онҳо;
- татбиқ карда тавонистани назорати ҷории мувофиқ ба дастурамалҳо ва фаврӣ аз болои кори хонандагон;
- маҳорати мувофиқ ба далелҳои асосӣ ва мақсади гузоштташудаи педагогӣ таҳлил карда, тавонистани натиҷаҳои ба даст овардашуда дар соҳаи таълиму тарбияи хонандагон;
- маҳорати аз рӯйи мазмуни материали таълимӣ дуруст интихоб карда тавонистани навъҳои дарс ва методу усулҳои ба он мувофиқ буда;

- маҳорати барқарор намудани ҳамкорӣ ба хонандагон дар чараёни таълиму тарбия;

- дуруст муайян карда тавонистани мақсаду вазифаҳои ҳар як дарс ва чорабиниҳои тарбиявӣ ва ғайра.

Рафти санҷиш ва таҳлили кори омӯзгорони ба курсҳои бозомӯзӣ ҷалбгардида аз нуқтаи назари кадом донишу малака ва маҳоратҳоро доштан ва дар раванди дарс аз он истифодашаванда муайян намуд, ки муаллимон аз усули нави инноватсионии таълим аз қабили, кор дар гурӯҳҳо, масъалагузорӣ ва бозиҳои дидактикӣ маълумоти кофӣ надоранд. Бо асосгирии натиҷаи санҷиш ҷиҳати баланд бардоштани малакаҳои касбии омӯзгорон бо мақсади беҳгардонии сатҳу сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ аз ҷониби лекторон ба шунавандагони курсу семинарҳо ва бозомӯзӣ маҳорати таҳия намудан ва дар раванди фаъолияти касбӣ истифода намуданӣ онҳо омӯзонида мешавад:

- намунаи нақшаи тақвимӣ - мавзуи аз фанҳои таълимӣ;
- намунаи нақшаи дарси яксоата;
- корбари аз рӯйи усули фаъолгардонии раванди таълим (УФТ);
- намунаи нақшаи худомӯзии омӯзгор;
- намунаи нақшаи иттиҳодияи методӣ дар мактаб;
- намунаи нақшаи кабинет дар мактаб;
- коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ дар мактаб ва ғайра ёрии методии худро мерасонанд.

Хулоса, бо андешаҳои болозикр таъкид мекунем, ки ташкил ва гузаронидани курсу семинарҳои мақсаднок дар рушд ва ташаккули маҳорати касбии омӯзгорон мусоидат намуда, ҷиҳати беҳтар гардидани сифати таълиму тарбия ва таҳсилот заминаи асосӣ мегузорад. Ҳамчунин, моро зарур аст, ки барои шароити муосиди таълим ва таҳсилот ва ғамхориҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифро боз ҳам беҳтар ба роҳ монем ва дар баландбардории маҳорату малакаҳои касбии омӯзгорон ба муваффақиятҳои нав ба нав мушарраф гардем.

**АДАБИЁТ**


1. Акобиров, Ш.З. Системаи модулӣ, кредитӣ ва фосилавӣ дар такмили ихтисос. Ташаккули системаи миллии такмили ихтисоси кормандонисоҳаи маориф. - Душанбе: «Империал-Групп». -2016. С. 83-88.
2. Булбулов, Ҷ. Такмили ихтисоси омӯзгорон: воқеият, махсусият, андешаҳо / Ҷ. Булбулов. - Хоруғ: Логос, 2011. - 180 с.
3. Вершловский, С. Г. От повышения квалификации к постдипломному педагогическому образованию // Андрагогика постдипломного педагогического образования: научно-методическое пособие // под ред. С. Г. Вершловского, Г. С. Сухобской. - СПб.: СПбАППО, 2007. - С. 6-33.
4. Каримзода, М. Сифати таҳсилот ва муносибати босалоҳият ба таълим – унсурҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф [Матн] // Дастури илмӣ-методӣ / М.Б. Каримзода. - Душанбе: Ирфон, 2018. – 327 с.
5. Қурбонзода, Х. Самтҳои аввалияи рушди такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф / Воситаи таълимӣ / Х. Қурбонзода, Ҳ.Бобоев. – Душанбе: Империал-Групп, 2016. – 87 с.
6. Собиров, С.Ф. Аҳамият ва зарурати такмили маҳорати касбии кадрҳои омӯзгорӣ дар шароити таҳсилоти салоҳиятнок. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017 – №3/5. – С. 234-239, ISSN 2074-1847.
7. Собиров, С.Ф. Роҳҳои баландбардории маҳорат, малака ва салоҳияти касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. // Паёми Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон. – Душанбе, 2017, №3/7. – С. 247-253, ISSN 2074-1847.

## К ВОПРОСУ О МЕТОДИКЕ ПРИМЕНЕНИЯ СКАЗОЧНЫХ МАТЕРИАЛОВ В НАЧАЛЬНОЙ ШКОЛЕ

***ФАЙЗИЕВА Ханифахон Аюбовна*** *– преподаватель кафедры социальной и профессиональной педагогики Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова, г. Худжанд, 17, мкр-р.. дом 1.* ***E- mail:*** *hanifakhon.96@mail.ru.*

В данной статье автор делится опытом применения сказочного материала в начальной школе. В ней речь идет о трудах исследователей, которые посвящены рассмотрению вопросов, связанных с народной сказкой и её жанрами, характером сказок в качестве прозаического примера фольклора, их видами, а также со значением сказок для литературы и для целей воспитания детей раннего возраста.

В статье приводится точка зрения автора об определении понятия «сказка», раскрыты характерные особенности таджикских народных сказок, исследованы педагогические возможности сказок для развития моральных качеств подрастающего поколения.

Автор делится своей методикой применения сказок в начальной школе, приводит рекомендации для наиболее эффективного воздействия сказок на личность ребенка, предлагает примеры классной работы и соответствующие домашние задания.

***Ключевые слова***: *народная сказка, воспитание, нравственность, дети, фольклор, методика, учитель, начальная школа, учащиеся.*

## ОИД БА МАСЪАЛАИ ТАРЗИ ИСТИФОДА БУРДАНИ МАВОДҲОИ АФСОНАВӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

***ФАЙЗИЕВА Ҳанифахон Аюбовна*** *– омӯзгори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., х.1. E- mail: hanifakhon.96@mail.ru.*

Дар мақолаи мазкур муаллиф таҷрибаи худро дар бобати истифода бурдани маводҳои афсонавӣ дар мактаби ибтидоӣ нақл мекунад. Дар он осори муҳаққиқоне, ки ба баррасии масъалаҳои марбут ба афсонаи халқӣ ва жанрҳои он, ба хусусияти афсонаҳо ҳамчун намунаи насри фолклор, навъҳои онҳо, инчунин ба аҳамияти афсона барои адабиёт ва барои тарбияи бачагони хурдсол бахшида шудаанд, баён шудааст.

Дар мақола нуқтаи назари муаллиф оид ба таърифи мафҳуми «афсона» баён гардида, хусусиятҳои хоси афсонаҳои халқии тоҷик ошкор гардида, имкониятҳои педагогии афсонаҳо барои ташаккули хислатҳои ахлоқии насли наврас таҳқиқ карда шудааст.

Муаллиф методологияи истифодабарии афсонаро дар мактаби ибтидоӣ нақл карда, барои таъсирбахштар намудани маводҳои афсонавӣ ба инкишофи шахсияти кӯдак тавсияҳо медиҳад, намунаҳои корҳои синфӣ ва корҳои хонагии марбутаро пешниҳод мекунад.

***Вожаҳои асосӣ****: афсонаи халқӣ, тарбия, ахлоқ, бачагон, фолклор, методика, муаллим, синфҳои ибтидоӣ, хонандагон.*

## TO THE ISSUE OF APPLICATION OF FAIRY-TALE MATERIALS IN THE PRIMARY SCHOOL

***FAYZIEVA Hanifakhon Ayubovna*** *– lecturer at the department of social and professional pedagogy department of Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, Khujand, 17 micro district house 1.* ***E- mail:*** *hanifakhon.96@mail.ru*

In this article, the author shares her experience of using fairy-tale material in elementary school. The article contains an information about the works of researchers who are devoted to the consideration of issues related to the folk tale and its genres, the nature of fairy tales as a prose example of folklore, their types, as well as the significance of fairy tales for literature and for the purposes of educating young children.

The article presents the author's point of view on the definition of the concept of "fairy tale", reveals the characteristic features of Tajik folk tales, explores the pedagogical possibilities of fairy tales for the development of the moral qualities of the younger generation.

The author shares her methodology of using fairy tales in elementary school, gives recommendations for the most effective impact of fairy tales on a child's personality, offers examples of class work and related homework.

***Key words****: fairy tale, education, morality, children, folklore, methodology, teacher, elementary school, pupils.*

В статье научно обоснованы основные причины развития социального интеллекта младших школьников и влияние на него внутренних и внешних факторов. Изучаются и анализируются также механизмы формирования личности младших школьников, становление личности ребенка, обучающегося в общеобразовательном учреждении, регулярные и константные изменения сознания и мышления, сфера гуманизма, поведение и его строение, деградация социального интеллекта, процесс формирования личности несовершеннолетних с учетом влияния природной среды, подбор методов воспитания и способов всестороннего развития самосознания учащихся, социальное поведение учащихся начальных классов. Для обоснования представленной в статье проблемы широко использовались работы известных ученых.

***Ключевые слова****: социальный интеллект, ребенок, современная наука, развитие, мышление, поведение, формирование восприятия, методы воспитания, самопознание, школьник, семейное воспитание, самооценка.*

## MAIN FACTORS OF THE DEVELOPMENT OF SOCIAL INTELLIGENCE IN THE PROCESS OF LEARNING IN THE PRIMARY SCHOOL

***MIRAMONZODA Rahimberdi*** – *doctoral student (PhD) of the second course of the specialty of pedagogy and psychology of the Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, Khujand, 17 micro district house 1.* ***E-mail:*** *miramonzoda@bk.ru,* ***phone:*** *+(992) 927 73 72 01*

The article scientifically substantiates the main reasons for the development of social intelligence of younger schoolchildren and the influence of internal and external factors on it. The mechanisms of formation of the personality of younger schoolchildren, the formation of the personality of a child studying in a general education institution, regular and constant changes in consciousness and thinking, the sphere of humanism, behavior and its structure, the degradation of social intelligence, the process of forming the personality of minors, taking into account the influence of the natural environment, selection methods of education and ways of comprehensive development of self-awareness of students, social behavior of primary school students. To substantiate the problem presented in the article, the works of famous scientists were widely used.

***Keywords:*** *social intelligence, child, modern science, development, thinking, behavior, perception formation, education methods, self-knowledge, student, family education, self-esteem.*

Ташаккул ва такмили зеҳни иҷтимоӣ, иҷтимоисозии мусбати кӯдакон дар солҳои аввали таҳсил дар зери таъсири омилҳои зиёди берунӣ ва дохилӣ сурат мегирад. Илми муосир омилро ҳамчун неруи пешбарандаи равандҳо (ҳодисаҳо) муайян мекунад. Бинобар ин, омил бевосита ба хислату тавсифоти онхо таъсир мерасонад. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки ҳангоми банақшагирии равандҳое, ки ба инкишофи зеҳни иҷтимоии хонандагон дахлдор мебошанд, омилҳои асосии ҷанбаҳои берунӣ ва дохилидоштаро, ки ба ин равандҳо таъсир мерасонанд, дақиқан бояд муайян намуд.

Илова бар ин, бояд нуқтаи ибтидоии таҳқиқот муайян карда шавад, ки дар бораи механизмҳои ташаккули шахсияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ тасаввуроти илмӣ медиҳад. Файласуфон мафҳуми «инкишоф» -ро ҳамчун тағйироти мақсаднок, тобеъ ба

қонунҳои муайян дарк мекунанд. Агар падидаи инкишофро аз нуқтаи назари педагогика ва психология ба назар гирем, пас вай дар ин маврид «...тағйироти мунтазам ва нисбатан устувори сохтори бадан ва системаи асаб, равандҳои тафаккур ва рафторро ифода мекунад» [6].

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки вақте сухан дар бораи ташаккули шахсияти кӯдаки ба муассисаи таҳсилоти умумӣ дохилшуда меравад, дар назар аст, ки тағйироти доимӣ ва устуворе дар шууру тафаккур, соҳаи отифавӣ, рафтор ва ҷисми ӯ ба амал меоянд. Натиҷаи чунин дигаргуниҳо бояд рафтори самарабахш, мураккаб ва муташаккил дар ҷомеа бошад, ки асоси он дигаргуниҳои маърифатӣ мебошанд. Набояд дар бораи чунин омиле, аз қабили пасравии зеҳни иҷтимоӣ, ки ҳангоми баррасии амсилаҳои назариявӣ дар педагогика ва таҳсилот тақрибан баррасӣ карда намешавад, фаромӯш намуд. Аммо ин маънои онро надорад, ки он дар воқеият вуҷуд надорад. Ин масъала дар асарҳои равоншинос Н. С. Лейтес, хуб тавсиф шудааст, ки назарияи пешгӯии инкишофи кӯдакони дорои сатҳи баланди зеҳниро тавсиф мекунад [4].

Раванди ташаккули шахсиятро бо назардошти омили таъсиррасонии муҳити табиӣ ба кӯдак бояд омӯхт. Аммо педагогикаи муосир пештар рафтааст. Он далолат мекунад, ки чунин муҳит сохтори бисёрсатҳӣ дошта, ҳар як сатҳи онро ҳамчун омили алоҳидаи инкишоф омӯхтан лозим аст.

Ю.Бронфенбреннер дар асарҳои илмии худ 4 гурӯҳи омилҳои инкишофро ҷудо мекунад, ки онҳоро микро, мезо, экзо ва макросистемаҳо номидааст. Чунин андешаҳоро А.Бандура ҳангоми кор кардан оид ба мафҳуми «таълими иҷтимоӣ» баён кардааст. Олим муътақид буд, ки одам, рафтори ӯ ва муҳити иҷтимоӣ дар маҷмуъ рафтори самарабахшеро ба вуҷуд меоранд, ки дар он ҳамаи омилҳо бо ҳамдигар таъсир мекунанд.

А. Бандура пешбинӣ мекард, киба рафтори одам вижагиҳои шахсии ӯ ва муҳити беруна таъсир мерасонанд. Дар ҳамин ҳол метавон таъсири баръаксро мушоҳида намуд, вақте ки рафтор тағйироти худро ба муҳит ва шахсият ворид менамояд. Олим муътақид буд, ки одамон бо рафтори худ ба муҳити беруна таъсир мерасонанд ва ин таъсир ба қадри кофӣ муассир аст. Тағйироти дар муҳит воқеъшаванда худ ба худ қодиранд, ки минбаъд дар вижагиҳои шахсии одамон ва рафтори онҳо дигаргуниҳо ворид намоянд. А.Бандура ба хулоса омад, ки инсон, рафтор ва муҳит ба таври доимӣ бо ҳамдигар таъсири мутақобила доранд. Ва дар зиндагии инсонҳо лаҳзаҳое фаро мерасанд, ки яке аз ин се унсур ҷудо шуда, бар унсурҳои дигар авлавият пайдо мекунад.

Илова бар ин, А.Бандура таъкид кардааст, ки рафтори инсон на танҳо бо таъсири берунии муҳити зист муайян карда мешавад. Он бештар ба таъсири худтанзимкунӣ вобаста аст. Одамон дар давоми ҳаёти худ таҷрибаи мустақим ва ивазкунандаро ба даст меоранд, стандартҳои рафторӣ, як навъ амсилаҳои номуайянро таҳия мекунанд. Амсилаҳои мазкур пас аз ташаккул ва азхудкунӣ тавассути шуур ба сифати меъёрҳои рафтор ҳамчун асос хизмат мекунанд, ки инсон дар асоси он баҳодиҳии худ ба шахсиятро роҳандозӣ мекунад [8, С. 384-388].

А.Бандура ва М.Куперс дар рафти таҷрибаҳои муштараки омӯзиши зеҳни кӯдакон ошкор карданд, ки хонандагони солҳои аввали таҳсил, ки аз онҳо меъёрҳои баланди рафтор талаб карда мешуд, амали худро мусбат кабул карда, ба натиҷаҳои аъло ноил гардиданд. Дар ҳамин ҳол, кӯдакони истифодакунандаи амсилаи рафтор, ҳатто барои дастовардҳои камтар ҳам мукофотонида мешуданд, Муҳаққиқон ба хулосае омаданд, ки эътимоди дохилӣ, ки аз рӯйи қолабҳои инфиродӣ муқаррар шудааст, ба рафтори кӯдак бештар аз омилҳои беруна таъсир мерасонад. Дар баробари ин, меъёрҳои баланди рафтор (комилиятгароӣ) аксар вақт сабаби таҷрибаҳои шахсӣ мебошанд, ки стресс ва асабониятро ба вуҷуд меоранд.

Ташаккули идроки шахсияти худ дар байни хонандагони синфҳои ибтидоӣ яке аз вазифаҳои асосии амали муҳити таҳсилот мебошад. Дар ин синну сол кӯдак бо одамони гуногуни ҷомеаи атрофи худ таҷрибаи муошират пайдо карда, ба саволҳои «ман кистам», «ҷойгоҳи ман дар ҷомеа дар куҷост» ва ғайра ҷавоб ёфтанро ёд мегирад. Тадриҷан, кӯдакон фардият, ҳаммонандии худро дарк мекунанд. Онҳо дар ҷомеа мавқеи худро ёфта, як ҷузъи он, иштирокдорони баробарҳуқуқи муносибатҳои ҷамъиятӣ мегарданд.

В.Ҷемс яке аз аввалин муҳаққиқоне буд, ки тавонист ду унсури асосии мафҳуми худшиносиро ҷудо кунад. Олим «худият» -ро ба «Азони ман» ва «Ман» тақсим кардааст. Ӯ ба унсури аввал ҳама чизеро, ки моли шахс аст, дар ҳар шакл мансуб кардааст. Аз вижагиҳои хислат то чизҳои моддӣ. «Ман» дар фаҳмиши В.Ҷемс, маънои субъекти шинохтро дорад, ки барои дарки моҳияти он зарур аст. Ҳангоми омӯхтани ташаккули худшиносӣ, зарур аст, ки ҳам ба ҷузъҳои таркибии он «Ман» ва ҳам «Азони мин» муроҷиат карда шавад.

Интихоби методҳои тарбия ва роҳҳои худшиносӣ бештар ба омилҳои миллӣ ва фарҳангӣ вобаста аст. Ба ин мафҳумҳое аз қабили ҳувияти этникӣ, анъанаҳо, вижагиҳо ва ғайра дохил мешаванд. Масалан, дар Аврупо, Амрикои Шимолӣ ва албатта, анъанаҳои фарҳангию маърифатии ватанӣ эҳтиром ба шахсияти инсон, беназирӣ ва асолати олами ботинии ӯ одат шудааст. Аз солҳои аввали ҳаёти кӯдак дар ӯ хислатҳои мустақилият, мақсаднокӣ барин хислатҳо ташаккул меёбанд. Кӯдакон ба истиқлолияти худ, хоҳиши озодона фикр кардан ташвиқ мешаванд. Агар имкон бошад, ба онҳо дар хонаи истиқоматӣ ҳуҷраи алоҳида ҷудо карда, ба озмунҳои гуногун ҷалб карда шуда, бозию чорабиниҳои мусобиқавӣ ташкил карда мешаванд. Ин кор барои он карда мешавад, ки дар кӯдакон, махсусан хонандагони синфҳои ибтидоӣ рӯҳияи рақобат, эътимод ба нафс ва хоҳиши мусобиқа кардан инкишоф ёбад.

Аммо дар ҷаҳони имрӯз анъанаҳои дигари фарҳангию маърифатӣ вуҷуд доранд, ки дар онҳо худшиносӣ бештар қадр карда мешавад. Шахсияти инсон дар ин ҷо ба оила, ба ин ё он гурӯҳи қавмӣ тобеъ аст. Ба ин анъанаҳо силсиламаротиби равшани қаринаи иҷтимоидошта ва нақши инсони мушаххас дар сохтори иҷтимоии ҷомеа хос аст. Чунин анъанаҳо барои зуҳуроти отифавӣ ва рафтор қоидаҳои хеле қатъӣ муқаррар мекунанд [2, С. 38-40].

Кӯдаки дусола аллакай дар бораи худ тасаввуроте дорад (Е.А. Сергиенко). Ҳамзамон бо калоншавӣ, ин тасаввурот пурратар ва мувофиқтар мешавад. Кӯдакон дар чаҳорчӯбаи «Ман-мафҳум», ки аз ҷониби олимони психолог ва омӯзгорон дар натиҷаи худшиносии кӯдакон, ҳарф задан дар бораи худ ва тафовут аз дигарон баҳогузорӣ карда мешаванд, метавонанд хислату қобилиятҳои худро арзёбӣ кунанд. Дар ин раванд сифатҳои кӯдакро муайян кардан мумкин аст, ки худи ӯ онҳоро авлотар ва муҳимтар медонад. Ҳангоми таҳлили натиҷаҳои дар таҳқиқот бадастомада чунин ҳолатро дар назар доштан лозим аст: баҳодиҳии шуури ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз рӯйи зуҳуроти рафторӣ ва ангезавии он зарур аст.

Донишмандон М.Кун ва М.Макпартленд методикаи ташхиси омӯзиши дастуроти асосии шахсиятро таҳия кардаанд. Дар назария, методикаи мазкур якчанд ном гирифт: "Ман кистам?" - саволномаи тестӣ, тести «20 гуфтор» ва ғайра. Методика ба таври васеъ маълум гардида, имрӯз бароиислоҳи иштибоҳоти кори тарбиявӣ ва муайян намудани як қатор тавсифоти ҳамонандии шахсият фаъолона истифода мешавад.

Тибқи таснифоти созмони байналмиллалии ЮНЕСКО таҳти мафҳуми синни хурдсол аз 0 то 10- солагӣ фаҳмида мешавад. Маҳз барои ҳамин давраи ташаккули шахсият санҷиши 20 гуфтор пешбинӣ шудааст. Таҳқиқот дар ин самт хулосаеро имконпазир намуданд, ки кӯдакони то ҳафтсола бештар худро бо номбар кардани сифатҳои ҷисмонӣ ва бозиҳои дӯстдоштаашон тавсиф мекунанд. Онҳо хеле камтар маҳоратҳои худро ба ёд меоранд ва ҳатто дар бораи таҷрибаҳои отифавӣ камтар сӯҳбат

мекунанд. Кӯдаки миёнасол аллакай ба таври таҷридӣ фикр мекунад. Вижагиҳои отифаҳо, эҳсосот ва тафовути худро аз кӯдакони дигар дарк мекунад (В.С. Мухина, С.А. Козлова) [10, С. 121-124].

Кӯдакон бо шинохтани «Ман» -и худ ба сифатҳои шахсии ҳанӯз равшан ифоданашуда баҳо медиҳанд. Бар хилофи «Ман-мафҳум», ки дар он тавсифи оддии шахсияти худ истифода мешавад, ҳангоми баҳодиҳии худ чунин тавсифҳо бояд бо мулоҳизаҳои арзиш тасдиқ карда шаванд. Ҳангоми ташхиси худбаҳодиҳӣ аксар вақт мушкилоти калон ба миён меоянд. Инро муҳаққиқон ва тарбиятгарони таҷрибадори гуногун таъкид мекунанд. Чун қоида, хонандагони синфҳои ибтидоӣ баҳодиҳии шахсияти худро аз баҳодиҳии омӯзгор барои иҷрои вазифаи мушаххас ҷудо намекунанд. Аз ин рӯ, вазифаи омӯзгор ва падару модарон аз он иборат аст, ки ба кӯдак дида тавонистани ҷиҳатҳои тавонои худро омӯзонанд, яъне худбаҳодиҳии худро бештар мусбат ва воқеъбинонатар гардонад.

Шарти дигари муҳимтарини иҷтимоисозии мусбати кӯдакон аз тарафи онҳо донистани меъёрҳои иҷтимоӣ ва қоидаҳои фарҳангӣ, азхуд кардан ва риояи онҳо мебошад. Хусусияти муҳими кӯдак ва воқеан ҳар як шахси бомаърифат ин қобилияти идора кардани отифаҳо ва рафтори худ бо назардошти манфиатҳои дигар аъзои ҷомеа, ниёзҳои одамон мебошад. Нишондиҳандаи муҳими худназоратии инкишофёфта дар кӯдакон қобилияти ба таъхир андохтани иҷроиши хоҳиши мушаххас аст, то дертар, пас аз муддате чизи арзишмандтар ба даст оварда шавад. Методҳо ва усулҳои гуногуне, ки ба баланд бардоштани назорати дохилӣ нигаронида шудаанд, метавонанд ба кӯдак дар мубориза бо хоҳиши лаҳзаинааш кӯмак расонанд. Масалан, Н.Ньюкомб 5 чунин равишро пешниҳод кардааст [1, С. 76-78]:

1. Омӯзиши идора кардани диққати худ;
2. Омӯзиши дур шудан аз сифатҳои мусбати ашёи дилхоҳ;
3. Тамрини худназораткунӣ бо истифода аз дастурҳои худ;
4. Баҳодиҳии мусбат ба қобилияти ба таъхир андохтани хоҳиши кӯдак;
5. Такрори амалҳои инсон, ки ҳавас, лаззатро ба таъхир меандозад.

Олимон Ҷ. Блок ва Ҷ. Х Блок истифодаи консепсияи «эго-назорат» -ро пешниҳод карданд. Онҳо ба таври таҷрибавӣ табиати номутобиққунандаи ҷанбаи барзиёдӣ ва нокифояги худназоратиро, ки боиси проблемаҳо дар рафтори иҷтимоии кӯдакон мегардад, исбот карданд. Масалан, кӯдакони сесола, ки аз ҷониби калонсолон аз ҳад зиёд назорат мешуданд, қотеъ набуданд. Онҳо метавонистанд бидуни ягон ангеза аз иҷрои хоҳиши худ даст кашанд.

Дар вазъияти ношинос онҳо ғайрифаъол ва камфаъолият буданд. Вале дар баробари ин, онҳо сифатҳои мусбат хам доштанд. Дар байни онҳо қобилияти ба нақша гирифтани рафтор ва амали худ, устуворӣ дар як соҳаи муайяни фаъолият мебошанд. Ҳангоми муошират бо кӯдакони дигар онҳо отифаҳои қавӣ зоҳир намекарданд. Манфиатҳои онҳо бо доираи хурди фаъолият маҳдуд шуда, талаботи худро на бевосита, балки бавосита баён мекарданд.

Кӯдаконе, ки сатҳи назораташон паст аст, баръакс, гапношунав, кунҷков ва бовокуниш тавсиф мешуданд. Онҳо наметавонистанд фикру зикрашонро ҷамъ кунанд ва гирифтани лаззатро ба таъхир андозанд. Чунин мушоҳидаҳо онро нишон медиҳанд, ки ифрот дар ташкили назорат аз болои рафтори кӯдак (его-назорат) номатлуб аст.

Ҷ. Блок ва Ҷ.Х. Блок тавсифоти дигареро ошкор намуданд, ки барои фаҳмидани иҷтимоишавии шахсии хонандагони солхои аввали таҳсил ҷолибу шавқовар аст. Онҳо мафҳуми «мавзунияти эго-назорат» -ро ҷорӣ карданд. Муҳаққиқон ба хулосае омаданд, ки дурусттаринаш гузаштан аз сатҳи баланди назорат ба сатҳи паст ва инчунин гузариш ба самти муқобил аст. Кӯдаконе, ки мавзунии афзояндаи "эго-назорат" –ро доранд, дар ҳолатҳои муайян бештар ҷамъшуда мебошанд.  Масалан, онҳо ба таҳсили худ ҷиддӣ

муносибат мекунанд, аммо ҳаяҷони отифавӣ ва номутавозуниро ҳангоми бозиҳо, муошират бо ҳамсинфон, калонсолон нишон медиҳанд [9, С. 320-323].

Барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ сатҳи «эго-назорат»-и шахсияти кӯдак, ки бо дараҷаи мавзуният муайян карда мешавад, ташкилаи устувор боқӣ мемонад. Аммо вақте ки онҳо ба синни ҳафтсолагӣ расиданд, пайдоиши баъзе тағйироти рафторӣ қайд карда шуд. Кӯдаконе, ки ба гурӯҳи дорои сатҳи пасти худназоратӣ хос буданд, кунҷковтар буданд, дар амалҳои онҳо худбахудӣ ва нерӯмандӣ зоҳир мешуд. Илова бар ин, чунин кӯдакон метавонистанд кӯдакони дигарро идора кунанд ва бо онҳо дар муқоиса бо хонандагони дорои сатҳи баланди худдорӣ хашмгинонатар муносибат кунанд.

Кӯдакони гурӯҳи дуюм (дар он ҷо озмоишгарон онҳоро ҳанӯз дар 3-солагӣ гирифта буданд) дар синни ҳафтсолагӣ то андозае ғайрифаъол ва шармгин буданд. Робитаи мутақобилаи эго- назорати баланд бо эго-мавзуният ошкор карда шуд. Агар дар синни 3-солагӣ ҳардуи ин нишондиҳандаҳо дар кӯдак муайян карда шаванд ва онҳо сатҳи баланд дошта бошанд, пас дар синни 7-солагӣ чунин кӯдакон дар ҷомеа бомуваффақият мутобиқ мешаванд. Ин кӯдакон изтироби паст ва қобилиятҳои хуби иҷтимоишавӣ доранд.

Рафтори иҷтимоигароёнаи хонандаи синфҳои ибтидоӣ яке аз муҳимтарин нишондиҳандаҳои иҷтимоӣшавии мусбат мебошад. Дар ин маврид тахти мафҳуми “рафтори иҷтимоигароёна” амалҳои динамикӣ инкишофёбанда ва амалҳои мусбати иҷтимоии дорои ҷанбаҳои устувори кӯдаконе, ки дар мактаби ибтидоӣ таҳсил мекунанд, фаҳмида мешавад. Ба чунин амалҳо ҳамдардӣ нисбат ба одамони дигар, хоҳиши кӯмак расонидан, маҳорати тақсимкунӣ бо дигарон, ғамхорӣ дохил мешаванд. Умуман, ин ҳама амалҳоест, ки аз ҷониби одамони дигар, тамоми ҷомеа баҳои мусбат дода мешавад.

Калонсолон барои тарбияи рафтори иҷтимоигароёна дар кӯдакон аз методҳои зерин истифода мебаранд:

- намунаи худ;
- нишондоди бевосита;
- мулохиза дар бораи амалҳо ва отифаҳо;
- вогузорсозии масъулият.

Яке аз омилҳои муҳимтарини иҷтимоисозии хонанда тарбияи оилавӣ мебошад. Дар муошират бо калонсолон кӯдакон таҷрибаи аввалини иҷтимоии худро ба даст меоранд, ки ба рушди зеҳни иҷтимоии онҳо таъсир мерасонад ва ба ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Илова бар ин, муошират бо калонсолон дар шуури хонандагони хурдсол қоидаҳои рафторро ташаккул медиҳад, дар бораи одамон донишҳои муайян медиҳад. Дар натиҷа, кӯдакон ба фаҳмидани «тимсоли Ман» - худ оғоз мекунанд.

Хонандаи хурдсол тавассути бозӣ ва вазъиятҳои бозӣ бо қоидаҳои рафтори одамони дигар ошно мешавад, муошират кардан, ҳамкориро дар як ҳайати даста меомӯзад, қобилиятҳои иҷтимоиеро ба даст меорад, ки барои барқарор кардани робита бо ҳамсолон истифода мешаванд. Бозӣ аз ҳамдардӣ фаъолона истифода мебарад, бинобар ин, он ба таври муассир инкишоф ёфта, робитаҳои шарикиро ташаккул медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки хонанда ба муносибатҳои самимӣ, дӯстона ва баробар бо ҳамсинфон, дигар кӯдакон ва калонсолон, ки бо отифаҳои мусбат тавсиф мешаванд, эҳтиёҷ дорад.

Бозиҳои дастаҷамъии кӯдакони хурдсол дар онҳо қобилияти муносибат ба атрофиён, қобилияти интихоби амалро вобаста ба вазъияти бозӣ ва баҳодиҳии амалҳои онҳо ташаккул медиҳанд. Дар ин вақт ташаккули фарҳанги рафтори иҷтимоӣ дар рӯҳияи кӯдак ба вуқуъ меояд [7, С. 196-199]:

- назорати (худназорати) аксуламалҳои отифавӣ;

- баҳодиҳии (худбаҳодиҳии) амалҳое, ки ба манфиатхои коллектив мансубанд.

Барои иҷрои шартҳои бозӣ аз кӯдакон талаб карда мешавад, ки қоидаҳои муайяни иҷтимоиро риоя кунанд, бо дигар иштирокдорони раванди бозӣ муносибатҳои иртибототӣ барқарор кунанд ва ба амалҳои муайяни дастаҷамъӣ мутамарказ шаванд. Ин муқаррарот, чун қоида, дар оғози бозӣ дар раванди муҳокимаи сюжети он шартгузорӣ мешаванд. Азбаски дар бозӣ аз хонандаи хурдсол талаб карда мешавад, ки бо кӯдакони дигар тамос гирад, кӯдак ба муошират, дастгирии отифавӣ ниёз дорад.

Вале ҳамаи он нуктаҳое, ки дар боло тавсиф шудааст, бештар барои кӯдакони асри XX хос аст (Е.О. Смирнова). Хонандагони имрӯза шавқу рағбатҳои дигар доранд. Дар онҳо талабот ба бозиҳо коҳиш ёфта, бозичаҳои тамоман дигар доранд. Бархе аз олимон бар ин назаранд, ки кӯдакони асри XX1 ба бозиҳои дастаҷамъӣ ва ҳатто инфиродӣ, бахусус бо қоидаҳои сюжетию нақшбозӣ камтар рӯ меоранд. Сюжетҳои онҳо соддатар ва кӯтоҳтар шуданд [5].

Дар аксарияти мавридҳо кӯдакони таълимгиранда дар синфҳои ибтидоӣ ба зеҳни хуб инкишофёфтаи иҷтимоӣ ниёз надоранд. Аммо чунин вазъият танҳо то замоне боқӣ мемонад, ки онҳо дар муносибат бо кӯдакони дигар мушкилот надоранд. Яъне дар байни хонандагони хурдсол бархӯрди манфиатҳо ба вуқуъ меояд. Дар кӯдак тадриҷан, намунаҳои рафторе ташаккул мeёбанд, ки ба онҳо дар оянда ҷиҳати дар байни ҳамсинфон, ҳамсолон ва калонсолон пурра мутобиқшавӣ кӯмак мекунанд. Бисёре аз кӯдакон хеле зуд дарк мекунанд, ки муносибатҳоро бо одамони дигар метавон барқарор ва онҳоро идора кард.

Барои омӯзгорон дарки он нукта хеле муҳим аст, ки фаъолияти муштараки хонандагони хурдсол ба онҳо дар инкишоф додани муошират, рафтори иҷтимоигароёна ва роҳандозӣ кардани муносибат бо дигар кӯдакон ва калонсолон кӯмак мекунад. Ин барои омӯзгор на фақат муҳим, балки усулӣ аст, зеро тамосҳо, муошират байнишахсиятӣ қувваи тавонои педагогӣ дошта, барои ҳалли вазифаҳои педагогӣ, ки проблемаҳои иҷтимоии мусбати иҷтимоисозии шахсияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ, инкишофи қобилиятҳои зеҳнии онҳоро ҳал мекунанд, аз арзиши бузург бархӯрдоранд. Тамосҳои байнишахсятӣ, ки байни кӯдакон ба вуҷуд меоянд, ба раванди фаъолияти муштарак ва ба натиҷаҳои он таъсири мусбат мерасонанд.

Вале набояд фаромӯш кард, ки барои фаъолияти муштарак низ зиддиятҳои гуногун, низоъҳо бо иштирокдорони дигари амалиёти муташаккил хос аст. Дар баъзе мавридҳо дар кӯдак метавонад "ангалгароии (паразитизми) иҷтимоӣ" ташаккул ёбад.

Аз ҳамаи шаклҳои фаъолияти муштарак соддатаринаш муштараку инфиродӣ мебошад, ки дар он ҳар як хонандаи иштирокдошта, ҳамчун як бахши кори умумии якҷоя барои ба даст овардани натиҷаи дастаҷамъӣ имкон медиҳад, ки маҳсулоти худро биёфарад. Мавҷуд будан ё набудани ғояи умумӣ вижагии хоси ин шакли фаъолияти муштарак мебошад. Аммо ба ин нукта мутахассисон на ҳамеша эътибор медиҳанд. Чун қоида, дар ҳамон ибтидои кор фикру мулоҳизаҳо сурат мегиранд. Иштирокдорон он ғояро бо роҳҳои гуногун ба назар мегиранд. Шояд ин тавр ҳам бошад, ки ғоя танҳо ба роҳбари амали хонандагон (омӯзгор) маълум бошад. Ҳолатҳое дучор мешаванд, ки умуман ғоя вуҷуд надорад ва маҳсулоти аз ҷониби иштирокдорони раванд бадастомада дар марҳилаи ниҳоӣ ба як сохтаи ягона муттаҳид карда мешаванд [3, С. 36-43].

Бо истифода аз тавоноии ташкили ҳамкории кӯдак бо калонсолон ва дигар кӯдакон дар раванди иҷтимоисозии мусбат ба натиҷаҳои хуб ноил шудан мумкин аст. Бо ёрии фаъолияти муштарак кӯдакони синни томактабӣ бо унсурҳои гуногуни рафтори ба иҷтимоӣ нигаронидашуда тарбия карда мешаванд:

- қобилият ба ҳамкорӣ;
- меҳрубонӣ;
- ҳатмӣ будан.

Илова бар ин, чунин фаъолият имкон медиҳад, ки дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ сифатҳои роҳбарӣ ташаккул ёбад.

Ҳамаи иштирокдорони кори умумӣ бояд ба маҳсули дарёфтнамудаи дастаҷамъӣ баҳо дода, ба саҳми онҳо ба кори умумӣ ба таври бояду шояд алоқаманд бошанд.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда, метавон хулоса намуд, ки дар хонандагони хурдсол зеҳни иҷтимоӣ дар ҳалли мушкилоти байнишахсиятӣ, дар гунаҳои интихоби рафтори иҷтимоӣ барои муддати тӯлонӣ ва қобилияти истифодаи ин гунаҳо дар ҳолатҳои гуногуни иҷтимоӣ зоҳир мешавад. Дар баробари ин, қобилияти кӯдак барои худбаҳодиҳӣ, муносибатҳои дохилӣ ва отифаҳои зоҳиршуда нақши муҳим мебозад.

Ҳамин тавр, зеҳни иҷтимоии шахсият дар ҷараёни иҷтимоисозии фард ташаккул ва инкишоф меёбад. Ба чунин инкишоф муҳити иҷтимоӣ таъсири назаррас мерасонад.

**АДАБИЁТ**


1. Денисова, Е. А. Социальный интеллект младших школьников / Е. А. Денисова, Н. И. Мурончик // Педагогический форум. – 2021. – № 1(7). – С. 76-78.
2. Казурова, Е. А. Семья как социально-культурная среда воспитания младших школьников с нарушением интеллекта / Е. А. Казурова // Студенческий электронный журнал СтРИЖ. – 2019. – № 2(25). – С. 38-40.
3. Коваленко, В. И. Половая дифференциация социального интеллекта подростков / В. И. Коваленко, Н. В. Буравцова // СМАЛЬТА. – 2019. – № 1. – С. 36-43.
4. Лейтес, Н.С. Возрастная одаренность школьников / Н.С. Лейтес // - М.; Академия, 2000, 320 с.
5. Макдауголл, У. Основные проблемы социальной психологии / У. Макдауголл // Пер. с 4-го англ. изд. М.Н. Смирновой, под ред. Н.Д. Виноградова. - М.; Космос, 1916, XIV, 282 с.
6. Ньюкомб, Н. Развитие личности ребенка. / Н. Ньюкомб // Перевод с англ. В. Белоусов, -СПб. Питер. 2002, 639 с.
7. Сергеева, М. Г. Концепции социального интеллекта: исторический экскурс и современный подход / М. Г. Сергеева // Вопросы педагогики. – 2019. – № 5-1. – С. 196-199.
8. Филина, Н. А. Лидерские качества младших школьников с разным уровнем развития социального интеллекта / Н. А. Филина // Проблемы современного педагогического образования. – 2021. – № 71-3. – С. 384-388.
9. Шабанова, Т. Л. Исследование особенностей социального интеллекта у младших школьников в контексте задач возрастного развития / Т. Л. Шабанова, Е. С. Журба // Балтийский гуманитарный журнал. – 2019. – Т. 8. – № 1(26). – С. 320-323.
10. Яковлева, Е. В. Возможности игровой деятельности в развитии социального интеллекта у младших школьников / Е. В. Яковлева // Ярославский психологический вестник. – 2018. – № 3(42). – С. 121-124.


## НАҚШ ВА МАҚОМИ НАМУДҲОИ ТАЪЛИМ ҲАМЧУН ЯКЕ АЗ МАФҲУМҲОИ АСОСИИ ДИДАКТИКӢ ДАР НАЗАРИЯИ ТАЪЛИМ

***НАЗАРОВА Муқаддас Султоновна** – омӯзгори кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., х.1. **E- mail:** dasik0530@mail.ru.*

Иттилоотонии раванди таҳияи такмили назарияи таълимро тақозо менамоянд. Зимни таъсири назарияи таълим аниқу дақиқ баён намудани мафҳумҳои асосии дидактикӣ ҳамчун шарти муҳими илмӣ-методӣ арзёбӣ мегардад. Дар доираи назария

мафҳумҳои асосӣ ҳамчун унсурҳои системаи мазкур бояд, ки дар алоқамандӣ ва аз ҳам вобастагии диалектикӣ мавриди назар ва баррасӣ қарор гирифтанашон лозим аст. Чунин мавриди баррасӣ қарор гирифтани намудҳои таълим ҳамчун мафҳуми асосии дидактикӣ тақозо менамояд, ки моҳият мазмуни асосӣ мундариҷаи он аз ҷиҳати назариявӣ асоснок баён карда шавад. Ягонагии назария ва амалияи истифодаи намудҳои таълим барои баланд гардидани сифат ва маҳсулнокии фаъолияти таълимӣ маърифатии муҳассилин мусоидат менамояд.

***Вожаҳои калидӣ***: *намудҳои таълим, назарияи таълим, амалияи таълим, сифати таълим, таҷрибаи пешқадами педагогӣ, иттилоотонии раванди таълим, фаъолияти таълимӣ-маърифтӣ.*

## РОЛЬ И МЕСТО ВИДОВ ОБУЧЕНИЯ КАК ИЗ ОДНО ОСНОВНЫХ ДИДАКТИЧЕСКИХ ПОНЯТИЙ В ТЕОРИИ ОБУЧЕНИЯ

***НАЗАРОВА Мукаддас Султоновна*** – преподаватель кафедры общей педагогики *Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова, г. Худжанд, 17, мкр-р.. дом 1.* ***E- mail:*** dasik0530@mail.ru.

Информатизация процесса обучения требует совершенствования теории обучения. В процессе разработки теории обучения интерпретация основных дидактических понятий считается важным научно-методическим условием. В рамках теории основные понятия, как элементы данной системы должны рассматриваться в диалектическом единстве и взаимообусловленности. Такая интерпретация видов обучения как основные дидактические понятия предполагает теоретически обоснованное раскрытие их сущности и основного содержания. Единство теории и практики использования видов обучения способствует повышению качества и продуктивности учебно-познавательной деятельности обучаемых.

***Ключевые слова:*** *виды обучения, теория обучения, практика обучения, качество обучения, передовой педагогический опыт, информатизация процесса обучения, учебно - познавательная деятельность.*

## THE ROLE AND THE PLACE OF THE FORMS OF TEACHING AS ON ONE OF THE MAIN DIDACTIC CONCEPTS IN THE THEORY OF THE TEACHING

***NAZAROVA Mukaddas Sultonovna*** *lecturer of the department of general pedagogy under the of Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, Khujand, 17 micro district house 1.* ***E- mail:*** dasik0530@mail.ru.

The informatization of the process of teaching demands the improvement of the theory of teaching. In the process of the description the theory of teaching the interpretation of the main didactic concepts is considered as an importance scientific and methodic condition. In the frame of the theory the main concepts as an element of the given system must be considered in dialectical unity and mutual dependence. The following interpretation of the forms of teaching as an main didactic concept supposes theoretically well-founded reveal of their essence and the main content. The unity of the theory and the practice of using the forms of teaching contributes to raising the quality and productivity of the teaching – cognitive activity of pupils.

***Key words**: forms of teaching, theory of teaching, practice of teaching, quality of teaching, advanced pedagogical experience, informatization of the process of teaching.*

Аз замонҳои қадим диққати олимонро сирру асрори олам, қонуниятҳои пайдоиш ва инкишофи предмет ва ҳодисаҳои он ба худ ҷалб менамуд. Донистани ин қонуниятҳо ба инсон имконият медиҳад, ки шуур ва рафтори худ, ҳаёти моддӣ ва ҳаёти маънавии худро ба он мувофиқ ва мутобиқ намуда, ба муҳити он ҳамранг зиндагӣ намояд. Ҳар як илм ва вобаста ба он ҳар як фанни таълимӣ доираи муайяни предмет ва ҳодисаҳои оламро мавриди таҳқиқ, омӯзонидан ва омӯзиш қарор медиҳад. Илм ва фанни педагогика аз ин ҷиҳат истисно нест. Дар ҳар як илм ва вобаста ба он дар ҳар як фанни таълимӣ нақш ва мақоми мафҳумҳо ниҳоят бузург аст. Чӣ қадаре, ки мафҳумҳо аниқу дақиқ моҳияти предмет ва ҳодисаҳоро инъикос намоянд, ҳамон қадар онҳо ба талаботҳо ҷавобгӯ ҳастанд. Чӣ тавр мавриди назар гардидани мафҳумҳои илмӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии муҳассилин таъсири калон мерасонанд. Аз ин лиҳоз ташаккули диалектикии ҷаҳонбинии илмӣ тақозо менамояд, ки мафҳумҳои илмӣ на дар ҷудогонагӣ, балки дар алоқамандӣ ва аз ҳамдигар вобастагӣ, ва ҳамаи мафҳумҳо на чун ҷамъи мафҳумҳо, балки чун як системаи том, яклухт, бутун мавриди назар гардад, мавриди таҳқиқ, омӯзонидан ва омӯзиш гарданд. Инро инчунин алоқаи назария бо амалия, алоқаи илм бо ҳаёт ҳамчун принсипи илмӣ ва принсипи дидактикӣ талаб менамояд. Зеро назария барои амалия, илм барои ҳаёт лозим аст. Ин бар назарияи таълим низ дахлдор аст. Зеро назарияи таълим барои беҳтар гардидани мактаб ва маориф хизмат намуданаш шарт ва зарур аст. Инкишофи мактаб ва маорифро бидуни рушд, такмили назарияи таълим, беҳтаргардонии назарияи таълим, оптимизатсияи назарияи таълим тасаввур кардан мумкин нест. Алоқамандии байни назария, амалияи таълим ва таҷрибаи пешқадами педагогӣ асоси беҳтар намудан, баланд бардоштани сифати таълим, маҳсулнокии фаъолияти маърифатӣ - таълимии муҳассилин шуда метавонад. Мантиқан дуруст муайян намудани таърифи мафҳумҳо, алоқамандии байни мафҳумҳо, ҳам мафҳумҳои асосӣ ва ҳам мафҳумҳои ғайриасосӣ шарти муҳими коркарди оптималии назария, аз ҷумла назарияи таълим маҳсуб меёбад.

Дар шароити иттилоотонии раванди таълим масъалаи таҳқиқи алоқамандии байниҳамдигарии мафҳумҳои асосии илмӣ, аз ҷумла мафҳумҳои асосии дидактикӣ аҳамияти махсуси илмӣ-методӣ касб менамояд. Аз ҳаллу фасли самараноки масъалаи мазкур масъалаи ба низом, ба система даровардани дониш, маҳорат, малакаҳои дидактикӣ, яъне иттилооти дидактикӣ вобаста аст. Дар маҷмӯъ ин масъалаи оптимизатсияи назарияи таълимро фаро мегирад.

Ташаккули системаи дониш, маҳорат, малакаҳои таълимӣ, ки асоси мундариҷаи таълимро ташкил медиҳад, бе ташаккули системаи мафҳумҳои дидактикӣ ва мавриди назар намудани ҳамаи донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳо ва ҳамчунин тарзи иҷро намудани фаъолиятҳои гуногун марбут ба фанҳои гуногуни таълимӣ имконнопазир аст. Ин бе риояи принсипи алоқамандии дохилифаннӣ ва алоқаиандии байнифаннӣ, ки онҳо низ аз алоқамандии дохилиилмӣ ва алоқамандии байниилмӣ сарчашма мегиранд, имконпазир аст. Таҳияи системаи донишҳо, маҳоратҳо, малакаҳо, тарзи иҷрои фаъолият ва умуман мундариҷаи таълим тақозо менамояд, ки дар он аз як ҷониб унсурҳои норасо, ва аз ҷониби дигар унсурҳои зиёдатӣ мавҷуд набошанд. Зеро ҳам унсури норасо ва ҳам унсури зиёдатӣ фаъолияти системаро коҳиш медиҳанд, яъне самаранокӣ ва сифати фаъолияти система паст мегардад. Албатта, дар адабиёти илмӣ-педагогӣ доир ба намудҳо, навъҳо, хелҳои таълим маълумотҳо, маводҳои илмӣ-методӣ хеле фаровонанд. Масалан, доир ба таълими тарбиядиҳанда, таълими инкишофдиҳанда, таълими маълумотдиҳанда, таълими аёнӣ ва ғайра, ва ҳоказо. Аммо ҳамаи ин маълумотҳо ва маводҳои амалӣ коркарди назариявиро тақозо менамоянд.

Мавриди назари таҳқиқӣ намудани маълумотҳои мазкур аз лиҳози муносибатҳои байниҳамдигарии мафҳумҳои асосии дидактикӣ бо намуд, навъ, хелҳои таълим асоси илмӣ - методии онро пурзӯр ва устувор намуда, ба як системаи муайян даровардани онҳоро имконпазир мегардонад, ки ин дар навбати худ ба система даровардани дониш, маҳорат, малакаҳо, тарзи иҷрои фаъолиятҳои гуногуни репродуктивӣ ва эҷодиро доир ба фанҳои гуногун ва умуман мундариҷаи таълимро имконпазир мегардонад. Ба ақидаи мо алоқамандии дохилифаннӣ ва алоқамандии байнифаннӣ асоси ташаккули системаи мундариҷаи таълим маҳсуб меёбад. «Алоқамандии байнифаннӣ ҳамчун категорияи дидактикӣ объекти бисёрчена, системанокӣ, таҳқиқӣ мебошад. Таҳлили системанок омӯзиши ҳайат, сохт, вазифаҳои алоқамандии байнифанҳо ва муносибати онҳоро бо дигар объектҳои система-ноки дидактикӣ, пеш аз ҳама бо фанҳои таълими ва раванди таълим тақозо менамояд» (1, 4). Зимни банақшагирӣ – ташкил – гузаронидан – таҳлили дарсҳо ва дигар шаклҳои ташкили таълим, намудҳои гуногуни таълим шарт ва зарур аст, ки пеш аз ҳама ба алоқамандии байнифаннии дидактикӣ, равоншиносӣ ва методикаи таълими фанҳои мазкур эътибори хоса дода шавад. Зеро ноил гардидан ба мақсадҳои маълумотдиҳандагӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳандагии таълим ва дар амал татбиқ намудани ин се намуди таълим дар ягонагӣ аз ин омил вобастагии калон дорад.

Муносибати байни мафҳуми таълим ва мафҳуми намуди таълимро ба шакли зайл тасвир намудан мумкин аст:

Ҷадвали №1

| № | МАФҲУМИ ТАЪЛИМ | |
|---|---|---|
| 1. | Моҳияти таълим | Намуди таълим |
| 2. | Абстракт | Конкрет |
| 3. | Кулл | Ҷузъ |
| 4. | Моҳият (дохил) | Ҳодиса (берун) |
| 5. | Мундариҷа | Ҳаҷм |
| 6. | Нисбатан устувор тағйирнаёбанда | Нисбатан ноустувор тағйирёбанда |

Муносибати байни мафҳуми таълим ва мафҳуми намуди таълимро чун муносибати байни моҳият ва ҳодиса тафсир намудан мантиқан дуруст аст. «Моҳият ва ҳодиса, категорияҳои фалсафавӣ, ки шаклҳои умумии олами предметӣ ва маърифати онро аз ҷониби одам инъикос менамояд. Моҳият – ин мундариҷаи дохилии предмет, ки дар ягонагии тамоми гуногуншаклӣ ва зиддиятнокии ҳастии шакли онро ифода менамояд; ҳодиса – ин ё он зуҳурот (ифода)-и предмет, ҳастии зоҳирии шакли он мебошад» (5, 665). Моҳияти таълим, механизми дохилӣ ва намуди таълим ҳамчун ҳодиса механизми берунаи онро ифода менамояд. Таълим аз нуқтаи назари моҳият, дохилӣ буданаш «диданашаванда» ва намуди таълим аз нуқтаи назари ҳодиса, зуҳуроти ҳодиса «дидашаванда» мебошад. Масалан, мафҳумҳои абстракт ва кулл «диданашаванда» ва мафҳумҳои конкрет ва ҷузъ дар қиёс бо мафҳумҳои абстракт ва кулл «дидашаванда» мебошанд. Моҳият нисбатан якхела, якран-га, яктарза, якнавохт, бетағйир мебошад, вақте ки ҳодиса ранга, рангоранг, гуногунранга, бисёрранга мебошад. Образнок карда ифода намоем, моҳият нисбатан қашшоқ ва ҳодиса нисбатан доро, яке нисбатан ҳамчун система камунсур ва дигаре ҳамчун система серунсур маҳсуб меёбад. Дар асоси модели таълим, ки моҳияти таълимро инъикос менамояд, моделу намудҳои таълим таҳия карда мешаванд, ки он умумият ва фарқияти намудҳои гуногуни таълимро вобаста ба ин ё он асос ифода менамояд. Умумият моҳияти таълимро, фарқият зуҳуроти гуногуни таълимро нишон медиҳад. Ҳамаи ин дар маҷмӯъ алоқамандии байниҳамдигарии мафҳумҳои гуногуни дидактикиро мавриди назар менамояд. Моҳият, мундариҷа ҳамчун асос, таҳкурсӣ хизмат менамояд. Ҳаҷм зуҳурёбии моҳият мундариҷаро аз нуқтаи назари миқдор ифода менамояд. Иттилоотонии раванди

таълим тақозо менамояд, ки вобаста ба ҳар як асос намудҳои зуҳурёбии таълим, яъне миқдори намудҳои таълим пурра муайян карда шаванд. Масалан, агар мо дар асоси фанни таълимӣ намудҳои таълимро муайян кардан хоҳем, пас мо намудҳои таълимро вобаста ба ҳамаи намудҳои фанҳои таълимӣ муайян карданамон лозим аст. Агар бо ин ё он сабаб намуди умумӣ ва ин ё он фанни ба доираи фанҳои таҳсилоти касбӣ дахлдор аст. Инчунин ба фанҳои таҳсилоти ибтидоӣ, фанҳои таҳсилоти таълимӣ аз мадди назар берун шавад, пас аз лиҳози мантиқӣ иттилоотонии раванди таълим ин нодуруст маҳсуб меёбад. Ин ҳам ба доираи фанҳои таҳсилоти ҳам миёна, ба олӣ ва дигар намудҳои таҳсилот. Иттилоотонии раванди таълим дарбар гирифтани тамоми унсурҳои системаи таҳқиқшавандаро аз ҷиҳати миқдорӣ тақозо менамояд. Ин аз як ҷониб, ва аз ҷониби дигар ҳамчунин талаботҳои меъёрӣ нисбати сифати ҳар як унсури система низ мавҷуд аст, ки сифати унсурҳои система бояд ба ин талаботҳои илмӣ - методии пешакӣ муайянкардашуда ҷавобгӯ бошанд.

Беҳтарсозии омодагии омӯзгорони оянда нисбати назария ва амалияи банақшагирӣ - ташкил- технология - таҳлили намудҳои таълим тақозо мена-мояд, ки пеш аз ҳама назарияи намудҳои таълим, амалияи намудҳои таълим, таҷрибаи пешқадами банақшагирӣ - ташкил - технология - таҳлили намудҳои таълим ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар алоқамандии дидактикӣ бо ҳамдигар мавриди назари таҳқиқотӣ гардад.

Ҷадвали № 2

| № | Назарияи таълим | Амалияи таълим |
|---|---|---|
| к 1. | Назарияи намудҳои таълим | Амалияи намудҳои таълим |
| 2. | Дониш, маҳорат, малакаҳо, тарзи иҷрои фаъолият доир ба намудҳои таълим | Дониш, маҳорат, малакаҳои эмпирикӣ доир ба намудҳои таълим |
| 3. | Таҷрибаи пешқадами педагогӣ доир ба намудҳои таълим | |

Таҳияи назарияи сифатан баланди таълим ва дар заминаи он таҳияи назарияи сифатан баланди намудҳои таълим таҳкурсии устувори гузариш ба амалияи ба талаботҳои илмӣ - методӣ ҷавобгӯи намудҳои таълим маҳсуб меёбад. Дар таҷрибаи пешқадами педагогц банақшагирӣ – ташкил – технология – таҳлили намудҳои таълим пеш аз ҳама ва беш аз ҳама маҳз амалӣ гарди-дани назарияи сифатан баланди намудҳои таълим ба назар мерасад. Амалияи банақшагирӣ – ташкил – технология – таҳлили намудҳои таълимро новобаста аз назарияи он мавриди назар намудан мантиқан нодуруст аст, зеро онҳо аз ҳамдигар вобаста мебошанд. Гузариш аз назария ба амалия зимни банақшагирӣ - ташкил - технология – таҳлили намудҳои таълим ҳамон вақт самаранок ва маҳсулнок ҷараён мегирад, ки агар назарияи намудҳои таълим ба талаботҳои илмӣ-методӣ ҷавобгӯ бошад. Ин маънои онро дорад, ки, масалан, мафҳуми намудҳои таълим на дар ҷудогонагӣ, балки дар алоқамандӣ, дар вобастагии байниҳамдигарӣ бо дигар мафҳумҳои асосии дидактикӣ дар доираи системаи том, бутун, яклухти дидактикӣ мавриди назар гардад. Дар чунин ҳолат системаи том, бутун, яклухти донишҳо, иттилоотҳо доир ба намудҳои таълимро ҳосил намудан мумкин аст. Умуман донишҳои дидактикӣ доир ба намудҳои таълим на танҳо дар доираи системаи дидактикӣ дар алоқамандии дохилиилмӣ ва вобаста ба ин дар доираи алоқамандии дохилифаннии педагогӣ - дидактикӣ, балки ҳамчунин дар доираи алоқамандии байниилмӣ, алалхусус бо илмҳои равоншиносӣ ва методикаи таълими фанҳои ҷудогона ва вобаста ба ин бо фанҳои мазкур дар доираи алоқамандии байнифаннӣ мавриди назар гардиданаш лозим аст. Назария ва амалияи намудҳои таълим бо ҳам алоқамандӣ ва пайвастагии дидактикиро доро мебошанд, зеро онҳо аз ҳамдигар сарчашма

мегиранд. Ин аз он нуқта бармеояд, ки «Маърифати илмӣ -назариявӣ, дар мухолифат бо идрок, аз маълумотҳои ибтидоии дақиқ омӯхташуда сарчашма мегиранд, ки он аз эҳсосоти бевосита баланд меистанд, зеро онҳо натиҷаи истифодаи методҳои дақиқи таҳқиқотӣ ва абстраксияҳо мебошанд, ҳарчанд, ки новобаста аз ин ҳамчун донишҳои эмпирикӣ боқӣ мемонанд» (3, 190). Ҳамаи ин дар омӯзгорони оянда на танҳо ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, шуур ва фарҳанги педагогӣ, балки боз ташаккули муносибати эҷодкоронаро нисбати банақшагирӣ -ташкил - технология - таҳия - таҳлили намудҳои таълимро тақозо менамояд. Зеро муносибати байни илм ва таҷриба, назария ва амалия, гузариш аз яке ба дигаре кори саҳл нест.

Дониш, маҳорат, малакаҳо, тарзи иҷрои фаъолиятро доир ба намудҳои таълим дар амал айнан ҷорӣ намудан имконнопазир аст. Барои ин хусусият-ҳои объекти олами берунаро мавриди назар намудан лозим аст, онҳоро аниқу дақиқ омӯхта, сипас эҷодкорона ин ё он намуди таълимро таҳия намудан мумкин аст. Зеро ҳар як лаҳзаи дидактикии марбут ба интихоб ва истифодаи намудҳои таълим нотакрор аст.

Ду таълимгирандаи якхела, ду синфи якхела, ду мактаби якхела, ду лаҳзаи дидактикии якхела мавҷуд нест. Маҳз ҳамин омилҳо ташаккули муносибати эҷодкорона, муносибати инфиродӣ ба ҳар як муҳассилин, муносибати инфиродӣ ба ҳар як гурӯҳи субъектҳои таълимгиранда, муносибати тафриқавӣ ба лаҳзаҳои гуногуни дидактикӣ дар омӯзгорони оянда на танҳо ташаккули дониш, маҳорат ва малака, балки боз ташаккули маҳорати педагогӣ, салоҳияти баланди касбӣ-меҳнатӣ, ҳисси баланди шаҳрвандӣ ва масъулиятшиносии томро талаб менамояд. Барои ин на танҳо омӯзиши назария, омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ доир ба самтҳои гуногуни намудҳои таълим лозим аст.

Ангур аз ангур ранг мегирад, шогирд аз устод панд мегирад. Вобаста намудани омӯзгорони ҷавон ба омӯзгорони соҳибтаҷриба доир ба омӯзиши амалияи намудҳои таълим яке аз роҳҳои самараноки омодасозии онҳо ба назария ва амалияи ташкили самараноки намудҳои таълим мебошад. Дар ин самт ҷоннок намудани фаъолияти шӯроҳои методии фаннӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро маҳз дар машғулиятҳои назариявӣ ва амалии чунин шӯроҳои методии таълимӣ масъалаҳои гуногуни банақшагирӣ – ташкил – технология – таҳия – таҳлили намудҳои таълимро мавриди назар намуда, бо таҷрибаи ҳамдигар шинос шудан, камбудиҳоро якҷоя, коллективона бартараф намудан, роҳу усулҳои пешкадамро муаррифӣ намудан ва дар амал эҷодкорона истифода бурдан имконпазир мегардад.

**АДАБИЁТ**

1. Fridman, I.M. The pedagogical experience be the glance of psychologist. – M.: Prosveshenie, 1987.-224p.
2. Kantor, I.M. The system of the pedagogics concepts. – M.: Pedagogika, 1980.-158p.
3. Kumpf, E., Orudzhev, Z. Dialectical logic: The main principles and problems. – M.: Politizdat, 1979.-376p.
4. The philosophical encyclopedic glossary/Editor-in-chief L.F.Ilichev, P.N.Fedoseev, S.M. Kovalev, V.G. Panov – M.: Sov.encyclopedia, 1983-846p.
5. Usova, A.V. Forming the scientific concepts in schoolchildren in the process of teaching. – M.: Pedagogika, 1986-176p.
6. Zverev, I.D., Maksimova, V.N. The connection between subjects in modern school. – M.: Pedagogika, 1981.-160p.
7. Зверев, И.Д., Максимова, В.Н. Межпредметные связи в современной школе – М.: Педагогика, 1981.-160с.
8. Кантор, И.М. Понятийно- терминологическая система педагогики - М.: Педагогика, 1980.-158с.

9. Кумпф, Ф., Оруджев, З. Диалектическая логика: Основные принципы и проблемы. – М.: Политиздат, 1979.-376с.
10. Усова, А.В. Формирование у школьников научных понятий в процессе обучения. – М.: Педагогика, 1986.-176с.
11. Филосовский энциклопедический словарь / Гл.редактор Л.Ф.Ильичёв, Ф.Н.Федосеев, С.М.Ковалёв, В.Г.Панов. – М.: Сов. энциклопедия, 1983. – 840с.
12. Фридман, Л.М. Педагогический опыт глазами психолога.: - М.: Просвещение, 1987. – 224с.

**ББК 74. 91**
**УДК 372**

## ҲАМБАСТАГИИ АҚИДАҲОИ ТАРБИЯВӢ - АХЛОҚИИ АБУАБДУЛЛОҲ РӮДАКӢ ВА ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ

***САИДИБРОИМОВ Шозодаиброхим Одилшоевич** – номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, ш. Хоруғ, к. Ленин, 28. **E-mail:** shozoda07.71@mail.ru, **тел.:** +(992) 935 27 71 71*

Мавзуи тарбия дар осори адибону мутафаккирони адабиёти классикии тоҷик, бахусус намояндагони адабиёти асрҳои X-XI мавқеи марказиро ишғол намудааст. Мутафаккирони ин асрҳо ба масъалаи тарбия-ахлоқи ҳамидаи инсонӣ таваҷҷуҳи асосӣ равона намуда, омӯхтани илму дониш, иттиҳоду дӯстӣ, сулҳу ваҳдат, эҳтиром гузоштан ба падару модар, калонсолон, расонидани ёрӣ ба бечорагону дармондагон ва дигар масъалаҳои тарбиявиро ситоиш мекарданд. Дар ин масъла тадқиқоту таҳлилҳои зиёд анҷом дода шудаанд, вале паҳлӯҳои зиёди ашъори мутафаккирони классики тоҷик ҳанӯз ҳам пурра омӯхта нашуда, ба тадқиқ ниёз дорад. Дар ин мақола мавзуи "Ҳамбастагии ақидаҳои тарбиявӣ - ахлоқии Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ва Ҷалолиддини Балхӣ" мавриди тадқиқ қарор дода шуд. Таҳлилу тадқиқи ин мавзӯъ собит намуд, ки Мавлонои Румӣ низ чун Рӯдакӣ ба масъалаи ахлоқӣ диққати асосӣ дода, ин мавзӯъ мавзӯи маркази ашъори ӯст. Ин шаҳодати он аст, ки намояндагони бузурги адабиёти тоҷик новобаста аз он, ки дар кадом давру замон ҳаёт ба сар бурдаанд, ба мавзӯи тарбияи ахлоқӣ диққати асосӣ равона мекарданд. Ақидаҳои мутафаккирони тоҷик ба ҳамдигар дар мавзӯи тарбиявӣ-ахлоқӣ ҳамбастагии куллӣ доранд. Дар ин мақола роҷеъ ба ҳамбастагиҳои ақидаҳои педагогӣ, тарбиявӣ-ахлоқии донишмандон, шоирони машҳури тоҷик Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ва Ҷалолиддини Румӣ андеша ронда шудааст.
Аз таҳлили ақидаҳои ахлоқии ин мутафаккирони бузург маълум гардид, ки мавзӯи сулҳу субот, некиву некукорӣ, ватандӯстӣ, эҳтироми падару модар, калонсолон, истифодаи хирад дар ҳаёти ҳаррӯза, омӯхтани илму дониш, дтабодули таҷриба ҷиҳати такмили ахлоқи насли наврас ва амсоли инҳо дар осорашон мавқеи асосӣ дошта, ақидаҳои Рӯдакӣ ва Румӣ ҳамбастагии зич доранд.

***Вожаҳои асосӣ:** Рӯдакӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, ақида, ҳамбастагӣ, ахлоқ, тарбия, ватандӯстӣ, таҳқиқ, хирад.*

## СОВМЕСТИМОСТЬ ВОСПИТАТАЕЛЬНО НРАВСТВЕННЫХ ИДЕЙ АБУАБДУЛОХ РУДАКИ И ДЖАЛОЛИДИН БАЛХИ

***САИДИБРОИМОВ Шозодаиброхим Одилшоевич** – кандидат педагогических наук, преподаватель кафедры педагогики и психологии Хорогский государственный университет имени М. Назаршоева, г. Хорог, ул. Ленина, 28. **E-mail:** shozoda07.71@mail.ru, **тел.:** +(992) 935 27 71 71*

Тема воспитание занимает центральное место в произведениях писателей и мыслителей таджикской классической литературы, особенно представителей литературы X-XI веков. Мыслители этих веков сосредоточили внимание на проблеме воспитания и нравственности человека и восхваляли изучение науки и знания, единство и дружбу, мир и единство, уважение к родителям и старшим, помощь бедным и инвалидам и другие воспитательные вопросы. По этому вопросу проведено много исследований и анализов, но многие аспекты поэзии таджикских мыслителей-классиков до конца не изучены и нуждаются в исследовании. В данной статье изучена тема «Совместимость воспитательных и нравственных идей Абу Абдуллы Рудаки и Джалалуддина Балхи». Анализ и исследование этой темы доказали, что Мавлана Руми, как и Рудаки, основное внимание уделял нравственному вопросу, и эта тема является центральной темой его стихов. Это свидетельство того, что великие представители таджикской литературы, вне зависимости от эпохи, в которой они жили, уделяли особое внимание теме нравственного воспитания. Идеи таджикских мыслителей полностью совместимы друг с другом в воспитательно-нравственной теме. В данной статье выдвигается мысль о сближении педагогических, воспитательных и нравственных идей ученых, известных таджикских поэтов Абу Абдуллы Рудаки и Джалалуддина Руми. Из анализа нравственных представлений этих великих мыслителей стало ясно, что темы мира и стабильности, добра и доброты, патриотизма, уважения к родителям и взрослым, применения мудрости в повседневной жизни, познания науки и знаний, обмена опытом вопросы улучшения нравственности подрастающего поколения занимают главное место в их произведениях и что идеи Рудаки и Руми тесно связаны между собой.

***Ключевые слова:*** *Рудаки, Джалолидини Балхи, идея, знания, совместимость, нравственность, воспитание, доброты, патриотизма, мудрость.*

## THE COMPATIBILITY BETWEEN THE EDUCATIONAL AND MORAL IDEAS OF ABUABDULLOHI RUDAKI AND JALOLIDINI BALKHI

***SAIDIBROIMOV Shozodaibrohim Odilshoevich*** *– candidate of pedagogical sciences, Lecturer of the Department of pedagogy and psychology Khorog state University named after M. Nazarshoev, Khorog, st. Lenina, 28.* ***E-mail:*** *shozoda07.71@mail.ru,* ***phone:*** *+(992)935 27 71 71*

The theme of education takes a central place in the works of writers and thinkers of Tajik classical literature, especially representatives of the X-XI centuries literature . The thinkers of these centuries focused on the problem of education and human morality and praised the study of science and knowledge, unity and friendship, peace and unity, respect for parents and elders, helping the poor and the disabled, and other educational issues. Many studies and analyzes have been carried out on this issue, but many aspects of the poetry of Tajik classical thinkers have not been fully studied and need in research. This article explores the topic "Cooperation of educational and moral ideas of Abu Abdullah Rudaki and Jalaluddin Balkhi". Analysis and study of this topic proved that Maulana Rumi, like Rudaki, focused on the moral issue, and this topic is the central theme of his poems. This is evidence that the great representatives of Tajik literature, regardless of the era in which they lived, paid special attention to the topic of moral education. The ideas of Tajik thinkers are fully compatible with each other in the educational and moral theme. This article puts forward the idea of bringing together the pedagogical, educational and moral ideas of scientists, famous Tajik poets Abu Abdullah Rudaki and Jalaluddin Rumi.

From the analysis of the moral ideas of these great thinkers, it became clear that the topics of peace and stability, kind and kindness, patriotism, respect for parents and adults, the application of wisdom in everyday life, the understanding of science and knowledge, the

exchange of experience, the issues of improving the morality of the younger generation occupy the main place in their works and that the ideas of Rudaki and Rumi are closely related.

***Key words:*** *Rudaki, Jalolidini Balkhi, idea, compatibility, moral, education, wisdom.*

Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ ва Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ мутафаккирони барҷаста ва симои машҳури адабиёти классикии форсу тоҷик буда, ҳанӯз замони дар арсаи ҳаёт буданашон ба сифати шоирони шинохтаву тавоно эътироф гардида буданд. То кунунун низ аҳли илму маърифат, мардуми шарафманди тоҷик бо ифтихор Румиву Рӯдакиро ёд мекунанду аз ашъори пурғановаташон баҳраҳо мебардоранд, зеро аҳамияти асарҳои Абуабдуллоҳ Ҷаъфари Рӯдакӣ ва Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ чун дигар бузургони адабиёти классикии тоҷик дар таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавон бағоят бузург мебошад. Ин шоирон ба воситаи як қатор тадқиқот ва кашфиёти худ на фақат ба пешрафти илму фанни замонааш мусоидат намуданд, ҳамзамон аз савияи дониши замони хеш чунон пеш гузаштанд, ки мақому манзалати асарҳои онҳо дар таълиму тарбияи насли наврас дар замони кунунии ҳар дам тағйирёбанда низ устувору побарҷо монда, ақидаҳои таълимиву тарбиявии ин донишмандон дар асрҳои баъдӣ низ марказӣ хоҳанд монд.

Ташвиқу тарғиби таълиму тарбия, бахусус мавзӯи ахлоқ яке аз анъанаҳои хеле қадими мардуми ориётабор аст, ки ҳанӯз аз асрҳои III – VIII сарчашма гирифтааст ва дар асрҳои баъдӣ идома ёфтааст. Аз ин лиҳоз омӯхтани эҷодиёти бузургони адабиёти тоҷик Малик-уш-шуаро Рӯдакӣ ва Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ қобили ситоиш аст. Агар чӣ фосила байни зиндагии ин ду намояндаи бузурги адабиёти тоҷик  Рӯдакӣ ва Румӣ фузун аз 300 сол бошад ҳам ақидаҳои педагогии онҳо ҳамбастагии комил доранд. Тадқиқоту таҳлилҳо собит менамоянд, ки мавзӯи марказии ашъори мутафаккирони фавқуззикр тарғиби ахлоқи неки инсонӣ буда, рафтору гуфтори нек, ватандӯстиву ватанпарастӣ, сулҳу субот, ваҳдат, иттиҳоду дӯстӣ, эҳтироми падару модар, куҳансолон, ишқу муҳаббати самимӣ, омӯхтани илму дониш, табодули таҷриба, кӯмак ба ниёзмандону дармондагон ва дигар паҳлӯҳои ахлоқи ҳамидаи инсониро ситоиш мекунанд. Ба қавли ин мутафаккирон олам мутағайир аст ва ҳол яксон нест, агар рӯзе фалак ба коми мо бошад, рӯзи дигар шояд не. Ба унвони мисол, дӯст оинаву саодати дӯст аст. Дӯст аз  дӯсти хеш, ёру рафиқ некиҳо мебинад, рӯзгор бо дӯстон хуш мегузарад, вале шояд гоҳе дӯст боиси ранҷур гардидани дӯст мегардад, аммо ин бад он маъно нест, ки бо як хато некиҳои дӯстро ба фаромӯш супурд. Авфу гузашт ва бахшидани дӯстро, ки муртакиби хатое шудааст, ба ақидаи ин донишмандон, нишонаи расидагии камоли маърифат ва ахлоқ аст. Рӯдакӣ нигоштааст:

Сад нек ба як бад натавон кард фаромӯш,
Гар хор барандешӣ хурмо натавон х(в)ард.
Ӯ хашм ҳамегирад, ту узр ҳамехоҳ!
Ҳар рӯз ба нав ёри дигар менатавон кард. [8-27].

«Ӯ хашм ҳамегирад, ту узр ҳамехоҳ”-и Рӯдакиро Мавлонои Румӣ низ бо мафҳуми «Зиндагонӣ оштии зидҳост» тақвият бахшида фармудааст:

Зиндагонӣ оштии зидҳост,
Марг он, к-андар миёнаш ҷанг хост[6-22].

Дар асоси ақидаҳои ин донишмандон ва дар маҷмӯъ кулли мутафаккирон, шоирону олимони тоҷик аз ёд набаровардани некиҳои ҳамдигар, бахшидани касоне, ки муртакиби иштибоҳе шуда, боиси ранҷидани хотири дӯстон ё дигарон гардидаанд, бузургтарин хислати инсонист.

Назар андохтани мутафаккирони адабиёти тоҷик чун Рӯдакиву Румӣ ва ҳазорон донишмандони дигар ба мавзӯи авфу бахшиш, сулҳу субот ва дӯстиву ҳамдигарфаҳмиро тараннум кардан аст. Нагузаштан аз хатои ҳамдигар боиси фузун гардидани кину адофат ва афрӯхтани оташи ситам бар хирмани мардум мегардад, ки он иттиҳоду дӯстӣ ва сулҳу оромиро халалдор месозад, ба қавли Фирдавсӣ:

Бикуш оташи хурд пеш аз газанд,
Ки гетӣ бисӯзад чу гардад баланд. [1-126].

Барои расидан ба ин мартаба андӯхтани илму донишро Рӯдакӣ муҳим мешуморад, зеро касе, ки доност, раҳнамояш ақлу хирад аст ва хирадгароро сулҳу салоҳ пешаву андеша аст. Он, ки ғарқаи баҳри нодонӣ гашта бошад, марому мақсудаш на оштӣ андохтан дар миёни мардум аст, балки коштану коридани тухми кина кори ӯст:

Ҳама ниюшаи хоҷа ба некӯию ба сулҳ аст,
Ҳама ниюшаи нодон ҷангу фитнаву ғавғост[15-87].

Пас мартабаи доноӣ волотарин мартаба аст ва доноёне, ки байни пиндор, гуфтору рафтор таодул ҳифз менамоянд, месазад, ки дигаронро роҳнамо бошанд, панд диҳанду насиҳат кунанд, ба қавли Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ "Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад" [4-113] ва дар абёти дигар мефармоянд:

Аз насиҳат ноқисон комил шаванд,
В-аз насиҳат мудбирон муқбил шаванд.
В-аз насиҳат тоза гардад ҳар диле,
В-аз насиҳат ҳал шавад ҳар мушкиле [5-87].

Комил шудани ноқисон аз шунидану гирифтани насиҳати бузургон ва амал намудан тибқи онро, ки Румӣ ба он ишора намудааст, давоми мантиқии баёни Рӯдакӣ гуфтан хато нест, зеро Султони шоирон низ панд гирифтан аз бузургон, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бардоштан аз гузашти рӯзгор омӯхтанро нуктаи калидӣ ва маркази тарбияи ахлоқӣ мешуморад:

Замона панде озодвор дода маро,
Замона чун нигарӣ, сар ба сар ҳама панд аст [8-512].

Ба роҳи рост раҳнамун сохтани кӯдакону наврасон ва ҷавонон, ба илмомӯзиву маърифатҳои ахлоқӣ ҷалб намудани онҳо кохи таълиму тарбияро мустаҳкам мегардонад. Панду насиҳат бе асар нест, он ҳатман натиҷаи дилхоҳ медиҳад ва омили таҳким бахшидани ахлоқи ҳамидаи кӯдакон, наврасону ҷавонон мегардад. Иқтибос аз «Кимиёи саодат»-и Муҳаммад Ғаззолӣ: «Дили кӯдакон мисли замини навкорам аст ва он чи ки мо дар он кишт мекунем, ҳамон месабзад» [16-37] тақвиятбахши ин ақидааст, ки он дар ашъори Мавлонои Румӣ ва Рӯдакӣ баланд садо медиҳад.

Тарбияи хуб натиҷаи доноӣ ва хиради волои инсонист. Онро, ки хирад роҳнамо ва сармашқи ҳаёти ӯст, тарбиятгирандагонаш низ ба манзили мақсуд хоҳанд расид. Ин аст, ки хирадварзиву хирадгароӣ дар осори Рӯдакиву ҳамасрони ӯ мақоми махсус дошта, ин анъана дар ашъори мутафаккирони асрҳои баъдӣ низ тақвияту камол ёфт, ба ақидаи Рӯдакӣ:

Бифунудам ба ҷаҳон, парварам обу замин,
Дили ту бар хираду донишу хубӣ буфунуд [8-512].

Чун хирад бар афкору қалби инсон роҳ ёфту маскун шуд, дигар ин шахс сарсупурдаи амри хирад гардида, ҳамеша бо роҳи рост гом мегузораду бар нафси хеш зафар меёбад. Ва Ҷалолиддини Балхӣ бар он аст, ки ақл тарбиятгари нафс аст, агар нафс бар ақл зафар ёбад, пас чунин шахс соҳибақлу соҳибхирад нест.

Ақл зидди шаҳват аст, эй паҳлавон,
Он ки шаҳват метапад ақлаш махон.
Ваҳм хонаш он ки шаҳватро гадост,
Ваҳм қалби нақди зарри ақлҳост. [7-96].

Аммо ба андешаи мутафаккирони мавсуф танҳо соҳибхираду боадаб будани кас ҳадаф нест, балки матлабе фаррохтар аз он арзи вуҷуд дорад. Он ки хиради волоро соҳиб шуду ба камоли адаб расид, бояд дар тарбияи фарзанд саҳми босазо гузорад. Рӯдакӣ аз он афсӯс мехӯрад, ки фарзанди шахси хирадманд дар пайроҳаи ӯ гом намегузораду ба бероҳа меравад ва набояд, ки чунин бошаду набояд ба он роҳ дод:

Эй дареғо, ки хирадмандро,
Бошад фарзанду хирадманд не.
В-ар чӣ адаб дораду дониш падар,
Ҳосили мерос ба фарзанд не. [11-112].

Мавлонои Румӣ низ ба ақидаи болоовардаи Рӯдакӣ ҳамфикр буда, барои хирадманду боадаб шудани ҳар як инсон тавфиқ мехоҳад, чун ба қавли ин мутафаккир шахси беадаб аз лутфи Худову халқ маҳрум аст, зеро ӯ на танҳо худ бад аст, балки тамоми муҳитро носолим мегардонад:

Аз Худо ҷӯем тавфиқи адаб,
Беадаб маҳрум гашт аз лутфи Раб.
Беадаб танҳо на худро дошт бад,
Балки оташ дар ҳама офоқ зад. [9-30].

Доираи фаъолияти эҷодии мутафаккирони бузурги адабиёти классикии тоҷик Абуабдуллоҳ Ҷаъфари Рӯдакӣ ва Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ чунон васеъ ва густурдааст, ки тамоми мавзӯъҳои ҳаёти инсониро дар бар мегирад. Агар гӯем, ки масъалае нест, ки Рӯдакӣ ва Румӣ ба он таваҷҷуҳ зоҳир накарда бошанд, хато намекунем. Мавзӯи некӣ ва некукорӣ яке аз чунин масъалаҳост. Ин шоирони машҳур некӣ ва некукориро ситоиш намуда, ҳамзамонони хеш ва ояндагонро ба саховатмандӣ, дасти мадад дароз намудан ба дармондагону ниёзмандон даъват менамоянд. Тақвияти баёни зайлро аз мазмуни ҳикояи “Марди некӯкор ва аҳли Заврон” хуб дарёфтан мумкин аст. Дар деҳаи Заврони кишвари Яман марди саховатпешаву накӯкоре ҳаёт ба сар мебурд, дасти мадад дароз намудан ба дармондагону ниёзмандон пешаи ҳаррӯзаи ӯ буд. Ба аёдати дарвешону дармондагон мерафт, ниёзмандон низ хонаи ӯро хонаи умед медонистанд ва ба дари ӯ ба ҳоҷот меомаданд:

Кулбаи дарвеш будӣ кӯи ӯ,
Омадандӣ мустамандон сӯи ӯ. [6-36].

Ин ҳикоя ақидаҳои устод Рӯдакӣ: “бар сари нафси худ амир будан”, “кӯру карро мадад расондан”, “фитодаро пой назадан”, “дасти фитодаро гирифтан”, ки хислатҳои марди комил мебошанд, тақвият мебахшад. Мазмун, мақсад ва муҳтавои ин байтҳо ҳамбастагии комил дошта, инсониятро ба он раҳнамун месозад, новобаста аз мақому манзалат, пастиву баландӣ ҳар кас муваззаф аст, ки ба ниёзмандону дармондагон дасти мадад дароз намояд.

Аз таҳлили мухтасари ақидаҳои мутафаккирони тоҷик Рӯдакиву Мавлонои Румӣ роҷеъ ба тарбияи ахлоқӣ бар меояд, ки андешаҳои ин мутафаккирон дар мавзӯи тарбия ҳамабастагии ногусастанӣ доранд. Мутафаккирони номбурда бо ғояҳои педагогии хеш насли наврас ва дар маҷмӯъ кулли мардумро ба некиву некукорӣ, дӯстиву иттиҳод, омӯхтани илму дониш, табодули таҷриба, таълиму тарбия, ташаккули соҳаи иқтисодиву иҷтимоӣ, ахлоқи шоҳистаи инсонӣ ва амсоли инҳо даъват менамоянд. Дар таълиму тарбияи насли наврас истифодаи ақидаҳои ахлоқии Рӯдакиву Румӣ ва дар умум, панду андарзҳои мутафаккирони адабиёти тоҷик мақсаднок буда, натиҷаи дилхоҳ ба даст меояд.

Мавзӯи тарбия дар осори адибону мутафаккирони адабиёти классикии тоҷик, бахусус намояндагони адабиёти асрҳои X – XI мавқеи марказӣ дорад.

## АДАБИЁТ

1. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷ.1. / А.Фирдавсӣ. -Душанбе, 1963. -478 с.

2. Атахонов, Т. Баъзе пандҳои ахлоқию тарбиявии Ҷалолиддини Балхӣ (Матн) // Маорифи Тоҷикистон.-2007. –С. 26-30.

3. Атахонов, Т. Масъалаҳои панду ахлоқӣ ва тарбия дар эҷодиёти Ҷалолиддини Балхӣ // Нобиғаи давр (Матн): Маҷмӯаи мақолот бахшида ба 800-солагии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ. -Душанбе, 2007.-С. 34-42.

4. Зиёев Х.М. Мавлавия ва таърихи таҳдввули он / Х.М. Зиёев. -Душанбе, 2004. -230 с.

5. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (Румӣ): Феҳристи осор ва адабиёт дар бораи ӯ (Матн) / Мураттибон: Ҷ. Раҷабов, А. Юнусов.-Душанбе: Эҷод, 2006. -112 с.

6. Нафисӣ, А. Ҳикоёти Маснавӣ. Мураттиб: Суҳбатов Н. / А. Нафисӣ. - Душанбе, 2003.-160 с.

7. Ҳикояҳо ва ҳидоятҳо аз “Маснавии маънавӣ” / Таълифи Алии Шервонӣ. Таҳия, Шодӣ Шокирзода, Муҳаммадҷони Нуъмониён. Душанбе: Ирфон, 2011. -440 с.
8. Осори Рӯдакӣ. Дар тахти таҳрири Абдулғанӣ Мирзрев /. -Нашриёти давлатии Тоҷикистон, Сатлинобод, 1958. 541 с.
9. Паҳлавонов, А. Андешаҳои педагогии Ҷалолиддини Балхӣ (Матн) // Маорифи Тоҷикистон, 2007.-июл-август.-С.28-35.50.
10. Рӯдакӣ, А. Девон. Таҳия ва тасҳеҳи К. Рустам/ А.Рӯдакӣ.- Олиотӣ, 2007. -256 с.
11. Рӯдакӣ, А. Насими мулиён /Маҷмӯаи ашъор / Дебоча ва танзиму тавзеҳи Асрори Раҳмонфар / А.Рӯдакӣ. -Душанбе: Адиб, 1999. -192 с.

УДК 378

## УСУЛҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМ: МОҲИЯТ, ГУРӮҲБАНДӢ ВА НИЗОМИ ИСТИФОДАБАРӢ

***БОБОЗОДА Аълохон Аброрхон*** *– муаллими калони кафедраи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва барномарезии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., х.1.* ***E- mail:*** *alokhon_ba@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 927 24 25 65*

Мақолаи мазкур ба омӯзиш ва татбиқи методу усулҳои инноватсионии таълим равона шуда, муаллиф дар он усулҳои нави таълим, аз ҷумла усулҳое, ки ба принсипҳои таълими оянда асос ёфтааст, дар таҷрибаи давлатҳои хориҷа истифода гардида натиҷаҳои хуб низ дода аст, маълумот пешниҳод намудааст, ки он метавонад чун посух ба мушкилоти замони муосир дар самти таълим истифода шавад. Инчунин дар мақола зикр гардида аст, ки омезиши усулҳо инноватсионии таълим метавонанд, чун маҷмӯи қисмҳои созанда истифода шаванд ва имконияти ташкили дарсеро диҳанд, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои дидактикӣ, хусусияти гурӯҳҳои академӣ ва сатҳи омодагии онҳо ба талабот мувофиқат намояд.
Ҳамин тавр, дар мақолаи илмӣ-методӣ вариантҳои пешниҳодшудаи усулҳои интерактивӣ, фаҳмиши эҷодӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ, ҳам дар марҳилаи тарҳрезӣ ва ҳам дар марҳилаи гузаронидани машғулияти лексиониву амалӣ, лабораториву корҳои мустақилона, имкон медиҳанд, ки фаъолияти донишҷӯён ҷолиб ва пурсамар ба роҳ монда шавад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *таълим, усулҳои инноватсионии таълим, усулҳои фаъоли таълим, моделҳои таълимӣ, таълимдиҳии электронӣ. методҳои омӯзиш, омӯзиши мошинӣ, маориф, технологияҳои иттилоотии омӯзишӣ.*

## ИННОВАЦИОННЫЕ МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЯ: СУТЬ, ГРУППИРОВКА И СИСТЕМА ПРИМЕНЕНИЯ

***БОБОЗОДА Аълохон Аброрхон*** *– старший преподаватель кафедры информационно-коммуникационных технологий и программирования Таджикский государственный университет права бизнеса и политики, г.Худжанд, 17, мкр-р. дом 1.* ***E-mail:*** *alokhon_ba@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 927 24 25 65*

Данная статья ориентирована на изучение и внедрение инновационных методов обучения, автор представил информацию о новых средствах обучения, в том числе основанных на принципах образования будущего, которые нашли применение в опыте

зарубежных стран и дали положительный результат а так же данные статьи можно использовать как ответ на современные проблемы в сфере образования. Также в статье отмечается, что сочетание инновационных методов обучения может быть использовано как совокупность конструктивных частей и дать возможность организовать урок, отвечающий требованиям по решении дидактических задач, характеру учебных групп и их уровень подготовки.

Таким образом, в научно-методической статье предложены варианты интерактивных методов обучения, творческого осмысления и использования информационно-коммуникационных технологий, как на этапе проектирования, так и на этапе проведения лекций и практических занятий, лабораторных, а также самостоятельных работ что делает обучение студентов более интересной и эффективной.

***Ключевые слова:*** *обучение, инновационные методы обучения, активные методы обучения, образовательные модели, электронное образование, методы обучения, машинное обучение, образование, информационные технологии в образование.*

## INNOVATIVE TRAINING METHODS: ESSENCE, GROUPING AND SYSTEM OF APPLICATION

***BOBOZODA A'lokhon Abrorkhon*** *– senior lecturer of the information and communication technologies and programming department under the Tajik State University of Law, Business and Politics, Khujand, 17 micro district house 1.* ***E- mail:*** *alokhon_ba@mail.ru.*
***Phone:*** *+(992) 927 24 25 65*

This article is focused on the study and implementation of innovative teaching methods, the author provided information on new teaching aids, including those based on the principles of education of the future, which have been used in the experience of foreign countries and have given a positive result, as well as these articles can be used as a response to modern problems in the field of education. The article also notes that the combination of innovative teaching methods can be used as a set of constructive parts and make it possible to organize a lesson that meets the requirements for solving didactic problems, the nature of study groups and their level of preparation.

Thus, in the scientific and methodological article, options for interactive teaching methods, creative understanding and the use of information and communication technologies are proposed, both at the design stage and at the stage of lectures and practical classes, laboratory, as well as independent work, which makes student learning more interesting. and efficient.

***Key words:*** *training, innovative teaching methods, active learning methods, educational models, e-education, teaching methods, machine learning, education, information technology in education.*

Методҳои инноватсионии таълим, аз ҷумла усулҳое, ки ба принсипҳои таълими оянда асос ёфтааст, дар пешниҳоди Пажӯҳишгоҳи технологияҳои таълимӣ дарҷгардида, ба таълими ҳаёти воқеӣ омӯзиши шавқовар, метавонад чун посух ба мушкилоти замони муосир дар самти таълим ҷавобгӯ бошанд.

Раванди ташаккули иттилоот дар ҷомеаи муосир ҷараён дорад, ки дар он таълимгиранда бояд фарҳанги олии иттилоотии рафтор дошта бошад. Дар раванди таълим ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионӣ ва технологияҳои нави педагогӣ, барои фардикунонӣ ва рушди мустақилияти таълимгиранда дар омӯзиш имконият фароҳам меорад.

Бояд қайд кард, ки бартарии асосии рақобатпазирии мамлакат бо рушди нерӯи инсонӣ, ки асосан аз ҷониби маориф муайя карда мешавад, алоқаманд аст. Маориф дар марҳилаи кунунӣ, калиди таъмини устувори иқтисодӣ ва саноатии кишвар мебошад. Бинобар ин, рушди ҳамаҷонибаи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии иқтисодиёти кишвар аз истифодаи пурраи имкониятҳои дастрас дар соҳаи таҳсилоти касбӣ, аз ҷумла системаи таҳсилоти олӣ, ки ба болоравии сатҳи иқтидори инноватсионии иқтисод таъсир мерасонад, вобаста аст.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ таъкид доштанд: “Ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳу усулҳои пешқадаму муосири таълим, мустаҳкам намудан ва ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимиву илмӣ, васеъ ҷорӣ кардани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, ба роҳ мондани ихтисосҳои нави ба талаботи иқтисоди миллӣ ҷавобгӯй ва воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилот дар маркази таваҷҷуҳи таҳсилоти олии касбии кишварамон қарор дорад”[1].

Ҳоло аксарияти омӯзгорон кӯшиш намуда истодаанд, ки аз таълимдиҳии анъанавӣ ба шаклҳои муосири таълидиҳи гузаранд ва барои ин роҳҳои гуногунро ҷусту-ҷӯ намуда истодаанд. Аз ҷумла бояд зикр дошт, ки ҳоло аксари омӯзгорони диди нав дошта ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки бо дарёфти равишҳои гуногун дар раванди таълимдиҳӣ, нисбатан фаъолона ҷалб шаванд.

Низоми таҳсилоти муосир бо суръати тез тағйир меёбад ва ҳар фарди дар он фаъолияткунанда бояд ба стратегияҳои инноватсионӣ мутобиқ шавад, дар акси ҳол мувофиқат кардан бо он душвор хоҳад шуд. Вақти он расидааст, ки инноватсионӣ шавем! Мо дар зер усулҳои инноватсионии таълимро пеш оаврдем, ки машғулиятҳоро барои ҳама ҷолибу шавқовар мегардонанд.

Дарси муосир дарсест, ки ба дараҷаи баланди ғоявӣ-назариявӣ ташкил карда шуда, қимати баланди маърифатӣ дорад. Дараҷаи инкишофдиҳӣ ва маърифатии дарс дар сурате такмил меёбад, ки агар дар он на танҳо муаллим чизи ба талабагон медодаашро донад, балки худи онҳо ҳам маводи дар рафти дарс омӯхташударо дарк кунанд. Муаллим ба шарте ба ин муваффақият ноил мешавад, ки вазифаҳои маърифатии ташаккули шахсияти муосир маҳз дар дарс гузошта шавад. Ҳар як дарс метавонад ба талабагон таъсири мусбат ё манфӣ расонад. Барои инкишофи маърифатии таълимгиранда дар дарсҳо пеш аз ҳама бо роҳу усулҳои гуногун диққати шогирдонро ҷалб намудан зарур аст.

Усулҳои инноватсионии таълим чист? Ба усулҳои инноватсионии таълим на танҳо истифодаи технологияи пешрафта дар машғулият ва ё пайваста огаҳ будан аз тамоюлҳои навини таълим нест, балки истифодаи стратегияҳои нави омӯзиш таваҷҷӯхро бештар ба донишҷӯён равона намуда аст.

Дар таълимдиҳии анъанавӣ он ба инобат гирифта мешавад, ки омӯзгор то чӣ андоза метавонад донишҳои худро ба донишҷӯён пешниҳод намояд. Усулҳои инноватсионии таълим ба омӯзгор имкон медиҳад, ки фаҳмиши амиқтареро оиди то чӣ андоза азхуднамудани мавзӯи лексионӣ аз ҷониби донишҷӯёнро ба даст орад.

Чаро вақти усулҳои инноватсионии таълим фаро расидааст? Тамоми ҷаҳон шоҳиди гузариш аз синфхонаҳои анъанавӣ ба омӯзиши онлайн ва сипас ба омӯзиши гибридӣ шудааст. Бо вуҷуди ин, ҳангоми таълимгирӣ тариқи компютерҳои фардӣ донишҷӯён метавонанд таваҷҷӯҳи худро ба кори дигаре равона намуда чунин вонамуд менамоянд, ки гӯё онҳо бо таваҷҷӯҳ машғулиятро аз худ намуда истодаанд. Мо наметавонем дар ҳамаи ин донишҷӯёнро маломат кунем, ки сахт нахондаанд, омӯзгорон низ вазифадоранд, ки дарсҳои дилгиркунанда ва хушке надиҳад, ки таълимгирандаро барои амали дигаре вақт ёбад.

Бисёре аз омӯзгорон стратегияҳои инноватсионии омӯзиширо дар муҳитҳои нав месанҷанд, то хонандагонро ба тадрис ҷалб намоянд. Барномаҳои рақамӣ ба омӯзгорон барои амиқ расонидани маълумот ба самъи донишҷӯён ва ба захираҳои беҳтарини таълимиву омӯзиши ҷалб намудани таълимгирандагон имконият пеш меорад. Ҳанӯз ҳам шубҳа доред?… Хуб, ин оморҳоро тафтиш кунед:

Дар соли 2021 57% донишҷӯёни ИМА асбобҳои рақамии худро доштанд. 75% мактабҳои ИМА нақша доштанд, ки пурра ба муҳити виртуалӣ гузаранд; Платформаҳои таълимӣ 40% истифодаи дастгоҳҳои донишҷӯёнро ташкил медиҳанд; Истифодаи замимаҳои идоракунии масофа бо мақсадҳои таълимӣ 87 фоиз афзуд; Истифодаи замимаҳои муштаракро 141% афзоиш медиҳанд; 80% мактабҳо ва донишгоҳҳои ИМА барои таълимгирандагон асбобҳои иловагии технологӣ харидаанд ё хариданӣ буданд. Дар рафти таҳқиқот маълум гардид, ки то охири соли 2020, 98% донишгоҳҳои ИМА онлайн таълим медоданд [2].

Ҳамин тавр, дар мақола муосиртарин усулҳои таълим, фаҳмиши эҷодӣ ва истифодаи онҳо, ҳам дар марҳилаи тарҳрезӣ ва ҳам дар марҳилаи гузаронидани машғулиятҳо пешниҳод гардидаанд, ки татбиқи ин усулҳо омӯзгорон метавонанд фаъолияти донишҷӯёнро ҷолиб ва пурсамар ба роҳ монанд. Татбиқи ин мақсад дар раванди таълим истифодаи васеи усулҳои интерактивии таълим аст. Усули интерактивии таълим, ин ба зудӣ ва дар муддати кутоҳтарин, аз худ намудани (омӯзонидани) маълумотҳои зарурӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои ҳаётӣ мебошад, ки он ба таҳкими қобилият ва маҳорати ровигию шунавандагӣ, рушди малакаҳои сарварию ташкили команда, бедор кардани ҳисси инсондустӣ ва ғайра мусоидат менамояд.

Тибқи назарияи М.В. Кларин ***усули фаъоли таълим ё таълими интерактивӣ*** тарҷумаи истилоҳи англисии “interactive learning” мебошад, ки маъноя ш донишазхудкунӣ (стихиявӣ ё махсус ташкилшуда) дар асоси ҳамкорӣ, муколама, муомила ва омӯзиш мебошад [3,13-16]. Маънои интерактив ин фаъолияти якҷояи байни омӯзгору таълимгирандагон аст. Истифодаи усулҳои интерактивӣ бобати самаранокии таҳсили таълимгиранда аҳамиятнок аст. Ташкили фаъолияти якҷоя дар хонандагон муҳокимаронӣ, баҳс, фаъолияти амалӣ, озодфикрию озодандешӣ, ташаббускорӣ, иҷрои корҳои фардию гурӯҳӣ, бозиҳои таълимӣ, ҳуҷуми зеҳнӣ ва ғайраро ба вуҷуд меорад.

Дар дарсҳои интерактивӣ се фаъолият: фардӣ, дунафара ва гурӯҳӣ истифода мешаванд. Нақши омӯзгор дар раванди таълим бо усули интерактивӣ доимо тағйирёбанда аст. Омӯзгор маводи навро пешниҳод мекунад, возеҳият нишон медиҳад, ба саволҳо ҷавоб мегӯяд ва ниҳоят ҳамкории иштирокчиёнро бо муҳити иҷтимоӣ ва ҷисмонӣ баркарор мекунад.

Усулҳои интерактивии таълим аз чунин принсипҳо иборат мебошанд:

- ҷалби диққати иштирокчиён ва дар муддати кӯтоҳ ба мақсад ноил гаштани онҳо;
- иштироки озодона, фаъол ва тамоюлнок;
- иштироки на зиёда аз 20 нафар иштирокчиён дар машғулият;
- пешниқод ва қабули мустақилонаи қоида ва тартиби рафтори иштирокчиён мавриди ташкили машғулият;
- иштироки бевоситаи иштирокчиён дар раванди машғулият.

Фасилитатор на ҳамчун муаллим нисбат ба хонанда, балки ҳамчун маълумотдиҳанда ва маслиҳатчӣ нисбат ба иштирокчиёни машғулият муносибат мекунад.

***Истифодаи технологияҳои воқеияти виртуалӣ*** дар дарсҳо имкон медиҳад, ки самаранокӣ ба омӯзиши мавзӯъ афзоиш ёбад, инчунин имкони намоиши таҷрибаҳо тавассути истифодаи тасвирҳои виртуалӣ васеъ ва шавқу рағбат ба омӯзиш аз ҷониби таълимгиранда афзоиш ёбад.

Афзалиятҳои истифодаи технологияҳои воқеияти виртуалӣ:

• Ҳар кас дар реҷаи алоҳидаи худ кор мекунад.

• Имкон медиҳад он амалҳое, ки дар кабинети фаннӣ амал намудан манъ карда шудаанд, таҷриба гузаронед.

• Таҷҳизоту дастгоҳҳои гуногун истифода мешаванд.

• Таълимгирандае, ки аз дарс мондааст, метавонад кори амалиро мустақилона иҷро кунад.

Мисоли технологияҳои виртуалӣ ниҳоят зиёданд 3D-кинотеатр, бозиҳои виртуалӣ, лабораторияҳо ва ғайра бо мақсади омӯзиши васоит ва муҳите, ки амалан ба таълимгиранда нишон додан ғайри имкон аст, истифода мешавад.

***Истифодаи зеҳни сунъӣ дар низоми таълимдиҳӣ.*** Зеҳни сунъӣ ба омӯзгорон дар коҳиш додани сарбории корӣ, фардӣ кардани курсҳо ва ба донишҷӯён самаранок таълим додан кӯмак мекунад.

Мисоли истифодаи зеҳни сунъӣ дар таълим:

- Идоракунии курс
- Баҳодиҳӣ
- Омӯзиши мутобиқшавӣ
- Муоширати байни волидону омӯзгорон
- Воситаҳои Аудио-визуалӣ

Мисоли беҳтарин барномаҳои таълимӣ дар асосӣ зеҳни сунъӣ:

• Duolingo эҳтимолан маъмултарин замимаи таълимиест, ки бо истифодаи фаросати сунъӣ дар омӯзиши онлайн имрӯз дастрас аст.

• Thinkster бо истифода аз зеҳни сунъи математикаро ба донишҷӯён алоҳида таълим медиҳад

• Querium - Ин барномаи омӯзиши виртуалӣ қадамҳои донишҷӯёнро ҳангоми ҳалли мушкилоти ба системам ягона муттаҳид намудани фанҳои табиатшинӣ ва муҳандисиро таҳлил мекунад ва посухро дар бораи он, ки донишҷӯён дуруст ё нодуруст амал мекунанд, мефиристад. Ин донишҷӯёнро аз омӯхтани ҷавоби нодуруст ба мушкилот пешгирӣ мекунад ва муаллимонро аз миқдори зиёди корҳои курсие, ки бояд ислоҳ карда шаванд, озод менамояд.

• Alta by Knewton - маҳсулоти нави бренди таҳсилоти олии Knewton мебошад, омӯзиши мутобиқшавиро барои муайян кардани камбудиҳои донишандӯзии донишҷӯён истифода мебарад ва сипас онҳоро бо маводи таълимии баландсифати аз пойгоҳи додаи худ, интихобшуда пур мекунад.

Омӯзиши мошинӣ як зербахши васеи зеҳни сунъӣ ба ҳисоб меравад, ки алгоритмҳоро меомӯзад ва дар асоси таҷрибаи қаблӣ мустақилона омӯхт ва хулосаи мустақилро пешниҳод метавонанд. Омӯзиши мошинӣ дар чорроҳаи фанҳои ба монанди математика, омор, назарияи эҳтимолият ва назарияи графикӣ қарор дорад. Бо сабаби ҷамъ шудани миқдори зиёди маълумот дар соҳаҳои илм, тиҷорат, тандурустӣ ва маориф, имкониятҳои истифодаи технологияҳои омӯзиши мошинӣ мунтазам васеъ гардида истодааст.

***Омӯзиши байнисоҳавӣ*** таҷрибаи таълимдиҳиро ҳам дар дохили синф ва ҳам берун аз синф муттаҳид мекунад. Мафҳумҳоро дар таълимгоҳ якҷоя меомӯзанд ва сипас ба макони мушаххас барои дар амал дидани фаъолияти он сафар мекунанд. Дар ин ҳолат омӯзгор чӣ гуна кор кардани консепсияеро дар ҳаёти воқеӣ нишон медиҳад.

Пас аз сафар ба макони ташрифоварда идома додани дарс дар синф бо ташкили муҳокима ё ба нақша гирифтани кори гурӯҳӣ, боз ҳам самараноктар мегардад.

***Истифодаи чопи 3D – ашёҳо ва воситаҳои таълимӣ*** дар машғулият. Истифодаи 3D фигураҳо дарсҳоро шавқовартар мекунад ва ба донишҷӯён таҷрибаи амалӣ медиҳад, то шакли ашёҳои навро беҳтар омӯзанд. Ин усул фаъолнокии дарсро ба сатҳи наве мебарад, ки бо китобҳои дарсӣ ва дигар маводҳои таълимӣ, ба он мувофиқат карда наметавонанд.

Чопи 3D шаклҳо ба донишҷӯён дарки ҷаҳони воқеиро медиҳад ва тасаввуроти онҳоро ба вуҷуд меорад. Вақте ки донишҷӯён метавонанд моделҳои узвҳоро дар даст дошта бошанд, дар бораи бадани инсон маълумот гиранд ё моделҳои биноҳои машҳурро бубинанд ва сохторҳои онҳоро омӯзанд, донишандӯзи барои ӯ ҳам содда ва ҳам шавовар мегардад.

***Истифодаи раванди "тафаккури дизайн"*** дар машғулият. Ин стратегияест, ки ба ҳалли мушкилот, ҳамкорӣ ва ҳавасмандкунии эҷодиёти донишҷӯён асос ёфтааст. Панҷ қадам вуҷуд дорад, аммо он аз усулҳои дигар фарқ мекунад, зеро ба омӯзгор лозим нест, ки дастури қадам ба қадам ё ягон фармоиширо риоя кунад. Ин як раванди ғайрихаттӣ аст, бинобар омӯзгор метавонад онро дар асоси лексияҳо ва дарсҳои худ танзим намояд.

Тафаккури дизайнӣ равандҳоеро аз қабили таҳлили контекст, ҳалли мушкилот ва ташаккули мушкилот, тавлиди ғоя ва ҳалли онҳо, тафаккури эҷодӣ, эскиз ва расмкашӣ, моделсозӣ ва прототипсозӣ, озмоишу баҳодиҳиро дар бар мегирад.




**Расми 1. Марҳилаҳои тафаккури дизайн**

***Методи омӯзиш дар асоси лоиҳа*** ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки мушкилоти воқеиро ҳал кунанд ва дар муддати пурраи омӯзиши фан роҳҳои ҳалли навро пайдо кунанд.

Омӯзиши лоиҳавӣ дарсҳоро шавқовару ҷолибтар мегардонад, зеро донишҷӯён мундариҷаи навро меомӯзанд ва малакаҳоеро ба монанди тадқиқот бурдан, корҳои инфиродӣ, корҳои дастаҷамъӣ, тафаккури интиқодӣ ва ғайраро дар худ инкишоф медиҳанд.

Дар ин усули фаъоли омӯзишӣ, омӯзгор роҳнамо аст ва донишҷӯён масъулиятро барои омӯзиш бар дӯши худ мегиранд.

Мисоли омӯзиш дар асоси лоиҳа:

- Дар бораи як масъалаи иҷтимоии ҷомеаи худ як филми ҳуҷҷатӣ созанд.
- Банақшагирӣ ва ташкили чорабиниҳо дар муассисаи таълимӣ.

***Методи омӯзиши таҳқиқотӣ*** низ як навъи омӯзиши фаъол аст. Ба ҷои хондани лексия, омӯзгор дарсро бо саволҳо, мушкилот ё сенарияҳо оғоз мекунад. Он инчунин омӯзиши мушкилотҳоро дар бар мегирад ва ба омӯзгор кам рабт дорад. Дар ин ҳолат омӯзгор эҳтимолан *фасилитатор* мешавад, на *лектор*.

Барои дарёфти ҷавоб, донишҷӯён бояд мустақилона ё дар гурӯҳ оид ба мавзӯъ тадқиқот гузаронанд (интихоби мавзӯъ ба омӯзгор вобаста аст). Ин усул ба донишҷӯён кӯмак мекунад, ки малакаҳои ҳалли мушкилот ва тадқиқотро инкишоф диҳанд.

***Методи мазайка ё бозиҳои муаммовию мантиқӣ*** - як бозии маъмулест, ки ҳар яки мо ҳадди аққал як маротиба дар як умр бозӣ кардааст. Ингуна бозиҳо дар синфхона рӯй медиҳанд, агар шумо техникаи муамморо санҷед.

Донишҷӯёнро ба гурӯҳҳои хурд тақсим кунед. Ба ҳар як гурӯҳ зермавзуъ ё зеркатегорияи мавзӯи асосӣ диҳед.Онҳоро даъват кунед, ки маълумотро омӯзанд ва фаҳмиши худро инкишоф диҳанд.

Ҳар як гурӯҳ бозёфтҳои худро мубодила мекунанд, то тасвири калонеро ба вуҷуд оранд, ки тамоми донишҳои заруриро дар бораи мавзӯъ дар бар гирад. Ҷаласаи

фикру мулоҳизаро гузаронед, то донишҷӯёни шумо тавонанд ба кори гурӯҳҳои дигар баҳо диҳанд ва шарҳ диҳанд.

***Истифодаи технологияи хадамоти абрӣ***. Ин истилоҳ метавонад аҷиб ба назар расад, аммо худи усул ба аксари муаллимон шинос аст. Аслан, ин як роҳи пайваст кардани муаллимон ва донишҷӯён барои дастрасии онҳо ба дарсҳо ва маводҳо дар масофаи дур мебошад.

Ин намуди таҳсил аз омӯзиши онлайн каме фарқ мекунад, ки он ҳамкории байни омӯзгорон ва донишҷӯёнро талаб намекунад, яъне донишҷӯёни шумо метавонанд дар вақти дилхоҳ ва дар ҳама ҷо таҳсил кунанд, то курсҳои интихобнамудаи худро хатм кунанд.

Гурӯҳҳои хадамоти абрӣ. Абрҳо метавонанд оммавӣ ва хусусӣ бошанд:

Хадамоти абрии хусусӣ (private cloud) - зерсохторе мебошад, ки он барои истифодабарии як муассиса, як ташкилот ё бахши як ташкилот бунёд мешавад. Технологияи абрии хусусӣ, метавонад моликияти хусусии як муассиса бошад ва танҳо барои истифодабарии ин муассиса бунёд гардида бошад. Муштариёни технологияи абрии хусусӣ - кормандони ин муассиса ё ҳамкорону донишҷӯёни он мебошанд.

Хадамоти абрии оммавӣ (public cloud) - зерсохторе мебошад, ки он барои истифодаи озод ва оммавӣ, пешбинӣ шудааст. Соҳиби ин низоми абрӣ оммавӣ созмонҳои тиҷорӣ, давлатӣ, муассисавӣ ва ё таркибе аз онҳо мебошанд. Одатан, технологияи абрии оммавӣ аз назари ҳуқуқӣ ба дастраскунандаи хадамоти абрӣ, тааллук дорад.

Хадамоти абрии ҷамъиятӣ (community cloud) - гунаи зерсохторе мебошад, ки он барои истифодабарии ҷомеаи хос (духтурон, меъморон ва ғайра) бунёд мегардад. Ин гуна абрҳо метавонанд дар қатори мутахассисон ба муштариён (ниёзмандон) низ имкони баҳрабардорӣ аз хадамоти абриро фароҳам созанд.

Хадамоти абрии омехта (hybrid cloud) - аз як ё якчанд зерсохтори абрие (хусусӣ, давлатӣ, муассисавӣ, умумӣ, чамъиятӣ) таркиб ёфтааст, ки онҳо барои табодули иттилоот аз сохторҳои стандартӣ истифода мебаранд. Дар зер мисоли 8 беҳтарин хизматрасониҳои абрӣ, оварда шуда аст:

- ✓ *Dropbox*
- ✓ *Google Диск*
- ✓ *Microsoft OneDrive*
- ✓ *iCloud Drive*
- ✓ *Mega*
- ✓ *pCloud*
- ✓ *iDrive*
- ✓ *SpiderOak*

***Методи синфи баръакс*** (рус. *Перевёрнутый класс* (англ. *flipped classroom*)). Барои таҷрибаи бештар таъсирбахш ва самаранокии омӯзиш, равандро каме тағир диҳед. Пеш аз оғози дарс дар таълимгоҳ донишҷӯён бояд пешаки ба мавзӯи нав омода бошанд, видеоҳоро тамошо кунанд, маводҳоро хонанд ё тадқиқот гузаронанд, то фаҳмиш ва дониши базавӣ бобати мавзӯи дар пеш буда дошта бошанд.

Синфи баръакс яке аз моделҳои муосири таълимест, ки дар он муаллим барои омӯзиши мустақилона дар хона мавод пешниҳод мекунад ва дар машғулияти синфӣ таваҷҷӯҳ асосан ба муттаҳидсозии амалии маводи таълимӣ, сурат мегирад.

Синфи баръакс як модели омӯзишие мебошад, ки дар он иҷрои вазифаи хонагӣ, аз ҷумла истифодаи технологияҳои “водкаст”-ро дар бар мегирад:

- намошои видеолексия;
- хондани матнҳои таълимӣ, намоиши расмҳои фаҳмондадиҳӣ;
- супоридани тестҳо барои азхудкунии ибтидоии мавзӯъ.

***Принсипи “ҳамсол ба ҳамсол”*** - ин фаъолиятест, ки аз муносибати байниҳамдигарии ду ва ё зиёда шахсони ҳам синнусол иборат буда барои омӯзиш ва расонидани иттилооти муфид ва манфиатнок ба якдигар равона гаштааст.

Омӯзиш аз рӯи принсипи «ҳамсол ба ҳамсол» - ин ҷараёнест, ки дар он шахси омӯзонидашуда миёни ҳамсолони худ чорабиниҳои маърифатию итгилоотӣ ташкил намуда, дар муддати кӯтоҳтарин онҳоро бо маълумотҳои зарурӣ таъмин менамояд.

Мақсади асосии омӯзиш аз рӯи принсипи «Ҳамсол ба ҳамсол» фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофёбии мустақилона ва худамалигардонӣ нисбат ба муносибат, тассавурот ва малакаҳои ҳаётӣ байни ҳамсолон мебошад.

Чорабинҳоро аз рӯи принсипи «ҳамсол ба ҳамсол» бо таври зерин ташкил кардан мумкин аст:

- ташкили машғулиятҳо (семинарҳо, тренингҳо);
- саҳнаҳои ҳаҷвию таълимӣ ва муҳокимаи нақшҳо дар он;
- сӯҳбатҳои озод бо ҳамсолон;
- консертҳо ва викторинаҳо;
- озмунҳои ҳозираҷавобӣ ва варзишӣ ва ғайра.




**Расми 2. Фикру мулоҳизаҳо аз ҳамкорон ё ҳамсабақон (рус. Обратная связь.)(англ. Feedback)**

Равишҳои инноватсионии омӯзиш бештар аз таълим ё омӯзиш дар синф мебошанд. Шумо метавонед онҳоро дар бисёр соҳаҳои дигар, ба монанди фикру мулоҳизаҳои баъдидарсӣ истифода баред. Ба синфи худ кӯмак расонед, то ки ба онҳо ба ҳамсинфони худ шарҳҳои пурмазмун доданро омӯзанд (масалан, бо истифода аз рубрикаи фикру мулоҳизаҳо) ва онро ба реҷаи муайян табдил диҳед.

**Истифодаи омӯзиши инфиродӣ** - як шакли таълимест, ки дар он раванди ташкили машғулият тибқи нақшаи таълимии инфиродӣ сурат мегирад. Ҳамзамон, омӯзиш метавонад ҳам дар муассисаи таълимӣ ва ҳам бидуни рафтан ба таълимгоҳ сурат гирад. Барномаи омӯзиши инфиродӣ бо ҳамкории шахси таълимгирандаву ҳамроҳии омӯзгор аз муассисаи таълимӣ ва аз рӯи программаи махсуси пешакӣ мувофикшуда ташкил карда мешавад.

*Омӯзиши инфиродӣ*. Гарчанде, ки омӯзиши инфиродӣ барои баъзе донишҷӯён самаранок аст, он метавонад барои дигарон самаранок набошад. Масалан, фаъолиятҳои гурӯҳӣ барои “экстроверт”-ҳо бузурганд, аммо метавонанд барои “суперинтроверт”-ҳо даҳшатовар бошанд.

Ин усул раванди таълимии ҳар як донишҷӯро мутобиқ мекунад. Гарчанде ки барои банақшагирӣ ва омодагӣ вақти бештар лозим мешавад, он ба донишҷӯён кӯмак мекунад, ки дар асоси манфиатҳо, талабот, ҷиҳатҳои қавӣ ва заифии онҳо барои беҳтар намудани натиҷаҳо омӯхта шаванд.




**Расми 3. Марҳилаҳои усули омӯзиши инфиродӣ**

Ҳамин тариқ, ҳалли беҳтарин - ин модели таълимиест, ки ҷанбаҳои беҳтарини ҳамаи равишҳои таълимиро бо вобастагӣ аз намуди машғулият, муттаҳид мекунад.

1. Модели таълимдиҳӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботии инноватсионӣ
2. Модели таълимдиҳии анъанавӣ.

Омезиши усулҳо метавонанд, чун маҷмӯи қисмҳои созанда истифода шаванд ва имконияти ташкили дарсеро медиҳанд, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои дидактикӣ, хусусияти гурӯҳҳои академӣ ва сатҳи омодагии онҳо ба талабот мувофиқат намояд. Ҳамин тавр, дар мақолаи илмӣ, вариантҳои пешниҳодшудаи усулҳои интерактивӣ, фаҳмиши эҷодӣ ва истифодаи онҳо, ҳам дар марҳилаи тарҳрезӣ ва ҳам дар марҳилаи гузаронидани машғулияти лексионӣ, имкон медиҳанд, ки фаъолияти донишҷӯён ҷолиб ва пурсамар ба роҳ монда шавад.

Дар натиҷа метавон хулоса кард, ки дар шароити муосири рушди низоми маориф баланд бардоштани сифати таълими фанҳои дақиқро дар муассисаҳои таълимии кишвар бе дарназардошти истифодаи самараноки технологияи иттилоотиву иртиботӣ тасаввур намудан душвор аст. Агар навгонӣ натиҷаи мушаххаси илмӣ ва кашфиёт (дар навъи маҳсулот, техника, технология, иттилоот ва усули нав ва ғ.) бошад, пас инноватсия ифодагари раванди татбиқ ё истифодаи навгониро ифода мекунад, ки ба тағйироти сифатии лоиҳаи идорашаванда ва ба дарёфти самараву фоиданокии гуногун (илмӣ - техникӣ, иқтисодӣ - иҷтимоӣ) мусоидат мекунад.

## АДАБИЁТ

1. Ellie Tran. Innovative Teaching Methods with Guide and Examples / Ellie Tran // Маводи шакли электронӣ аз URL суроғаи: https://ahaslides.com/ru/blog/15-innovative-teaching-methods/
2. Бобозода, А. А. Информатизация образования - основа эффективного управления знаниями студентов / А. А. Бобозода // Современные проблемы и перспективные направления развития науки: материалы Международной научно-практической конференции, Чистополь, 27 ноября 2020 года / ЧУДПО «Научно-исследовательский и образовательный центр». – Казань: ИП Рагулин Р.А., 2020. – С. 32-38.
3. Ғаюров, Ҳ.Ш. Методикаи таъмини ҳавасмандкунии донишҷӯён дар машғулияти амалӣ / Ҳ.Ш. Ғаюров // Муаммоҳои мубрами методикаи таълими фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ: назария ва амалия Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методӣ. Хуҷанд: “Дабир”, ДДҲБСТ, 2022. – 422 с.

4. Лебедева, Л.И., Иванова, Е.В. Метод проектов в продуктивном обучении [Текст] / Л.И. Лебедева, Е.В. // Иванова. Школьные технологии. - 2002. №5. - С. 116-120.

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» *26.01.2021, шаҳри Душанбе*

6. Ризоқулов, Т.Р. Истифодаи усулҳои фаъоли таълим бо мақсади татбиқи муносибатҳои босалоҳият / Ризоқулов Т.Р., Абдуллоева А.Т. // Усулҳои инноватсионии таълим: ҳолати муосир ва дурнамои такомул. /Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методӣ. Хуҷанд: “Дабир”, 2021. – С 13-16.

7. Холнозаров, С. Практикум аз методикаи таълими химия, [Матн] / С. Холназаров. // Қурғонтеппа, 2017. 170 с.

## ДУХОВНО-ИСТОРИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ГРАЖДАНСКО-ПАТРИОТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***РУСТАМЗОДА Сухроб Хакими*** *– соискатель кафедры общей педагогики Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова, г. Худжанд, 17, мкр-р. дом 1.* ***E-mail:*** *rustamzod@inbox.ru, тел.:(+992) 929800021.*

В статье рассматривается вопросы духовно-исторической основы гражданско-патриотического воспитания в Республике Таджикистан. Автор особо отмечает, что в число приоритетных направлений государственной политики, реализуемой правительством Таджикистана, входит формирование у молодёжи чувства патриотизма, интернационализма, мотивации к защите Отечества.

Автор статьи констатирует, что история, культура, достижения, различные проблемы, возникающие на пути развития Таджикистана, неразрывно связаны с патриотизмом граждан страны, являющимся духовной основой их личности. Патриот всегда гордится достижениями Родины в различных областях, чтит её культуру, ассоциирует себя с нацией, объединённой единым желанием защищать страну от различного рода посягательств, преумножать её духовное, культурное, материальное богатство.

Источником патриотизма считается привязанность к родной земле, культуре, национальности, языку, народным традициям. С момента формирования наций, государств, важным элементом сознания общества обязательно становиться патриотизм. При этом представление о содержании данного понятия у каждого человека может быть своё.

***Ключевые слова:*** *духовно-исторические основы, гражданско-патриотическое воспитание, чувство патриотизма, личность, патриот, культурное и материальное богатство, народные традиции, межнациональное общение, духовная ценность.*

## АСОСХОИ МАЪНАВӢ-ТАЪРИХИИ ТАРБИЯИ ШАҲРВАНДӢ-ВАТАНДУСТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***РУСТАМЗОДА Суҳроб Ҳакимӣ*** *– унвонҷӯйи кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., х.1.,* ***E-mail:*** *rustamzod@inbox.ru,* ***тел.:*** *+(992) 92 980 00 21*

Мақола ба масъалаҳои заминаи маънавию таърихии тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф таъкид кардааст, ки

аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ, ки ҳукумати Тоҷикистон амалӣ мекунад, ташаккул додани ҳисси ватандӯстӣ, интернационализм ва ҳавасмандӣ ба ҳифзи Ватан дар байни ҷавонон мебошад.

Муаллифи мақола изҳор карддааст, ки таърих, фарҳанг, дастовардҳо, мушкилоти мухталифе, ки дар роҳи рушди Тоҷикистон ба миён меоянд, бо ватандӯстии шаҳрвандони кишвар, ки пояи маънавии шахсияти онҳост, пайванди ногусастанӣ дорад. Ватандӯст аз комьёбиҳои Ватан дар соҳаҳои гуногун ҳамеша фахр мекунад, маданияти онро эхтиром мекунад, худро бо халқе алоқаманд мекунад, ки бо саъю кушиши ягонаи аз суиқасдҳои гуногун муҳофизат намудани мамлакат, афзун гардондани сарватҳои маънавӣ, маданӣ ва моддии он муттаҳид шудааст.

Ба ақидаи муаллиф сарчашмаи ватандӯстиро дилбастагӣ ба Ватан, фарҳанг, миллат, забон, анъанаҳои мардумӣ медонанд. Аз замони ташаккули миллату давлатҳо ватандӯстӣ як ҷузъи муҳими шуури ҷомеа гардидааст.

***Вожаҳои асосӣ:*** *асосҳои маънавию таърихӣ, тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ, ҳисси ватандӯстӣ, шахсият, ватандӯстӣ, сарватҳои фарҳангӣ ва моддӣ, анъанаҳои мардумӣ, муоширати байни миллатҳо, арзиши маънавӣ.*

## SPIRITUAL-HISTORICAL FOUNDATIONS OF EDUCATION CITIZENSHIP-PATRIOTISM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***RUSTAMZODA Sukhrob Hakimi*** *– Applicant of the Department of General Pedagogics education of Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, Khujand, 17 micro district house 1.* ***E-mail:*** *rustamzod@inbox.ru,* ***phone:*** *+ (992) 92 980 00 21*

The article deals with the issues of the spiritual and historical basis of civil and patriotic education in the Republic of Tajikistan. The author emphasizes that among the priority areas of state policy implemented by the government of Tajikistan is the formation of a sense of patriotism, internationalism, and motivation to defend the Fatherland among young people.

The author of the article states that the history, culture, achievements, various problems that arise on the path of development of Tajikistan are inextricably linked with the patriotism of the country's citizens, which is the spiritual basis of their personality. A patriot is always proud of the achievements of the Motherland in various fields, honors its culture, associates himself with a nation united by a common desire to protect the country from various encroachments, to increase its spiritual, cultural, and material wealth. The source of patriotism is considered to be attachment to the native land, culture, nationality, language, folk traditions.

Since the formation of nations, states, patriotism has become an important element of the consciousness of society. At the same time, each person may have his own idea of the content of this concept.

***Key words:*** *spiritual and historical foundations, civil and patriotic education, sense of patriotism, personality, patriot, cultural and material wealth, folk traditions, interethnic communication, spiritual value.*

В жизни таджикского народа в новом 21 веке произошли серьёзные изменения, обусловленные распадом СССР и переходом к рыночной экономике. Такая трансформация, безусловно, существенно повлияла на межнациональные отношения внутри страны, и заставила обратить особое внимание на воспитание у молодого поколения позитивного отношения к представителям других национальностей.

Многонациональность с древних времён была присуще Таджикистану. Актуален вопрос межнациональных отношений и сейчас. Современная педагогическая наука пытается осмыслить опыт прошлого и сделать выводы, позволяющие не допустить повторения исторических ошибок. В частности необходимо более глубоко рассмотреть невостребованные ранее взгляды на проблему формирования у молодых людей толерантного отношения к людям другой нации, национальности [5].

В число приоритетных направлений государственной политики, реализуемой правительством Таджикистана, входит формирование у молодёжи чувства патриотизма, интернационализма, мотивации к защите Отечества. Именно поэтому в Таджикистане принята Национальная концепция воспитания [10, С. 208-214].

В документе отмечено, что воспитание, используя социальные, психолого-педагогические, культурные методы и действия, помогает развитию личности человека, упорядочению его жизни, развитию всего общества. Являясь целенаправленной деятельностью, воспитание даёт возможность личности раскрыть свой потенциал, и находить новые подходы к строительству культурной жизни таджикского народа. Реализация целей и задач воспитания, сформулированных государством в различных документах, направлено на защиту интересов, как отдельных граждан, так и общества в целом.

Правовое государство устанавливает и поддерживает порядок в стране, который положительно влияет на жизнедеятельность всех людей, воспитывая в них национальное самосознание. В общем, национальное воспитание должно формировать в людях культуру, гуманизм, инициативность, социальную, гражданскую позицию, свободомыслие и много других положительных качеств. Гражданин, воспитанный в духе национальной культуры, способен эффективно защищать национальные интересы страны, быть нетерпимым к отрицательным проявлениям, выраженным в любом виде и форме, любить свою родину, участвовать в развитии общества [7].

Мухаммаджон Шакури, рассматривая положения концепции воспитания, пришёл к выводу: «воспитанием необходимо охватить самые различные сферы социальных отношений. Это нужно, чтобы молодёжь страны, окончив школу, смогла активно участвовать в реальной жизни, найти своё место в жизни, обществе. Патриотическое воспитание должно формировать у подрастающего поколения гуманизм, развивать у них интеллектуальные способности» [9, С. 184-191].

Слово патриотизм с греческими конями (πατρίς – отечество), выражающее особое чувство, наполняющее душу любовью к Родине, когда личные интересы не ставятся выше интересов всего общества. История, культура, достижения, различные проблемы, возникающие на пути развития Таджикистана, неразрывно связаны с патриотизмом граждан страны, являющимся духовной основой их личности. Патриот всегда гордится достижениями Родины в различных областях, чтит её культуру, ассоциирует себя с нацией, объединённой единым желанием защищать страну от различного рода посягательств, преумножать её духовное, культурное, материальное богатство.

Источником патриотизма считается привязанность к родной земле, культуре, национальности, языку, народным традициям. С момента формирования наций, государств, важным элементом сознания общества обязательно становиться патриотизм. При этом представление о содержании данного понятия у каждого человека может быть своё.

Глубоко в историю уходят теоретические традиции, обуславливающие понятие патриотизма. Как считал Платон, дороже матери, отца может быть только родина. Более подробно описывался патриотизм в работах известных в далёком прошлом таджикских мыслителей Саади, Кайковус, Рудаки, Фирдоуси, Руми и др. В исторические времена, большинство мыслителей, педагогов тех лет, изучали патриотизм, как процесс личностного роста людей, имеющий разноуровневое формирующее начало. По их мнению, патриотизм выполняет не только воспитательную задачу. Он является эффективным педагогическим средством: «Нет людей без самолюбия. И нет их без чувства любви к родине. Такая любовь исходит от

сердца и даёт силы для борьбы с дурными намерениями, имеющими личный или общественный характер» [1].

В последнее время, как и в древние времена, патриотизм принято рассматривать, как общепринятую ценность, объединяющее в себе культурно-исторические, социальные, духовные составляющие. В целом, обобщая многие варианты трактовки термина патриотизм, можно сделать вывод: под патриотизмом принято понимать наиболее значимую для человека, общества ценность, являющуюся духовной ценностью личности, реализующей свою деятельность в интересах своей страны. Ещё одно определение данного термина, дополняющее общую трактовку, выражается в следующем. Патриотизм – чувство привязанности к отчему дому, родному краю, к языку, на котором разговаривает народ. Быть патриотом, значит отстаивать интересы Отечества, защищать его, быть верным своему народу, испытывать гордость за успехи своего народа, уважать государственные символы, историческое прошлое, обычаи, традиции, быть ответственным за судьбу Родины, способствовать её процветанию и благополучию.

Воспитание немыслимо без изучения патриотизма. Алиев А. в своей кандидатской диссертации рассмотрел вопросы формирования, развития патриотизма у подрастающего поколения арийской цивилизации [2].

Проблема патриотического воспитания в педагогической науке РТ решается с помощью исторического наследия Востока, опыт которого необходимо черпать из произведений великих мыслителей: Айни, Абуали ибн Сино, Джами, Рудаки, Носири Хусрава, Сади и др. Древние философы создали серьёзную базу для духовного развития личности, патриотического начала [11, С. 196-204].

В исследованиях многих учёных прошлого и современности патриотическое воспитание изучалось с разных сторон. Данной теме посвятили свои труды А. Каландаров, И. Каримова, С. Базарова, Ф. Шарифзода, И. Обидов. Ими были рассмотрены идеи патриотизма, потенциал национальных исторических памятников, традиций народа Таджикистана, которые можно успешно использовать в образовательной деятельности [15, С. 254-259].

Одним из выдающихся мыслителей прошлого был Абуабдуллох Рудаки, один из создателей таджикской классической литературы. Мы внимательным образом изучили его педагогические взгляды и на их основе сделали определённые выводы [8].

В XI веке, направляемая условиями социальной жизни народа, требованиями времени, классическая таджикско-персидская литература особое место отводила рассказам о нравственности, нормах поведения людей в обществе и семье. Н свет появились такие произведения, как «Ахлоки Носири» ученика Ибн Юниса, знатока педагогико-психологических теорий Ходжи Насриддина Туси, «Анвори Сухайли» влиятельного персидского моралиста и проповедника Хасайни Воиза Кошифи, «Рушноинома» поэта, писателя и философа Носира Хосрава и др.

Педагогические идеи нашли своё отражение и в литературных трудах Фаридаддуна Аттора, автора «Панднома», «Ахлоки Джалоли» и других поэм, наполненных глубоким философским смыслом, Газали, основателя суфизма, подарившим миру «Камиеи Саодат» (Эликсир счастья).

К педагогическим темам, актуальным для XIX века, относят патриотизм, взаимопонимание, доброжелательность, человеколюбие. Но наиболее востребованными были идеи мира, примирения, являющиеся условием благополучия нации. Мирное сосуществование было целью всего народа [3]:

1. Примирение – желания всех таджиков.
2. Благоустройство Отечества, единственно правильная дорога.
3. Общность нации – путь к благополучию.
4. После большой войны Таджикистана может уже не быть.
5. В случае войны весна не порадует временем тюльпанов.

Понимание мира, примирения важно те только с политической и экономической точки зрения. Когда народ осознает необходимость данных обстоятельств, тогда воспитание молодёжи будет легче и эффективнее. Крепко держась за «подол мира», таджики смогут заняться воспитание в подрастающем поколении духовной культуры, жизненной мудрости и морали.

Нет смысла отправляться с войной в чужие края, если народ имеет плодородные наделы, чистую воду и наделён необходимыми материальными ресурсами, нравственностью и моралью. Исторические факты однозначно доказывают, что вся историческая жизнь таджиков была посвящена собственной культуре, земле, искусству.

Профессор Махмадулло Лутфуллоев обосновал главные направления воспитания молодёжи, основными элементами которого должен стать патриотизм, нравственность, гуманизм, духовность и т.п. Подробно свои идеи учёный выразил в «Книге национальной славы», труде «Независимый Таджикистан…» [4].

Вопросы патриотизма сегодня вновь стали актуальной темой для педагогической науки РТ. При этом обозначилась проблема, заключающаяся в следующем: во время демократических реформ в учебной программе образовательных учреждений данной проблеме уделялось недостаточное внимание. В ВУЗах так же о патриотизме говорят кратко, сдержанно [14, С. 253-258].

На основе материалов, полученных в ходе исследования, организованного в школах республики, была написана кандидатская диссертация А.С. Саидмуминова.

В диссертации А. Каландарова «Патриотическое воспитание в педагогической деятельности учителей РТ» сконструированы модели, цель которых, помочь организации патриотической работы в школах.

Академик НАН Белоруссии И.Ф. Харламов понимает патриотизм, как общность нравственности и поведения, объединяющих в себе любовь к Родине, желание трудиться на благо Отчизны, следовать традиционным ценностям своего народа, уважать его историю, обычаи, готовность мужественно и самоотверженно защищать родные рубежи, уважать народы других стран и стремится сотрудничать с ними.

Российский учёный и писатель Т.М. Мальковская считает патриотизм нравственной категорией, объединяющей любовь к Родине, культурным ценностям, обычаям, традициям народа, интернационализм, гражданственность, нетерпимость к шовинизму, национализму, готовность встать на защиту Родины [13, С. 200-204].

Вопросы воспитания в человеке патриотизма изучаются сейчас многими учёными. А.С. Макаренко справедливо отметил, патриотизм выражается не только в действиях, требующих героизма. Он писал, патриотизм в большей степени долгая, грязная работа, порой мучительная, неинтересная.

Большой вклад в изучение данного направления внёс известный учёный-педагог В.А. Сухомлинский. Особый акцент он делал на воспитании в сознании школьников готовности к ежедневному, будничному труду на пользу всего общества. Такая деятельность организуется педагогом с целью формирования в молодых людях гражданственности. Мы полностью согласны с мнением В.А. Сухомлинского, утверждавшего, что любовь к родному Отечеству будет прочным фундаментом для силы духа, если в сознании человека чётко обозначены образы родного края, народных традиций и языка. Данные образы, всплывая в памяти, заставляют людей гордиться своей Родиной, людьми, населяющими её [12, С. 288-293].

Идеологической основой воспитания патриотизма в условиях современной общеобразовательной школы, по мнению О.Р. Шефер, должны стать нравственные ценности, присущие нации. В этом случае смысл такого воспитания может заключаться в развитии личности, гуманизма, духовности, патриотического сознания.

В свою очередь, С.Е. Матушкин видит в патриотизме нравственное начало, со сложной психолого-педагогической структурой, содержанием.

На данное время Правительство Таджикистана активно продвигает идеи патриотизма, интернационализма, реализуя их в воспитании молодёжи, которая совсем скоро будет обеспечивать безопасность Республики Таджикистан.

Мы всецело согласны с утверждением М. Лутфуллоева о том, что воспитание человека-патриота, является обязательным условием успешного существования и развития государства, а национальная гордость является самой высокой вершиной, на которую может подняться личность.

На основе вышеизложенного можно сделать вывод, что в системе национального образования обновлённой школы базовыми принципами обучения и воспитания должны

стать формирование в личности обучающегося самосознания, патриотизма, интернационализма, чувства гордости за свою страну.

Идеи патриотизма свойственна народная педагогика, воспитывающая в человеке, молодых людях такие важные личностные качества, как мужество, стойкость, оптимизм. В народе говорят: истина нужна тому, кто прав, а трусливому и опасность приятель. И таких мудрых высказываний в народном эпосе множество.

В современных педагогических концепциях нужно использовать примеры и традиции, доставшиеся нам от предков и сформировавшиеся под воздействием великих авторов таджико-персидской литературы. Мыслители прошлого до сих пор оказывают огромное влияние на воспитание людей. Имеет это место быть и в работе учителей начальной школы, формирующих у школьников младшего возраста чувство патриотизма, миролюбия, нравственные убеждения.

Однако, нельзя не заметить, что несмотря на активное освещение данной проблемы в педагогике, вопросы воспитания молодых людей в духе патриотизма и интернационализма в современных условиях остаются актуальными. Это связано с деструктивными событиями, размывающими истинное понятие патриотизма, любви к Родине, толерантности. Такие тенденции не дают показать настоящее лицо патриотизма, нивелируют усилия, направленные на интернационально-патриотическое воспитание.

Практическая работа в образовательных учреждениях Республики Таджикистан, в том числе ВУЗах и школах, направленная на воспитание патриотизма, интернационализма, использует следующие формы:

- историко-патриотическое;
- военно-патриотическое;
- культурно-патриотическое;
- национально-патриотическое;
- гражданско-патриотическое.

Выше перечисленные направления объединены одной целью, воспитанием подрастающего поколения.

В настоящее время в Республике Таджикистан насчитывается около 3800 школ, 40 ВУЗов. В учебных заведениях высшей школы одновременно обучаются 150 тысяч молодых людей. Данная статистика убедительно указывает, что в современном Таджикистане ведётся активная работа по формированию духовного, социально ответственного гражданина, всесторонне развитой личности [6, С. 43-45].

В педагогике во все времена воспитание являлось приоритетным направлением. Если рассматривать воспитание в социальном смысле, то оно представляет собой процесс, социальное явление, подготавливающее молодых людей к самостоятельной жизни. Если мы говорим о дошкольной педагогике, то в данном случае воспитание готовит ребёнка к переходу на новый этап развития, обучению в школе.

Патриотизм, идеи интернационализма развиваются в интересах общества, народа. Они побуждают индивидов к жизни с соблюдением правовых норм, консолидируют народ, посредством патриотического опыта, сохранённого в виде традиций, обычаев, ценностей, народного творчества, моральных установок, которые выработал и принял сам народ.

Современная молодёжь должна знать, что мир и свобода на таджикской земле сохраняется благодаря многовековой борьбе народа за независимость Родины. Сегодня священная обязанность защиты Отечества возлагается на молодых людей. Их усилия необходимо направит на укрепление мира, национального единства.

Перед учителями, преподавателями всех образовательных учреждений стоит серьёзная задача планирования и реализации учебных программ, внеучебной деятельности, направленных на воспитание патриотизма, интернационализма. Государственные органы должны создать условия для формирования национального сознания педагогов путём организации взаимодействия школ, ВУЗов с патриотическими клубами, учреждениями культуры, спорта, дополнительного образования, воинскими частями. Требуется активно привлекать учителей, педагогов к созданию учебных программ, пособий по патриотической работе в образовательных учреждениях. Организация летних оздоровительных лагерей патриотического направления, ещё одна важная задача государственных и муниципальных органов.

Наши исследования показали, что формирование у молодых людей способности к эффективному межнациональному общению необходимо строить на воспитании чувства симпатии, интереса друг к другу, радости от общих дел.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Алиев, А.Х. Традиции обучения и воспитания предков-таджиков в контексте современных проблем образования: дис. … канд.пед.наук.- Душанбе: АОТ.-2012.-167 с.
2. Амонов, Р., Абдувалиев А. Китоби хониши барои синфи 3 нашри IX. / Амонов Р. Абдувалиев А. – Маориф, Душанбе: 1981. – 272 с.
3. Лутфуллоев, М. Дидактикаи муосир. / М. Лутфуллоев. - Душанбе, 2001. – 336 с.
4. Лутфуллоев, М. Точикистони сохибистиклол ва масъалахои тарбия. / М. Лутфуллоев. - Душанбе, 2001. – 149 с.
5. Нуров, А. Рахимов Б. Программа по воспитанию молодѐжи. – Душанбе. – ТГПУ. Душанбе, – 2000.
6. Панова, В. Н. Краеведение как средство патриотического воспитания / В. Н. Панова. // Образование и воспитание. – 2015. - № 2 (2). – С. 43-45.
7. Рахмонов, Э.Ш. Таджики в зеркале истории. – Душанбе: «Ирфон». – 1996.
8. Рудаки, А. Осори Рудаки. Тахрири А. Мирзоев, А.Пахлавонов / А. Мирзоев, А.Пахлавонов.- Сталинобод. 1958.-519 с.
9. Сайдахмадзода, Д. Вклад Республики Таджикистан в охрану окружающей среды: мировые вопросы окружающей среды и экологическое воспитание общества / Д. Сайдахмадзода // Государственное управление. – 2020. – № 4-1(48). – С. 184-191.
10. Собиров, Р. Р. Комплексность учебно-воспитательного процесса воспитания свободы совести школьников средних общеобразовательных школ Республики Таджикистан / Р. Р. Собиров // Вестник Таджикского национального университета. – 2021. – № 3. – С. 208-214.
11. Собиров, Р. Р. Отношения и взаимосвязи методов и форм воспитания свободы совести у учащихся средних общеобразовательных учреждений Республики Таджикистан / Р. Р. Собиров // Вестник Таджикского национального университета. – 2021. – № 1. – С. 196-204.
12. Умарализода, Ш. Некоторые аспекты правового воспитания молодёжи в Республике Таджикистан / Ш. Умарализода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. – № 2. – С. 288-293.
13. Холова, Қ. А. Асосҳои қонунгузории тарбияи маънавӣ дар Ҷумҳурии ТОҶИКИСТОН / Қ. А. Холова // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2020. – No 2(30). – P. 200-204.
14. Яқубова, С. Н. Нақши Президенти Ҷумҳурии ТОҶИКИСТОН дар раванди қонунгузории маҷлиси олии Ҷумҳурии ТОҶИКИСТОН / С. Н. Яқубова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – No 10-2. – P. 254-259.


УДК -373
ББК-74.2; З-15

## ТАТБИҚИ ХУСУСИЯТҲОИ ЭТНОПЕДАГОГИКА ДАР ТАРБИЯИ АХЛОҚИЮ ЭСТЕТИКИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

***ЗОИДОВА Сабоат Абдуманоновна*** *– унвонҷӯйи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., х.1.* ***E-mail:*** *saboat1977@mail.ru,* ***тел.:*** *+ (992)92 934 11 77*

Дар мақола зарурияти замонавӣ пайдо кардани хусусиятҳои маънавии педагогикаи халқӣ,яъне этнопедагогика дар таълиму тарбияи ҳаматарафаи насли наврас мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст.Муҳтавои маркази мақоларо омилҳои асосии рӯй овардан ба ғояҳои панду ахлоқии педагогикаи мардумӣ, мазмун, шакл ва усулҳои таълиму тарбияи ахлоқӣ ва эстетикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ

бо назардошти такя ба анъанаҳои миллӣ, андешаҳо дар бораи таълиму тарбияи хурдсолон аз назари мутафаккирони асримиёнагӣ, таҷрибаи аз насл ба насл интиқолёбандаи ғояҳои милии тарбияи насли наврас, маданияти умумии этнопедагогика, эҳёи ғояҳои таърихӣ, педагогӣ ва этнопедагогӣ, тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ мувофиқи зарурати синнусолӣ, истифодаи босамари хусусиятҳои этнопедагогӣ дар ҷараёни тарбияро ташкил медиҳад.Дар идома аз тарафи муаллиф бо далелҳои илмӣ зарурияти замонавӣ пайдо кардани ғояҳои таълимию тарбиявии этнопедагогика дар рушди ҳаматарафаи насли наврас асоснок карда шудааст.

***Вожаҳои асосӣ:*** *этнопедагогика, маорифи миллӣ, синфҳои ибтидоӣ, фарҳанг, таълим, тарбия, эстетика, педагогикаи миллӣ, худшиносии миллӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, анъанаҳои мардумӣ, тарбияи ахлоқӣ, тарбияи эстетикӣ, оила, муҳити этникӣ, шахсият, инкишоф, фаъолияти маданӣ, раҳму шафқат, эҳсонкорӣ.*

## ПРИМЕНЕНИЕ ОСОБЕННОСТЕЙ ЭТНОПЕДАГОГИКИ В НРАВСТВЕННО-ЭСТЕТИЧЕСКОМ ВОСПИТАНИИ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ

***ЗОИДОВА Сабоат Абдуманоновна*** *– соискатель Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова, г. Худжанд, 17, мкр-р. дом 1.* ***E-mail:*** *saboat1977@mail.ru,* ***тел.:*** *+ (992)92 934 11 77*

В статье исследуется и анализируется современная потребность в поиске духовных особенностей народной педагогики, то есть этнопедагогики в комплексном обучении и воспитании подрастающего поколения.

Основное содержание статьи составляют основные факторы обращения к идеям педагогики и этики народной педагогики, содержание, формы и методы нравственно-эстетического воспитания и воспитания младших школьников с учетом опоры на национальные традиции, представления об образовании и воспитании молодежи с точки зрения средневековых мыслителей, опыт передачи из поколения в поколение национальных представлений о воспитании подрастающего поколения, общей культуры этнопедагогики, возрождение историко-педагогических и этнопедагогических идей, воспитание младших школьников в соответствии с возрастными потребностями, эффективное использование этнопедагогических особенностей в процессе воспитания.

Далее автор научно обосновал сегодняшнюю необходимость поиска образовательных и воспитательных идей этнопедагогики во всестороннем развитии подрастающего поколения.

***Ключевые слова****: этнопедагогика, народное образование, начальные классы, культура, образование, воспитание, эстетика, народная педагогика, национальное самосознание, общеобразовательные учреждения, народные традиции, нравственное воспитание, эстетическое воспитание, семья, этническая среда, личность, развитие, культурная деятельность, сострадание, благотворительность.*

## APPLICATION OF FEATURES OF ETHNOPEDAGOGY IN MORAL AND AESTHETIC EDUCATION OF PRIMARY SCHOOL PUPILS

***ZOIDOVA Saboat Abdumanonovna*** *– reseach worker of of Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, Khujand, 17 micro district house 1.* ***E-mail:*** *saboat1977@mail.ru,* ***Phone:*** *+ (992)92 934 11 77*

The article deals with the modern need of finding the spiritual features of folk pedagogy, that is, ethno-pedagogy in the comprehensive education and upbringing of the younger generation. The central content of the article covers the main factors of turning to the ideas of teaching and ethics of folk pedagogy, the content, form and methods of moral and aesthetic education and upbringing of elementary school pupils, taking into account the reliance on national traditions, ideas about the education and upbringing of young people from the point of view of medieval thinkers, experience from generation to generation conveying the national ideas of educating the younger generation, the general culture of ethno-pedagogy, the revival of historical, pedagogical and ethno pedagogical ideas, the education of primary school pupils according to age needs, the effective use of ethno pedagogical features in the process of education.

Further on, the author substantiated with scientific evidence of the modern need to find educational ideas of ethno-pedagogy in the comprehensive development of the younger generation.

***Key words:*** *ethno-pedagogy, national education, primary classes, culture, education, upbringing, aesthetics, national pedagogy, national self-awareness, general secondary education institutions, folk traditions, moral education, aesthetic education, family, ethnic environment, personality, development, cultural activity , compassion, charity.*

Фаҳмиши консептуалии масъалаҳои бунёдии маорифи миллӣ тақозо мекунад, ки навсозии он дар ин самт бидуни ба назар гирифтани анъанаҳои фарҳангӣ, таърихӣ, тарбиявӣ ва эстетикӣ дар системаҳои педагогии миллӣ ғайриимкон аст. Бад-ин хотир, бояд гуфт, ки ягонагии дастовардҳои педагогикаи илмӣ ва мардумӣ бо номи этнопедагогика омӯхта ва омӯзонида шавад.

Бинобар ин метавон гуфт, ки анъанаҳои этнопедагогикаи мардумии тоҷик бо як қатор сабабҳо вобаста аст:

а) дар шароити эҳёи худшиносии миллӣ дар соҳаи назария ва амалияи тарбияи ахлоқӣ ва эстетикии ҷавонону наврасон ва хусусан хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯзиши элементҳои этнопедагогика тақозои замон хоҳад буд;

б) мазмун, шакл ва усулҳои таълиму тарбияи ахлоқӣ ва эстетикии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таҳқиқоти нав ниёз дорад;

в) ташаккули консепсияҳои педагогии миллӣ дар асоси таҷрибаи татбиқи этнопедагогика фаъол хоҳад гардид. Ҷанбаҳои этнопедагогии ҳалли масъалаҳои тарбия, омӯхтану тасдиқи анъанаҳои мардумӣ ва таҷрибаи тарбия дар ин шароит мавриди таваҷҷӯҳи махсус қарор бояд гирифт.

Омӯзиш ва татбиқи аломатҳои этнопедагогика барои тайёрии омӯзгорони оянда синфҳои ибтидоӣ дар рӯҳияи тарбияи ахлоқӣ ва эстетикии хонандагон тибқи талаботи замон шарҳ дода шуда, ҳамчун мероси педагогӣ ва ҷузъи таркибии системаи муосири маорифи миллӣ бо шаклу усулҳои таълим, ки аз таҷрибаи таърихӣ санҷида шудаанд, фаъолияти педагогии омӯзгорро ғанӣ мегардонад.

Дар шароити муосир ҳалли проблемаҳои тарбияи ахлоқӣ ва эстетикии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бидуни омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи элементҳои этнопедагогика дар системаи педагогии илмӣ имконнопазир аст. Бояд гуфт, ки мутафаккирони гузашта ба таҷрибаи тарбияи ахлоқии наврасону ҷавонон аҳамияти ҷиддӣ медоданд. Дар осори онҳо на танҳо фикру ақидаҳои умумӣ, балки консепсияҳои аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ асоснокшудаи педагогӣ, аз ҷумла тарбияи ахлоқию эстетикии ҷавонону наврасон низ мавҷуданд.

Андешаҳо дар бораи таълиму тарбия аз назари мутафаккирони асримиёнагии мо, ки осори онҳо ва дастовардҳои илми муосир имкон медиҳад, ки парадигмаи нави таълим ва ташаккули шахсияти аз ҷиҳати ахлоқиву эстетикӣ тарбият ёфта дар асри XXI

ба вуҷуд ояд. Аҳамияти чунин пажӯҳишотро равандҳои муосири рушдёбандаи бунёди мактабҳои миллӣ ва системаҳои маорифи миллӣ, бознигарии назарҳо оид ба проблемаҳои таълим ва тарбияи ахлоқиву эстетикии наврасону ҷавонон, зарурати ифшои масъалаҳои бунёдии педагогикаи илмӣ ва этнопедагогика ташкил медиҳад.

Таҷрибаи аз насл ба насл интиқолёбандаи мардумӣ сарвати маънавии худро ҳамчун эҳтиром аз насли калонсол ба хурдсол меомӯзонад ва бо ҳамин восита маданияти моддию маънавии ҷамъиятро ба вуҷуд меоварад, ки дар он миён тарбияи ахлоқиву эстетикии насли наврас мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Инсоният аз қадимулайём тартиби ба худ хоси ахлоқӣ ва маданияти маънавии тақозои ҳар замонро ба вуҷуд овардааст, Ҳамаи халқҳо расму оинҳои зиёде доштанд, ки барои некӯаҳволии ҷомеа ва ободии кишварашон хизмат мекард, ки барои тамоми инсоният новобаста аз мавқеи ҷуғрофии ҷойгиршавии мамлакатҳо ва ё нажоди хоси мардумон тарбия умуман ва тарбияи ахлоқию эстетикӣ аз ҷумла мавқеи муайянро дорост.

Тарбияи ахлоқиву эстетикӣ дар системаи таълимоти этнопедагогика дар муносибат бо табиат, дар ҷараёни меҳнати кишоварзӣ, дар эҷодиёти шифоҳии мардумӣ, ҳунарҳои аҷиби мардумӣ, дар тарзу зебоии либоспӯшӣ, меҳмоннавозӣ, расму оинҳои неки гузаштагон, одоби ҳамида ва дигар қоидаҳои педагогӣзоҳир мешуданд.

Барои инсоният фарҳанги маҷмӯии ҳазорсолаҳо, наслҳо, нажодҳо, миллатҳо, гурӯҳҳои этникӣ, синфҳо ва мулкҳо муҳим аст. Ҳар як гурӯҳи иҷтимоӣ, ҳар як миллат маданияти умумии инсониятро аз ин ҷиҳат ғанӣ мегардонад. Маданияти маорифи халқ асоси ҳар як маданият аст. Ягон эҳёи миллӣ, бозсозии анъанаҳои пешқадами мардумӣ бидуни ба амал татбиқ намудани анъанаҳои ибтидоии маорифпарварӣ, этнопедагогика имконнопазир аст.

Маданияти умумии этнопедагогика, ки ҳам комёбиҳои афкори педагогии афроди намунаи ибрати кишвар, ҳам маърифати педагогии омма, вазъияти тарбияи насли наврас ва ҳам маданияти фарди педагогии шаҳвандонро дарбар мегирад, дараҷаи конкретии инкишофи ҷомеаро инъикос мекунад. Вазифаҳои мутахассисони соҳаи этнопедагогика муроҷиат ба таърихи ташаккули афкори педагогии гузаштагон буда, нишон дода тавонистани мавқеи тарбияи ахлоқӣ ва эстетикӣ дар он система ба шумор меравад.

Маъмултарин мафҳумҳои бунёдие, ки моҳияти мавзӯю мундариҷаи тарбияи ахлоқиву эстетикии наврасону ҷавононро баррасӣ менамояд дар чаҳорчӯбаи пажӯҳишоти «этнографӣ», «педагогикаи халқӣ», «этнопедагогика», «этнопсихология», «анъанаҳои этнопедагогӣ» дохил мешаванд.

Дар ҳар як ҷомеа дар марҳалаҳои муайяни инкишофи он усулҳои гуногуни тарбияи ахлоқиву эстетикӣ вуҷуд доранд, ки аз муҳити этникӣ, фарҳангӣ, гуруҳӣ, минтақавӣ, оилавӣ ва ғайра вобаста мебошанд. Ҳамаи ин падидаҳо бо хусусиятҳои миллӣ ва фарҳанги суннатии рӯзгор объекти таҳқиқи этнопедагогиро муайян мсозанд. [9].

Агарчанде, ки оид ба тарбия, махсусан тарбияи ахлоқию эстетикӣ ва рафтори ҷавонону наврасон дар кишваҳои гуногуни олам аарҳои зиёде офарида шудаанд, бояд гуфт, ки ҳамасола хусусиятҳои иҷтимоии шахс тоза ба тоза ба пажӯҳишоти ҷудогона ниёз дорад.

Хусусияти муайяни этникие, ки бо тарбияи ҷавонону наврасон алокаманд аст, бевосита ба илми тарбия - педагогика алокаманд аст. Маҳз бад-ин хотир ҷанбаҳои гуногуни этнопедагогика ба пажӯҳишу омӯзиш бештар ниёз дорад. Этнопедагогика кисми таркибии педагогика буда, дар навбати худ ҷузъи таркибии маданияти умумии маънавӣ ба шумор меравад.ии халк мебошад. Бояд гуфт, ки паҳлӯҳои тарбиявии этнопедагогика дар замонҳои қадим ба вуҷуд омада, таърихан қабл аз педагогикаи илмӣ ба шумор меравад ва ба шаклхои ибтидоии ташаккул ва инкиофи он таъсири муайян дорад. [11].

Этнопедагогика, ки дараҷаи муайяни донишҳои педагогӣ ва марҳалаи мушахаси таърихии пешрафти маънавии инсониятро инъикос менамояд, асоси илми педагогикаро ташкил дода, ба инкишофи ҳамаҷонибаи он мусоидат мекунад. Таърихнигории таҳқиқоти илмӣ оид ба проблемаҳои этнопедагогика нишон медиҳад, ки омӯзиши таҷрибаи халқии мактабу маориф ҳамчун падидаи иҷтимоию таърихӣ дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи таърихӣ ҷузъи таркибии педагогикаи илмӣ мебошад.

Донишмандони барҷастаи замони гузашта ба омӯзиши афкори педагогии мардум ва таҷрибаи педагогии онҳо аҳамияти зиёд медоданд. Мутахассисони варзидаи педагогика чунин меҳисобанд, ки этнопедагогика илми тарбия ва педагогикаи илмиро комил мегардонад, яъне, гуфтан мумкин аст, ба сифати такягоҳ ва пояи он хизмат мекунад. Педагоги бузурги чех Я.А.Коменский дар асоси ҷамъбаст намудани таҷрибаи тарбияи хонаводагӣ идеяи «мактаби модариро» ба миён гузошта буд. Ба назари мо, натанҳо тарбияи ахлоқиву эстетикии хонандагони хурдсол, балки дар маҷмӯъ тарбияи ахлоқиву эстетикии шахс аз тарбияи хонавода сарчашма мегирад. Аз ин рӯ, бояд гуфт, ки ба омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ зарур аст, ки ба тарбияи ахлоқиву эстетикии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар мавзӯъҳои ахлоқӣ аз осори мардумӣ, қиссаҳо ва мусобиқаҳои муаммоомез, урфу одатҳои намунаи ибрат ва ғайра истифода баранд. Одатан касе ба илм комёб мегардад, ки ахлоқи накӯ дошта бошад ва ҳамин қазия бори дигар исбот мекунад, ки тарбия муқаддам аз таълим аст.

Педагоги бузурги рус К.Д.Ушинский ба неруи тарбиявии педагогикаи халқӣ баҳои баланд дода, чунин мешумурд, ки системаи маорифро таърихи халқ, эҳтиёҷот ва тарзи зисту зиндагонӣ, маданияти моддию маънавии он ба вучуд меоварад, он бидкни ҳалли масъалаҳои тарбиявӣ вуҷуд дошта наметавонад. Ӯ расму оинҳои мардумиро хуб омӯхта, ба хулосае омад, ки «Ҳикмати ниёгон оинаи насл аст», зеро дар раванди рушди миллӣ намунаи зинда аст. [10].

Эҳёи ғояҳои таърихӣ, педагогӣ ва этнопедагогӣ, ки дар мундариҷа ва системаи таълимии тамаддуни тоҷикӣ чунон амиқ ҷойгир шудааст, ки инъикоси он дар консепсияи тарбиявии ҷавонону наврасон, хонандагону донишҷӯён бо зарурати истифодаи иқтидори ғании мероси этнопедагогии халқӣ ифода ёфтааст. Этнопедагогика аз ибтидо ба омӯзгорон, махсусан муаллимони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун воситаи асосии таълиму тарбия истифода мегардад.

Дар замони муосир дар назди коллективи педагогӣ як қатор вазифаҳо истодаанд, ки бидуни онҳо насли наврасро пурра ва пурмаҳсул тарбия кардан имконнопазир аст. Яке аз роҳҳои имконпазири ба амал баровардани тағйироти сифатӣ дар ҷараёни таълиму тарбия ба он дохил намудани анъанаҳои этнопедагогӣ мебошад. Дар системаи муосири таҳсилоти томактабӣ, миёна ва олӣ саъй карда мешавад, ки мазмуну мундариҷа ва шаклу усулҳои тарбияи миллиро дар раванди таълиму тарбия, махсусан тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ самараноктар истифода бурда шавад.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки аз ҷанбаҳои тарбиявии этнопедагогика мувофиқи мақсад дар шароити мавҷуда интихоб намуда, онро бо стандартҳои умумии таҳсилот ҳамоҳанг сохта, бад-ин васила модели оптималии низоми таҳсилоти муосирро такмил додан ба маврид хоҳад буд. Вале бояд гуфт, ки ҳама гуна соҳаи дониш мушкилоти худро дорад ва омӯзгоронро водор мекунад, ки ҳам ба пайдоиши илми этнопедагога ва ҳам ба таҳқиқоти муосири соҳаи педагогика диққати ҷиддӣ дода шавад. Тафаккури педагогӣ хеле пеш аз он ки дар назарияи илмӣ ташаккул ёбад, ба эҷодиёти даҳанакии халқ, санъат, суруд, расму оин ва анъанаҳои рӯзмарра зоҳир мегардид. Ҷараёни тарбия дар ҳар як марҳалаи тараққиёти ҷамъият мазмуну мундариҷа ва шаклу усулҳои ба худ хосеро вобаста ба дараҷаи тараққиёти тамаддуни замон муайян карда мешуд, ки дар он тарбияи хонаводагӣ ва кӯдакону наврасон мавқеи хоса дорад.

Тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ мувофиқи зарурати синнусолӣ ба наслҳои наврас дохил шуда гирифтани мероси таҷрибаи таърихии аз наслҳои гузашта андӯхташуда барои ба ҳаёт татбиқ кардани онҳо сурат мегирифт. Меросият ва давомдорӣ одатан дар асоси анъанаҳои халқии тарбият, анъанаҳои тарбияи оилавӣ, яъне бар асоси ҷанбаҳои этнопедагогӣ сурат мегирад. Дар ҳақиқат анъанаҳоро шартҳои таърихӣ – асолати кор, тарзи зиндагӣ, маданияти маънавии одамон муайян месозад.

Бояд гуфт, ки асосҳои тарбияи меҳнатӣ, ахлоқӣ, ҷисмонӣ ва эстетикӣ баъд аз оила дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ташаккул меёбад. Бо баробари иҷро намудани анъанаҳо ва расму русуми миллию этникӣ хонандагон ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб карда мешаванд. Ҳамин тариқ, этнопедагогика ҳамчун ҷузъи таркибии педагогикаи илмӣ ташаккул ва инкишоф меёбад. Маҳз тавассути педагогика принсипҳои тарбияи азлоқӣ ва одоби мардумӣ муайян карда шудаанд. Тадқиқоти мутахассисон нишон медиҳад, ки афкори илмию педагогӣ решаҳои имиқи таърихӣ дорад. Вай ба анъанаҳои чандинасраи тарбияи насли наврас ва ба мероси ғании маардумӣ, ки бо хиради педагогикаи халқӣ бой гардидааст, асос ёфтааст.

То ҳанӯз дар баробари омӯзиш ва татбиқи ҷанбаҳои педагогикаи илмӣ омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз мероси ғании мутафаккирони маъруфи асримиёнагии ниёгонамон аз қабили Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Вбӯалии Сино, Унсурмаолии Кайковус, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва садҳо нафари дигар васеъ истифода мебаранд. Дар давоми беш аз ҳазор сол панду ҳикматҳои омӯзандаи ниёгони овозадори форс-тоҷик сармашқи кори педагогони ҳамаи халқу миллатҳо ба шумор меравад. Барои мисол ба ёдоварии як байт аз осори ғании Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки бинобар маълумоти Рашидии Саарқандӣ болиғ бар як миллиону дусад ҳазор аст, иктифо мекунем, ки гуфта буд:

Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

Омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоиро зарур аст, ки хусусиятҳои этнопедагогиро ҳам аз осори мутафаккирони гузашта ва ҳам аз расму русуми мардӣ ба шакли шавқоваре ба монанди бозиҳо таълим диҳанд. Масалан,

- Усули таълими эвристикӣ;
- Усули таҳлил ва муҳокимаронихо;
- Усули тақлидӣ;
- Усули татбиқӣ ва ғайра.

Бад-ин тариқ, омӯзгорон ба шогирдон эҳтиром ба ҳувияти миллӣ, эҳтиром ба таъриху тамаддуни миллӣ, эҳтиром ба насли куҳансолон, раҳм бар кӯдакон, омӯзиши панду ҳикмат, татбиқи донишҳои пандомезро меомӯзонанд, ки бар пояи тарбияи ахлоқӣ ва эстетикӣ асос ёфтааст.

Дар ҳама давру замон диққати ҷомеа ба тарбияи насли наврас равона карда мешавад, ки ҷавонону наврасон ояндаи ҷамъият маҳсуб мегарданд. Замоне, ки хонанда ва ё донишҷӯ худро ҳамчун шахсияти рушдёбанда ва узви комилҳуқуқи ҷомеа дарк мекунад, худро пайванди наслҳои пешину муосир ҳис мекунад, он гоҳ раванди таълиму тарбияи наслҳои оянда саҳмгузор буда метавонад.

Бояд гуфт, ки як аз принсипҳои барномасозии барномаи таълимӣ бар асоси пайвастагии гузаштаву муосир ва муосиру оянда ва омӯзиши унсурҳои этнопедагогика асоснок карда мешавад. Педагоги маъруфи рус К.Д.Ушинский чизи аз ҳама муҳимтаринро барои донишҳои педагогӣ чунин ифода кардааст: «Халқ системаи махсуси маориф мебошад... Танҳо маорифи халқ дар ҷараёни таърихии тараққиёти миллӣ органи зинда мебошад» [11]. Осори ғании К.Д. Ушинский намунаи беҳтарини истифодаи тарбияи халқӣ чӣ дар оила ва чӣ дар мактаб мебошанд. Яке аз вазифаҳои муҳимтарини этнопедагогика дар назди ҷомеаи муосир эҳёи ҷанбаҳои маънавии таъриху тамаддуни мардумӣ он мебошад, ки бидуни он аз худ намудани таҷрибаи

фарҳангӣ ва таърихии мардум, ки дар тӯли садсолаҳо ва ҳазорсолаҳо аз ҷониби як қатор абармардони олами фарҳанг офарида ва дар осори шифоҳию хаттии онҳо сабт гардидааст, имконнопазир аст.

Беҳуда дар урфият намегӯянд, ки шахсе, ки асолати хешро фаромӯш кардааст, дар ҷамъият фаромӯш хоҳад гардид. Бад-ин мазмун ёдоварии суханони ҳикматбори ниёгон ба маврид хоҳад буд. Масалан, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар "Найнома"-аш чунин гуфтааст:

Ҳар касе, к-ӯ дур монд аз асли хеш,
Боз ҷӯяд рӯзгори васли хеш

Ё худ Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ фармудааст:

Шиносои вуҷуди хештан шав,
Пас он гаҳ сарфарози анҷуман шав.

Омӯзгоронро месазад, ки ба воситаи таҳлил ва омӯзиши мисраҳои фавқуззикр ба шогирдон тарбияи ахлоқиву эстетикии шогирдон саҳмгузор бошанд. Воқеан, ҳеч чиз ба ташаккул ва рушди шахсият, фаъолияти эҷодии ӯ, ҳамчун муроҷиат ба анъанаҳо, расму оинҳои мардумӣ, ҳунарҳои мардумӣ, аз ҷумла, шифоҳӣ мусоидат намекунад. Бинобар маълумоти Г.Н.Волков ягона роҳи комёбиҳои эҷодии шахс инкишофи ҳаматарафаи ӯ дар асоси фаъолияти маданӣ мебошад [2].

Дар асоси шиносоӣ бо расму оинҳои мардумӣ хонандагони синфҳои ибтидоӣ дарки зебоиро меомӯзанд ва меъёрҳои зебоиро азхуд мекунанд. Аз шунидани афсона дар бораи неку бад тасаввурот пайдо мекунанд. Кӯдакон ҳангоми азназаргузаронии асарҳои ҳунарӣ ҳисси шодӣ, лаззат аз рангҳои дурахшон, ғанӣ ва гуногунии намудҳо ва нақшҳоро эҳсос мекунанд, ки дар кушодани ҳалли чунин муаммоҳо саҳми омӯзгорон хеле олӣ аст.

Ҳалли муҳимтарин муаммои иҷтимоии дигаргунсозии ҷомеа ва эҳёи маънавӣ бидуни назардошти мероси ғании даврони гузашта имконнопазир аст. Муроҷиат ба гузаштаи таърихии ниёгон, муттасилии идеалҳо ва арзишҳои маънавӣ, татбиқи онҳо дар шароити муосир тамоюлҳои пешбарандаи соҳаи маориф ба шумор меравад.

Бояд гуфт, ки кори ташкилотчигӣ ва идеявию тарбиявӣ дар такмили ҷомеа ҳамеша ва дар ҳам адаври замон ахамияти калон дошт ва дорад. Иҷро бомуваффақияти нақшаҳои тараққиёти иқтисодию иҷтимоии ҳар гуна ҷомеа бидуни назардошти омилҳои инсонӣ, хусусан маҳорату дониши шахсони пуртаҷриба имконнопазир аст. Аз ин рӯ, анъанаҳои мардумӣ, фарҳангӣ ва ҳунарии халқӣ дар замони муосир, дар шароити инкишофи босуръати техникаву технология аҳамияти пурарзише дорад.

Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми ва таҳсилоти олии касбии тамоюли педагогиро месазад, ҳамеша ба шогирдон гӯшзад кунанд, ки этнопедагогика илм дар бораи таҷрибаи оммаи халқ, дар тарбияи насли наврас буда, таҷрибаи педагогии халқро таҳқиқ мекунад, имкониятҳо ва роҳҳои самарабахши дар илм ва амалияи муосир татбиқ намудани ақидаҳои педагогии прогрессивии халқро ошкор мекунад ва аҳамияти педагогиро таҳлил мекунад. Этнопедагогика падидаҳои алоҳидаи ҳаёти халқро таҳлил намуда, ба вазифаҳои тарбиявии замони муосир мувофиқ будан ё набудани онҳоро таҳлил мекунад.

Самаранокии тадқиқоти этнопедагогиро возеҳ будани мураттабсозии масъалаи таҳқиқшаванда муайян мекунад, ки он дар ҷараёни зиддиятҳои ҳаёти воқеии фаъолияти таълимӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд, зеро маҳз эҳтиёҷоти иҷтимоӣ амалияи таълиму тарбия ва илми дахлдорро муайян мекунад.

Этнопедагогика вижагиҳои характери миллиро, ки дар байни мардум ташаккул ёфтаанд, таҳлил ва таълим медиҳад. Маълум аст, ки ин ақидаҳо ҳамчун системаи равшани педагогӣ амал намекунанд, балки ба системаи маориф тавассути призмаи масъалаҳои конкретие, ки дар марҳилаи муайяни тараққиёти таърихӣ ба манфиатҳои омма амиктар дахл мекунанд, дохил мешаванд. Аз ин бармеояд, ки вазифаҳои таълими

этнопедагогӣ дар ҳалли масъалаҳои амалии тарбиявӣ дар ҳаёти ҳаррӯза зоҳир гардида, ба шуури одамон ворид шудани унсурҳои фарҳанги ақлӣ, ахлоқӣ, экологӣ, эстетикӣ ва ҷисмонӣ мусоидат мекунанд.

Бесабаб нест, ки дар зиндагии шахс анъана ва расму оинҳои миллӣ нигоҳ дошта шуда, сарфи назар аз ҳама чиз – идҳои халқии марбут ба тақвими табиат, идҳои миллӣ, маънавӣ (динӣ) ва расму оинҳои ҳамарӯза риоя ва татбиқ мешавад. Ақидаҳои этнопедагогии ҳар як халқ дар зери таъсири шароити таърихӣ инкишоф ёфта, конкретӣ мегардад ва хусусияти шароити зиндагии мардум дар идеали миллии онҳо ифода меёбад. Возеҳ аст, ки ҳар як миллат системаи камолоти ахлоқии худро дорад ва таҳлили адабиёти илмию педагогӣ нишон медиҳад, ки аклу хирад, саломатӣ, меҳнатдустӣ, меҳру муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба падару модар ва устодон, поквиҷдонӣ, мардонагӣ, саховатмандӣ, меҳрубонӣ, хоксорӣ ва ғайра бар мабнои таълимоти этнопедагогӣ асос ёфтааст.

Ташаккули шахсияти комил вобаста ба кор бурда тавонистани воситаҳои таъсири тарбиявӣ, пеш ва беш аз ҳама тарбияи ахлоқиву эстетикӣ мебошад. Таҷрибаи ҳазорсолаи ниёгони маорифпарварамон ба мо имкон медиҳад, ки воситаҳои таъсирбахши таъсиррасониро ба шахсият, шуур, ҳиссиёти хонандагон, масалан, ид, расму оин, афсона, эпос, бозӣ, муаммо, зарбулмасал, мақолаҳо, идонаҳои бачагона, ба шахсият, шуур, хиссиёти бачагон объективона интихоб кунем. Самаранокии азхудкунии арзишҳои миллиро аз ҷониби мактаббачагон амиқ омӯхтани забони модарӣ, фолклор, ошноии онҳо бо ҷашнҳои миллӣ, бозиҳои миллӣ, намудҳои фаъолияти меҳнатӣ ва азхудкунии услуби анъанавии муносибатҳои байнишахсӣ муайян мекунад.

Барои ин пеш аз ҳама анъанаҳои этнопедагогиро эҳё кардан, онҳоро дар рӯҳияи замонавӣ такмил додан лозим аст. Чунин анъанаҳо дар амалҳои марбута ба раҳму шафқат, эҳсонкорӣ, кӯмаки мутақобила, дастгирии ҳамдигар, қадрдонии ҳифзи табиат, дарки зебоии табиат, эҳтиром ва риояи қонунҳои он, эҳтиром ва барқарорсозии ёдгориҳои фарҳанги моддӣ ва маънавӣ, асрори ҳунарҳои мардумӣ эҳёи беҳтарин анъанаҳои либоси миллӣ нигоҳ дошта мешаванд.

## АДАБИЁТ

1. Арабов, И.А. Семья и этнокультурные традиции воспитания семьянина. М.: Педагогика, 2004 - 104 с.

2. Волков, Г. Н. Этнопедагогика. Учебник. М., 2000. - 176 с. - С. 379.

3. Исоев, С. Анъанаҳо ва таҷрибаи халқӣ дар тарбияи мехнатии фарзандон дар оила. Диссертация. номзад илмҳои пед.. Тошкент, 1980. - 150 с.91.

4. Лутфуллоев, М. Эҳёи педагогикаи Аҷам / М.Лутфуллоев.- Душанбе, 1997. -148 с.

5. Лутфуллоев, М. Эҳёи педагогикаи халқӣ.- Душанбе, 1977.-150.с.[ба забони тоҷик.

6. Маҷидова, Б. Анъана ва расму оинхои халкӣ хамчун воситаи ташаккули сифатҳои ахлоқии фарзандон дар оила. Душанбе, 2004.-с. 211.

7. Нуров, А. “Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ва нақши онҳо дар тарбияи ахлоқии насли наврас”. Душанбе, 2004.-. 215 с.

8. Орипов, М. Аз таърихи афкори педагогии халки точик: Дар ду кисм. Душанбе: Ирфон, ч. 1, 1962. 216 д., ч. 2, 1965. — 219.

9. Решетов, А. М. Этнопсихология и смежные науки // Советская этнография. -1983. №4. -с.68-75.

10. Традиция в истории культуры: Сборник статей / Посящ. 85-летию А. Ф. Лосева. М.: Наука 1978. - С. 8.

11. Традиционные праздники и обычаи русского народа Сборник. М., 1994. -157с.

## МАСЪАЛАҲОИ ТАРБИЯИ АХЛОҚӢ ВА МОҲИЯТИ ОН ДАР ИҶТИМОИШАВИИ НАВРАСОН

***РИЗОЕВА Нигинамо*** *– унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. С. Айнӣ, 126,* ***E-mail:*** *nigina@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 93 810 01 47*

Дар мақола яке аз масъалаҳои мубрами тарбия – масъалаи иҷтимоишавии наврасону ҷавонон дар асоси истифодаи арзишҳои ахлоқӣ таҳқиқ шуда, дар умум мавқеи арзишҳои миллӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии онҳо ҳамаҷониба омӯхта шудааст. Таъкид мегардад, ки асосан заминаи тарбияи ахлоқӣ ва ташаккули сифатҳои маънавӣ аз оила оғоз ёфта, минбаъд дар муассисаи таълимӣ ва ҷомеа идома дода мешавад. Дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дастовардҳои илми муосир барои таълими наврасону ҷавонон ва тарбияи ахлоқи ҳамидаи онҳо табдирҳо андешида шуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ гардиданд. Ҳадафҳои асосии таҳқиқотро дарёфти роҳу воситаҳои ташаккули сифатҳои ахлоқӣ дар ниҳоди наврасон бо истифодаи имкониятҳои арзишҳои миллӣ мебошад, ки дар ин маврид сифатҳои ахлоқии бо ёрии анъанаҳои миллии ташаккулдиҳандаи худшиносии наврасон таҳлил карда шуд. Дар рафти тадқиқот аз ҷониби наврасон, таҳқиқотчиён ва коршиносон силсилаи пешниҳодҳо оид ба интизории онҳо аз барномаи таълимӣ зикр гардид.

***Вожаҳои асосӣ:*** *сифатҳои ахлоқӣ, иҷтимоишавӣ, наврасону ҷавонон, арзишҳои миллӣ, ташаккули инсон, ҷаҳонбинӣ, анъанаҳои оила, ташаббускорӣ, барномаи таҳқиқотӣ, нерӯи зеҳнӣ.*

## ВОПРОСЫ НРАВСТВЕННОГО ВОСПИТАНИЯ И ЕГО СУЩНОСТЬ В СОЦИАЛИЗАЦИИ МОЛОДЕЖИ

***РИЗОЕВА Нигинамо*** *– соискатель Института развития образования им. А. Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. С. Айни, 126,* ***E-mail:*** *nigina@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 93 810 01 47*

В статье исследуется один из важнейших вопросов воспитания - вопрос социализации подростков и молодежи на основе использования нравственных ценностей, и в целом изучается роль национальных ценностей в формировании их мировоззрение. Подчеркивается, что фундамент нравственного воспитания и формирования нравственных качеств начинается в семье и продолжается в образовательном учреждении и обществе. В период независимости Республики Таджикистан на основе достижений современной науки были приняты меры по воспитанию подростков и молодежи и нравственному воспитанию всех их, разработаны и утверждены нормативно-правовые документы. Основной целью исследования является поиск путей и средств формирования нравственных качеств в молодежном с использованием возможностей национальных ценностей, в данном случае нравственные качества анализировались с помощью национальных традиций, формирующих самосознание подростков. В ходе исследования подростки, исследователи и эксперты высказали ряд предложений относительно своих ожиданий от образовательной программы.

***Ключевые слова:*** *нравственные качества, социализация, подростки и молодежь, национальные ценности, развитие человека, мировоззрение, семейные традиции, инициатива, исследовательская программа, интеллектуальная энергия.*

# ISSUES OF MORAL EDUCATION AND ITS ESSENCE IN YOUTH SOCIALIZATION

***RIZOEVA Niginamo*** *– Applicant jf the IDE named after A. Jami, Dushanbe,126 Ayni Str.* ***E-mail:*** *nigina@mail.ru,* ***phone:*** *+(992) 93 810 01 47*

The article examines one of the most important issues of education - the issue of socialization of adolescents and youth based on the use of moral values, and in general the role of national values in shaping their worldview is studied. It is emphasized that the foundation of moral education and the formation of moral qualities begins in the family and continues in the educational institution and society. During the period of independence of the Republic of Tajikistan, on the basis of the achievements of modern science, measures were taken to educate adolescents and youth and moral education of all of them, and legal documents were developed and approved. The main purpose of the study is to find ways and means of forming moral qualities in youth using the possibilities of national values, in this case, moral qualities were analyzed using national traditions that form the self-consciousness of adolescents. During the study, adolescents, researchers and experts made a number of suggestions regarding their expectations from the educational program.

***Key words:*** *moral qualities, socialization, adolescents and youth, national values, human development, worldview, family traditions, initiative, research program, intellectual energy.*

Фарҳанги ҳазорсолаи тоҷик дар тӯли таърих дар тамоми шаклҳое, ки зуҳур кардааст, ҳамеша тарбияи ахлоқии инсонро дар мадди аввал гузоштааст. Анъана, суннатҳои воло, арзишҳои миллии халқи тоҷик, ки дар давоми қарнҳо ба тарзи ҳаёти мо ворид шудаанд, менталитет ё маҷмӯи сифатҳои онро ташкил медиҳанд. Тарбияи ахлоқи ҳамида ва рафтори мусбати шахс аз давраи кӯдакӣ оғоз гардида, оила дар ин раванд нақши асосиро ишғол менамоянд. Минбаъд тарбияро бо муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеа дар ҳамкорӣ идома медиҳанд.

Дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дастовардҳои илми муосир барои таълими наврасону ҷавонон ва тарбияи ахлоқи ҳамидаи онҳо тадбирҳо андешида мешаванд. «Ҳадафи муҳими низоми маориф, - таъкид мекунанд Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон - тарбияи шахсияти фаъол ва созанда аст. Масъалаҳои дар зеҳну шуури хонандагон ва ҷавонон тарбия кардани эҳсоси худогоҳии миллӣ, худшиносии таърихӣ, истифодаи анъанҳои беҳтарини маорифи миллӣ ва умумибашарӣ, арзишҳои фарҳангию ахлоқӣ, ки то имрӯз барои ноил шудан ба дастовардҳои илму техника ва фарҳанг мусоидат намудаанд, тахти таваҷҷуҳи доимии давлат қарор доранд». [1,15]

Пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2006 - 2010, Барномаи давлатии тарбияи насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017, Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ гардидаанд.

Нахустин санадҳои муҳим, ки мазмуни тарбияи миллиро муайян мекарданд, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 3.03. 2006, №94) мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид. ки муайян намуд. Бояд қайд кард, ки маҳз Консепсияи мазкур моҳият, мақсаду вазифаҳо ва мазмуни сиёсати кунунӣ ва дурнамои давлатро дар соҳаи тарбияи миллии оммаи васеи аҳолӣ, махсусан насли наврасро дар марҳилаи нави таърихӣ ба танзим оварда, нақш ва мақоми онро дар ташаккули шахсияти инсони комил муайян мекунад.

Дар ин маврид академик М.Лутфуллозода чунин қайд намудааст: “Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Ҳамаи шаҳрвандон метавонанд фарзандонро дар рӯҳи анъана ва арзишҳои миллии худ тарбия намоянд, ба шарте ки он хилофи арзишҳои умумидавлатии Тоҷикистон ва манфиатҳои кишвар набошад» [4,415] . Тарбия бояд тамоми паҳлӯҳои ҳаёти наврасон – омӯзиши хислату сифатҳои шоиста, одоби рафтору муносибат, аз ҷумла ахлоқи ҳамида ва муошерати некӯро дар тамоми ҳолатҳои ҳаёти шахсию ҷамъиятии онҳо фаро гирад.

Ин ҷо бисёр мехостем то собит сохта бошем, ки дар ҳақиқат истифодаи дурусти арзишҳои педагогӣ, яъне тарбия ба воситаи таълим, таълим ба мақсади тарбия ва таълиму тарбия барои маълумотноккунонӣ, ки дар маҷмӯ тавлидсози тафаккури инсонӣ мебошанд, метавонанд заминаи ибтидоии пайдоиши шахсиятро ба вуҷуд биоваранд, ки мустақилият дар андешаи хонанда пайдо шуда, асоси интихоби касб, ки муайянсозандаи мақоми инсон дар ҷомеа аст, пайдо мешавад. Яъне истифодаи дурусти тарбия, таълим, маълумот ва инкишоф дар мазмуни таҳсилот асоси пайдоиши заминаи ташаккули шахсият шуда метавонанд, ки ӯ дорои андешаи мустақил ва интихоби дурусти роҳи ояндаи худ мегардад.

Ҷомеаи имрӯзаи мо ва махсусан соҳаи маорифи моро зарур аст, ки бори дигар ба мушкилиҳои соҳаи таълиму тарбия диди нав дошта, ба дурустӣ дарк намояд, ки нахустнумӯи инкишофи соҳаи маориф ин назари тоза ва мақоми сазовор додан ба тарбия дар рӯҳияи арзишҳои миллӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки дараҷаи инкишофи ахлоқии кӯдакон ба синну сол, таъсири методҳои тарбиявӣ, муҳити иҳотакарда вобаста буда, он тамоми умр давом мекунад. Яъне ташаккулёбии сифатҳои ахлоқии шахсият – инсондӯстӣ, хоксорӣ, меҳнатдӯстӣ, интизомнокӣ, рафтори маданӣ, худшиносӣ, ватандӯст инсонгароӣ, таҳаммулпазирӣ ва ғайра аз давраи томактабӣ оғоз гардида, минбаъд зина ба зина идома меёбад. Мақсад ва вазифаҳои тарбияи ахлоқиии кӯдакон дар оила ва муассисисаҳои таълимӣ дар асоси талаботи “Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии кӯдакон муайян карда мешавад. “Тарбия падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ буда, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷамъият хизмат менамояд. Он ҳамчун фаъолияти махсуси мақсадноки инсон барои рушди шахс ва ворид шудани инсон ба ҷараёни зиндагии воқеӣ ва бунёди ҳаёти маданӣ равона карда мешавад. Мақсади тарбия қисми таркибии мақсаду вазифаҳои давлат қарор мегирад, ки барои амалӣ намудани манфиатҳои давлат, ҷомеа ва ҳар як шаҳрванд равона карда мешавад” - омадааст дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [5,23]

Асоси методологии тарбияи ахлоқиро таълимоти фалсафӣ оид ба ягонагӣ ва алоқамандии инсон ва ҷомеа ташкил медиҳад, зеро тарбияи ахлоқӣ ба кӯдак имкони аз худ намудани таҷрибаи зиндагиро фароҳам меорад. Инҷо арзишҳои маънавӣ зери мафҳумҳои адолатпарварӣ, ҳақиқатҷӯӣ, инсонпарварӣ, таҳаммулгароӣ, некӣ кардан ва ғайраҳо дар назар дошта мешаванд, ки дар раванди муошерату муносибат бо муҳити атроф аз худ гардида, оламӣ ботинии наврасро бой мегардонанд.

Асоси тарбия дар оила гузошта мешавад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» бо иқдоми бевоситаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2011 қабул гардид. Амалӣ сохтани ин қонун ва санадҳои дигар ҷидду ҷаҳди якҷояи тамоми табақаҳои ҷомеа ва сохторҳои онро тақозо мекунад. Омӯзиши ахлоқи ҳамида ва одоби муошират як қадаме барои дастёбӣ ба ин ҳадаф ва амалӣ сохтани сиёсати давлат дар тарбияи наврасону ҷавонон мебошад.

Дар ин радиф бо такя ба мероси ниёгон ва баҳрабардорӣ аз арзишҳо ва муқаддасоти дигари миллию умумибашарӣ комёбиҳои назаррасе дар тарбияи ҷавонон ба даст омаданд, ки боз ҳам рушд бахшидани онҳо вазифаи муқаддаси ҳар як фарди ҷомеаи муосир ҳисобида мешавад.

Мусаллам аст, ки тарбияи ҳар як фард аз оила оғоз меёбад. Оила муҳимтарин василаи иҷтимоъсозии шахсият буда, арзишҳои фарҳангӣ, ахлоқӣ, маънавӣ ва ғайраро

интиқол мекунад. Дар оила фарзандон аз падару модари худ тарбия гирифта, онҳоро ҳурмату эҳтиром мекунанд ва дар ин муҳит зиндагиро меомӯзанд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” мафҳумҳои зерин зерин шарҳ ёфтаанд:

1) фарзанди ноболиғ шахсе ба ҳисоб меравад, ки ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидааст;

2) таълим раванди фаъолияти муштараки падару модар, омӯзгор ва муассисаи таълимӣ бахри инкишофи шахсият, истеъдод, малака ва қобилияти фикрию ҷисмонии кӯдак мебошад;

3) тарбия раванди мақсадноки ба воя расонидани фарзанд аз ҷониби падару модар, муассисаи таълимӣ, ҷомеа ва ба зиндагии мустақилона омода намудани ӯст. [2,5]

Падару модар фарзандро бо навозишу меҳрубонӣ ба тарбия фаро мегиранд. Нахустин бор дар бораи наздикон, муҳити атроф, деҳа, ноҳия, шаҳр, Ватан, миллат ва ғайра бохабар мешавед, бо ҳамдигар ва ё хешу табор ва одамони дигар одоби ахлоқ ва муоширaт карданро меомӯзед.

Тадқиқотҳои сершуморе, ки дар доираи педагогика, психология, фалсафа ва як қатор дигар илмҳо гузаронида шудаанд ва ба масъалаи ташаккули инсон ҳамчун шахс марбут мебошанд, нақши муҳими ҷаҳонбиниро дар ин раванд қайд кардаанд. Ҳарчанд ҷаҳонбинӣ дар тамоми ҳаёти инсон ташаккул меёбад, дар ин ҷо марҳилаи муҳим синни наврасӣ ва ҷавонӣ мебошад, зеро ба ин давраҳои синну солӣ ҷустуҷӯи худ, мавқеи худ дар ҳаёт, омӯзиш ва азхудкунии арзишҳо ва қоидаҳои муайяни рафтор дар ҷамъият, шиносой бо маданияти мавҷуда хос аст.

Ахлоқ яке аз шаклҳои махсуси маърифат ба ҳисоб меравад. Ахлоқ ҳамчун маърифат тавассути рафтори одамон аз назари некиву бадӣ танзим мегардад. Вазифаи маърифатии ахлоқ рафторро ба танзим даровардa арзишҳои маънавиро ташаккул медиҳад. Шиносоӣ бо арзишҳои ахлоқӣ баташаккули шахсият ҳамчун инсони хушахлоқу хушмуомила, ботадбиру боандеша таъсир мерасонад. Ин шиносоӣ бояд шуморо ба он ҳидоят намояд, ки дониши дар масъалаҳои ахлоқ гирифтаатонро дар ҳаёти ҳаррӯза мавриди истифода қарор дода, тавассути тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ бояд мутааллиқи кадом миллат, давлати, соҳиби Ватан ва ҳуқуқу озодиҳо будани худро дарк кунад ва онҳоро эҳтиром намояд. Донад, ки вазифаҳои ӯ дар назди давлат, ҷамъият ва оила аз чӣ иборат аст ва бахри иҷрои онҳо ҷидду ҷаҳд намояд.

Муҳити наврасону ҷавонон аксар вақт моро водор мекунад, ки муносибати худро ба арзишҳои мавҷуда аз нав дида бароем. Дар баробари ин, наврасон ва ҷавононе, ки ҳар гуна мафкураи дорои завқи якхела доранд, дар гурӯҳҳои манфиатдор ҷамъ мешаванд, ки баъзан онҳоро зерфарҳангҳо меноманд. Барои муколамаи пурсамар бо насли наврас, калонсолон бояд тасаввурот дошта бошанд, ки наврасону ҷавонон ба чи чизҳо шуғл меварзанд ва ин шавқу завқи онҳо чӣ арзишҳо ва маводро барои фикррoнӣ ва амал дар бар мегиранд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тарбияи наврасону ҷавонон аз рӯи маводи дар китобҳои дарсӣ, дастурҳои методию аёниятҳои таълимӣ ва манбаъҳои илмӣ инъикосёфта бо низоми муайяни педагогӣ сурат мегирад. Дар ин муассисаҳо ба тарбияи миллии хонандагон мутахассисон ва омӯзгорон машғул мешаванд. Бо хатми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сифатҳои миллии насли наврас ташаккул ёфта, қисман ба ақидаю ҷаҳонбинӣ мубаддал мегарданд. Минбаъд донишу малака боз ҳам васеъ гардида, барои азхудкунии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ замина муҳайё мешавад. [3;6]

Вазифаҳои асосии муассисаҳои таълимӣ ин таълиму тарбияи наврасон, аз ҷумла, таҳсилоти иловагии онҳо, таъмини ҳифзи саломатии таълимгирандагон, танзими речаи таълиму тарбияи онҳо буда, як сохтори муҳиме дар ташаккули ҷаҳонбинии таълимгирандагонаш бошад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки тарбияи миллӣ, хусусиятҳои хоси худро дошта, ба ташаккули ҷаҳонбинии наврасону ҷавонон таъсири амиқ мерасонад. Аз ин лиҳоз тарбияи миллӣ дарк ва ифтихори миллии шаҳрвандонро афзун менамояд. Аз ҷумла,

- шаҳрвандон ба қадру қимати арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, рамзҳои давлатию миллӣ мерасанд;

- моҳияти давлати миллӣ дарк шуда, ҳамагон барои ҳифз, ободӣ ва шукуфоии Ватани хеш талош меварзанд;

- маҷмӯи сифатҳои (маънавӣ) мардум сайқал ёфта, ба қадри забони модарӣ, адабиёт, таърих, анъана ва расму оинҳои волои худ мерасанд;

- ҳамкории падару модарон бо муассисаҳои таълимию тарбиявӣ устувор гардида, ошноии онҳо бо асосҳои илми педагогика, тарбия дар оилаҳо тадриҷан пояи илмӣ ва касбӣ мегирад;

- наслҳои ҷавон имконият пайдо мекунанд, ки дар муносибат бо халқу миллатҳои дигар, одоби муоширатро риоя намоянд, забонҳои хориҷиро омӯзанд, дар ҷомеаи муосир мавқеъ пайдо намоянд;

- арзишҳои моддӣ, ахлоқӣ ва зеҳнию маънавии давлату ҷомеа, ки пайвандгари наслҳоянд, шинохтаву ҳифз мегарданд. [7;9]

Масъалаҳои наврасону ҷавонон дар Тоҷикистон паҳлӯҳои мухталиф дошта, аз ҷониби олимону таҳлилгарон равандҳои фикрӣ ва фарҳангии муҳити онҳо ба таври алоҳида омӯхта мешавад, ки он барои шинохти зарфиятҳои мавҷуда ва таҳдиду хатарҳои муосир имкони фарохеро ба миён меорад.

Яке аз ҳадафҳои асосии таҳқиқоти мо - дарёфти роҳу воситаҳои ташаккули сифатҳои ахлоқӣ дар ниҳоди наврасон бо истифодаи имкониятҳои анъанаҳои оилавӣ мебошад. Бинобар он, аз ҷониби мо сифатҳои ахлоқии бо ёрии анъанаҳои миллии ташаккулдиҳандаи худшиносии наврасон таҳлил карда шуд. Дар рафти тадқиқот аз ҷониби наврасон, таҳқиқотчиён ва коршиносон силсилаи пешниҳодҳо оид ба интизории онҳо аз барномаи таълимӣ зикр гардид. Аз ин рӯ, тавсияҳоро ба бахшҳо ҷудо гардиданд, ки танҳо барои омода намудани барномаи таълимӣ ва истифодаи минбаъдаи он пешбинӣ шудааст:

1. Таваҷҷуҳи махсус ба усули таълим дода шуда, ҳар мавзуро бояд мутахассисони соҳа дарс диҳанд. Нуктаи бисёр муҳим интихоби дурусти мавод мебошад, чун аз онҳо чизи бисёр вобаста мебошад.

2. Ҳавасмандии омӯзгорон барои иштирок дар гузаштани дарсҳо. Яке аз роҳҳои беҳтарин ин озмуни кушод дар байни омӯзгорон аст, чун худи хоҳишмандон омодаи иштирок бошанд.

3. Бо муаллимон ва талабаҳо зимни амали намудани барнома аз эҳтиёт бояд кор гирифт. Бо эҳтиёт баррасӣ намудани масъала аз он ҷиҳат муҳим аст, ки ҷаҳонбинии хонандагонро метавонад куллан тағйир диҳад.

4. Дар рафти дарсгузарӣ бештар иттилооти мусбат додан лозим аст, чун ба шаклгирии ҷаҳонбинӣ таъсир мерасонад. Бо истифода аз мавод ба ҷавонон идеалҳои созанда ва мусбатро пешниҳод намудан зарур аст.

5. омӯзгорони дарсгузаранда бояд ба доираи эътимоди хонандаҳо бояд ворид шаванд. Чунки наврасону ҷавонони имрӯза имкониятҳои ниҳоят зиёдро ҳам барои рушд ва ҳам барои вайрон шудан доранд.

6. Ба назар бояд гирифт, ки имрӯзҳо сатҳи рушди психологӣ ва ҷисмонии наврасону ҷавонон аз ҳамдигар зиёд фарқ мекунад. Аз ин рӯ, ҳамдигарфаҳмӣ бояд риоя гардад, чунки дар ин ҳолат вазъ хуб мешавад.

7. Хонандагон ҳаҷми ниҳоят зиёди иттилоотро дар як руз аз худ мекунанд (мутолиаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои гуногун аз тариқи телефон) ва инро бояд ба назар гирифт. Дар бачаҳо қобилияти таҳлилкуниро бояд омӯзонд ва ин малакаро ҳаматарафа бояд рушд дод.

8. Қобилияти ҷавононро аз унсурҳои хурд ба қобилияти баланд бояд равона кард. Масалан, омӯзондани озодона сухан кардан низ аҳамияти худро дорад.

Дар охир бояд қайд, ки аз замонҳои қадим миллати тоҷик соҳиби нерӯи зеҳнию маънавӣ буда, танҳо дар натиҷаи тарбияи комили миллӣ мо метавонем ғановати ин неруҳоро ба нафъи халқу Ватан, рушди тамаддуни башар сафарбар намоем.

Хулоса, арзишҳои ахлоқӣ дар наврасону ҷавонон сифатҳои баланди маънавӣ, ҳувияти миллӣ, инсондӯстӣ, озодандешӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, ташаббускорӣ ва амсоли инро ташаккул дода, онҳоро дар пояи манфиатҳои миллӣ фаъол менамояд. Ҳамчунин, водор менамояд, ки нисбат ба ҳар зуҳуроти манфии ҷомеа аз лиҳози танқид назар кунанд, Ватани хешро дӯст доранд ва манфиатҳои онро ҳифз намуда, чун посдори тамаддуни миллӣ дар рушду нумӯи кишвар саҳмгузор бошанд.

**АДАБИЁТ**

1. Барномаи давлатии тарбияи насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017 (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 г., № 66).

2. Зиёев, И.Ғ. Ахлоқ ва зебоишиносӣ/ И.Ғ. Зиёев, З.И. Зиёева. – Душанбе:Донишварон, 2019.- 480с.

3. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.03.2006, №94 тасдиқ гардидааст). – Душанбе, 2006. – 26 с.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»

5. Лутфуллоев, М. Инсон ва тарбия –Душанбе, 2013. С.414-423.

6. Мирбобоев, М. Ахлоқ ва одоби муошират/М.Мирбобоев, Ф.Рустамова.- Хуҷанд, 2018.-120 с.

7. Раҳимов,Б. Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик /Б.Раҳимов,А.Нуров.-Душанбе: Шарқи озод, 2008.-295 с.

8. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020.(Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №334 тасдиқ шудааст).Душанбе,2012

9. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохурӣ бо олимони кишвар. - Душанбе, 18.03.2020. 26с.

10. Шарифзода, Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва фарҳанги ҷомеа./Ответ.ред.С.Сулаймони; АОТ[Текст]. /Ф.Шарифзода –.Душанбе; 2010.

**ТЕХНОЛОГИЯИ ТАЪЛИМ**
**ТЕХНОЛОГИЯ ОБУЧЕНИЯ**
**TEACHING TECHNOLOGY**

# ҲОЛАТИ МУОСИРИ ТАШАККУЛИ ДОНИШҲОИ ИТТИЛООТИЮ КОММУНИКАТСИОНИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***МИРЗОЕВ Абдулазиз Раҷабович*** *– доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад, 48/5,* ***тел.:*** *+(992) 915 69 88 88*

***ТУЕВ Шоҳин Шоевич*** *– номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи математикаи олӣ ва информатикаи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон.* ***E-mail:*** *Shohin – 8888@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 92 753 19 88*

***САЛИЕВ Одилҷон Қурбонхолович –*** *номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад, 48/5,* ***E-mail:*** *sojliev_ok@ mail.ru,* ***тел.:*** *+(992)988 40 59 79*

Мақолаи илмии мазкур доир ба ҳолати муосири ташаккули донишҳои иттилоотию коммуникатсионии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст. Бояд зикр намуд, ки дар замони тараққиёти технологияи иттилоотию коммуникатсионии мосир донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ бештар ба соҳаи технологияи иттилоотӣ ва технологияи компютерӣ таваҷӯҳ намоянд. Ҳамзамон мутахассисони имрӯзаро зарур аст, ки истифодаи дурусти технологяи иттилоотию коммуникатсиониро пурра аз худ намуда, дар самти фаъолияти касбӣ интихоб намудаашон татбиқ намоянд.

***Вожаҳои асосӣ:*** *технологияи иттилоотӣ, технологиҳои муосир, компютерҳо, низомҳои ҳамгиро, алоқаҳои симӣ, дастгоҳҳои видеоӣ, интернет, кибернетика, методика.*

# СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ ФОРМИРОВАНИЯ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ЗНАНИЙ СТУДЕНТОВ ВЫСШИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***МИРЗОЕВ Абдулазиз Раджабович*** *– доктор педагогических наук, профессор, заведующий кафедрой программирования и интеллектуальных систем Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, г. Душанбе, ул. Борбад, 48/5,* ***тел.:*** *+(992) 915 69 88 88*

***ТУЕВ Шохин Шоевич*** *– кандидат педагогических наук, заведующий кафедрой высшей математики и информатики Горно-металлургического института Таджикистана,* ***E-mail:*** *Shohin – 8888@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 92 753 19 88*

***САЛИЕВ Одилджон Курбонхолович*** *– кандидат педагогических наук, доцент кафедры программирования и интеллектуальных систем Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, г. Душанбе, ул. Борбад, 48/5,* ***E-mail:*** *sojliev_ok@ mail.ru,* ***тел.:*** *+(992)988 40 59 79*

Данная научная статья посвящена современному состоянию формирования информационно-коммуникационных знаний у студентов высших учебных заведений Республики Таджикистан. Следует отметить, что в эпоху развития современных информационных и коммуникационных технологий студентам высших учебных заведений страны следует уделять больше внимания сфере информационных технологий и компьютерных технологий. При этом современным специалистам необходимо в полной мере овладеть правильным использованием информационных и коммуникационных технологий и применять их в выбранной сфере своей профессиональной деятельности.

***Ключевые слова***: *информационные технологии, современные технологии, компьютеры, интегрированные системы, проводная связь, видеооборудование, интернет, кибернетика, методология.*

## THE CURRENT STATE OF THE FORMATION OF INFORMATION AND COMMUNICATION KNOWLEDGE OF STUDENTS OF HIGHER PROFESSIONAL INSTITUTIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***MIRZOEV Abdulaziz Rajabovich*** *– Doctor of Pedagogical Sciences, Professor, Head of the Department of Programming and Intelligent Systems, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Dushanbe, st. Borbad, 48/5,* ***phone:*** *+(992) 915 69 88 88*

***TUEV Shohin Shoevich*** *– candidate of Pedagogical Sciences, Head of the Department of Higher Mathematics and Informatics of the Mining and Metallurgical Institute of Tajikistan.* ***E-mail:*** *Shohin – 8888@mail.ru,* ***phone:*** *+(992) 92 753 19 88*

***SALIEV Odiljon Kurbonholovich*** *– candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Programming and Intelligent Systems of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Dushanbe, st. Borbad, 48/5.* ***E-mail:*** *sojliev_ok@ mail.ru,* ***phone:*** *+(992)988 40 59 79*

This scientific article is devoted to the current state of the formation of information and communication knowledge among students of higher educational institutions of the Republic of Tajikistan. It should be noted that in the era of development of modern information and communication technologies, students of higher educational institutions of the country should pay more attention to the field of information technology and computer technology. At the same time, modern specialists need to fully master the correct use of information and communication technologies and apply them in the chosen field of their professional activities.

***Key words:*** *information technology, modern technologies, information society, information technology tools, computers, integrated systems, software, computer information networks, science and technology, Internet, methodology.*

Дар охири қарни XX ва оғози қарни XXI нақши ТИК, таҳсилот, донишҳо ва иттилоот дар инкишофи ҷомеа меафзояд. Оғози давраи иттилоот ба шароитҳои «иқтисодиёти глобалии иттилоотӣ» вобастааст, ки дар он марҳилаи навбатии инқилоби технологӣ ва оромонаи иҷтимоӣ ба амал омада, ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ба амал меояд. Дар ин шароитҳо қишри босаводи ҷомеа- касбӣ ва аз назари иттилооти таҷрибадор ба вуҷуд меояд.

Бинобар ақидаи донишмандон тасдиқ мекунанд «иттилоот чизи бисёр махсусе аст» ва дар бораи нақши махсуси он дар ҷаҳони муосир донишманди рус А. Лактионов чунин мегӯянд:

«Ҷомеаи иттилоотӣ – иборае мебошад, ки шарҳу тафсирро талаб мекунад. Ин ибораро на танҳо мутахассисон, балки дар матбуоти даврӣ низ ба таври васеъ истифода мебаранд ва вазъияти ояндаи ҷомеаро бо он алоқаманд медонанд. Аммо ба ҷузъ аз гуфтаҳо дар бораи нақши афзояндаи технологияи иттилоотӣ имрӯзҳо вазъият зиёд тағйир накардааст. Ҳар касе, ки истилоҳи «ҷомеаи иттилоотӣ» - ро истифода мекунад, онро ба тарзи худ мефаҳмад ва аз он ки чӣ тавр одамон онро қабул карда, шарҳу тафсир мекунанд, характери инкишофи ҷомеаи муосир вобастагӣ дорад» [1, с.357], - чунин қайд мекунад.

Истилоҳи «ҷомеаи иттилоотӣ» аввалин маротиба соли 1966 дар Япония пайдо шудааст ва аз тарафи гуруҳи махсуси ҳукумати Япония доир ба масоили илмӣ, техникӣ ва таҳқиқотҳои иқтисодӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Мутахассисони ҷопонӣ, ки дар соҳаи инкишофи иқтисод кор мекунанд, ин истилоҳро барои тавсифи ҷомеае, ки дар он ҷо ҷараёни калони иттилооти босифат мечархад ва ҳамаи воситаҳо барои нигоҳдорӣ, пахш ва истифодаи он мавҷуд мебошад, мавриди истифода қарор додаанд. Дар айни ҳол нархи истифодаи хадамоти иттилоотӣ на он қадар зиёд мебошад ва тақрибан барои ҳама дастрас мебошад.

Дар оғози солҳои 60-уми қарни XX мутахассиси амрикоӣ Ф.Махлуп иттилоотро ҳамчун маҳсулоти саноатӣ ва истеҳсоли онро як намуди индустрияи саноатӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҷопониҳо ҳамчун мубалиғони фаъоли ғоя дар бораи моҳияти саноатии иттилоот, тамоми сайъу талошро ба харҷ доданд, ки онро дар муборизаи рақобатнок дар  бозори ҷаҳонӣ мавриди истифода қарор диҳанд.

Дар адабиёти Ғарб дар айни замон андешае афзалият дорад, ки ташаккули техникаи ҳисоббарор ва иттилоотӣ пойгоҳ барои инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Дар айни ҳол, нишонаҳои дигаре ҳам ишора карда мешаванд: ҷаҳонишавии иттилоот; раванди иттилоотонӣ сарфи назар аз марзҳои давлатӣ ва монеаҳои гуногун сурат мегирад; ба пахши озодонаи иттилоот ҳар гуна маҳдудкуниҳо таъсир мерасонанд, ки зарари муайяне ба давлат ворид мегардад; ба таври назаррас иқтидори ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ, интиқоли иттилоот ва дастрасӣ ба он меафзояд; иттилоот  ба соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти инсон таъсир мерасонад; раванди марказгурезии ҷомеа авҷ мегирад; «раванди ташаккули захираҳои меҳнатӣ аз ҳисоби афзоиши ба кор машғул будагон дар индустрияи иттилоотӣ авҷ мегирад [2, с. 32].

Олимони рус чандин маротиба ба масъалаи ҷомеаи иттилоотӣ муроҷиат карда, якчанд намуди таърифҳоро пешниҳод кардаанд. Барои мисол, А.И. Ракитов менависад «Ҷомеаи иттилоотӣ – ҷомеае мебошад, ки дар он ҳамаи воситаҳои технологияи иттилоотӣ, яъне компютерҳо, низомҳои ҳамгиро, алоқаҳои симӣ, моҳворавӣ ва хели дигари алоқаҳо, дастгоҳҳои видеоӣ, таъминоти барномавӣ, таҳқиқотҳои илмӣ ба он равона карда шудаанд, ки ахборро дастраси умум карда, ба таври фаъол вориди истеҳсолот ва ҳаёт намоянд» [3, с. 11].

Мутобиқ ба гуфтаҳои А.И. Ракитов меъёри асосии ҷомеаи иттилоотӣ миқдор ва сифати дар гардиш қарордоштаи иттиллоот, самаранокии интиқол ва коркарди он мебошад. Меъёри на камтар муҳим он аст, ки иттилоот барои ҳама ба хотири нисбатан арзон буданаш дастрас мебошад. Теъдоди зиёди одамон аз соҳаи истеҳсолоти маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ ба соҳаи истеҳсол ва пахши ахбор гузашта истодаанд, яъне иқтисодиёти махсуси иттилоотӣ тавлид шуда истодааст, ки барои давлатҳои аз назари иқтисодӣ тараққикарда нақши муҳим мебозад. Дар айни ҳол ду бахш ҷудо шуда меистад, ки яке маҳсулоти иттилоотӣ ва хадамот барои истеъмолро омода мекунад, дигарӣ бошад, барои истеҳсоли дигар маҳсулотҳо. Ҳамин тариқ, бахши иттилоотии иқтисодиёт аз рӯи теъдоди ашхоси дар ин соҳа машғул буда, ба ҷойи аввал мебарояд.

Дар навбати аввал И.Н. Курносов қайд мекунад, ки бо ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ муносибатҳои наве дар ҷараёни истеҳсолот ва фаъолияти иҷтимоӣ роҳандозӣ мешаванд; қисмати назарраси ММД дар бахши иттилоот ҷамъоварӣ карда

мешавад, ки дар ин ҷо хислати иттилоотии меҳнат бартарӣ дорад; методикаҳои интерактивии иттилоотию коммуникатсионӣ, шабака ва технологияҳои маҳаллӣ ва глобалии компютерӣ дар ҳаёт татбиқ мегарданд; имкониятҳои ҷадиди иртиботӣ ба ҳамкории мутақобила ва ифодаи иродаи сиёсии ҷомеа, гуруҳҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад; нақши давлат бо иқтидори калони иттилоотӣ меафзояд.

О.А. Финко бо Ю.М. Нестеров ҷомеаи иттилооттиеро пешниҳод мекунанд, ки дар ҳар як хона компютери фардии пайваст ба шабакаҳои фаромарзии иттилоотӣ мавҷуд мебошад, ки барои ҳар як аъзои ҷомеа дарёфти иттилооти пурра ва саҳеҳ бидуни маҳдудият бо кӯмаки шабакаҳои фаромазӣ дастрас мебошад. Дар айни ҳол фаъолияти ВАО мутобиқ ба шакли ташкилшавӣ ва пахши иттилоот тағйир ёфта, ба таври комил ба шабакаҳои иттилоотии компютерӣ вобаста мешавад. Бо васеъ шудани майдони иттилоот марзҳои ҷуғрофиёӣ ва геополитикии давлатҳо мунҳал мегардад ва бо таваҷҷуҳ ба ин падида, зарурати ҳамоҳангсозии қонунгузориҳо арзи вуҷуд мекунад. Бо ҷорӣ намудани шабакаҳои иттилоотӣ фаъолият дар соҳаи маориф, илм, фарҳанг ва тиб ба таври кардиналӣ тағйир меёбад [4, 114 - 124].

Ҳамин тариқ, мо бо андешаи А. Лактионова мувофиқем, ки «хислатҳои асосии ҷомеаи иттилоотӣ инҳо мебошанд:

1) Омили муайянкунандаи ҳаёти иҷтимоӣ дар маҷмӯъ донишҳои илмӣ мебошанд. Онҳо меҳнат (меҳнати дастӣ ва механиконидашуда) – ро дар нақши омили қимати коло ва хадамот танг карда мебароранд. Вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии сармоя ба иттилоот интиқол ёфтаанд. Дар натиҷа ҳастаи ташкилоти иҷтимоӣ, ниҳоди асосии иҷтимоии донишгоҳ ҳамчун маркази истеҳсолӣ, коркард ва ҷамъоварии донишҳо мешавад. Корпаратсияи саноатӣ нақши асосиро аз даст медиҳад;

2) Сатҳи донишҳо, на балки моликият, омили муайянкунандаи тафриқаи иҷтимоӣ мешавад. Ҷудо кардан ба «дорандагон» ва «нодорон» хислати ба таври принсипиалӣ нав касб мекунад: қишри афзалиятнок хабардорҳоро ба вуҷуд меоварад, дар сурате, ки онҳое, ки хабар надоранд – ин «камбизоатони нав» мебошанд. Дар навбати худ, маркази мунохишаҳои иҷтимоӣ аз соҳаи иқтисодӣ ба соҳаи фарҳанг интиқол меёбад. Натиҷаи мубориза ва ҳаллу фасли мунохишаҳо инкишофи ниҳодҳои нави иҷтимоӣ ва аз байн рафтани ниҳодҳои қаблӣ мешавад;

3) Сохтори ҷомеаи иттилоотӣ техникаи нави «зеҳнӣ» мебошад, на «механикӣ». Ташкилоти иҷтимоӣ ва технологияҳои иттилоотӣ «симбиоз» -ро ба вуҷуд мmovаранд. Ҷомеа ба «давраи технотронӣ» ворид мешавад (З. Бжезинский) вақте ҷараёнҳои иҷтимоӣ барномарезишуда».

Рушди илму-техника ба инкишофи босуръат ва тавзеъ шудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мусоидат мекунад. Ба таври дигар гӯем, инқилоб ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёт ва фаъолияти ҷомеа таъсир мерасонад, иттилоот ва дониш захираҳои ба таври худ стратегияи давлат мешаванд, ки аз рӯи ҳаҷми истифода шуданашон бо истифодаи захираҳои анъанавӣ баробар шуда, дастрасӣ ба онҳо шарти асосии инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодӣ мегардад. Ин омил ҳангоми ҳамгироии глобалӣ дар иқтисодиёт ба шуур, фарҳанг, муносибати байналмилалии ҳамагон таъсир расонда, ба ҷомеаи иттилоотии глобалӣ оварда мерасонад.

Инқилоби иттилоотӣ, ки ҷаҳонро тағйир медиҳад, зиддият ва масъалаҳои навро ба вуҷуд меоварад. Аз он ҷумла: нобаробарии рақамии кишварҳо ва манотиқ, танзими қонунии шабакаҳои интернет, савдои электронӣ ва андозбандӣ дар ин соҳа, моликияти зеҳнӣ, таъмини амният ва махфияти иттилоот, риояи озодии сухан, сензура дар ҷаҳони глобалии компютерӣ ва амсоли инҳо.

Ба ҷузъ аз ин, боз тарафи манфии инкишофи интернет вуҷуд дорад, ки он бо маводи хатарзо барои пояҳои ахлоқӣ дар шабака алоқаманд мебошад. Ба ҷузъ аз ин, шабакаи Интернет ҳамчун мубалеиғи маводи ҷаҳони ҷинояткорон хизмат мекунад, ки дахолати мустақими давлатро барои қабули қонунҳои лозима талаб мекунад. Бо

дарназардошти характери глобалии шабакаи Интернет ҳаллу фасли ин масъала дар чаҳорчӯбаи ҳамкориҳои байналмилалӣ барои қабули чораҳои муносиб ҷиҳати танзими ин ҷараён қарор дорад. Набудани чаҳорчӯбаҳои ягонаи қонунӣ дар ҷаҳон ба савдои электронии зудташаккулёбанда имкониятҳои бемаҳдуд медиҳад. Ба ҷузъ аз ин, масъалаҳои ҳифзи моликияти зеҳнӣ, махфият ва амнияти иттилоотӣ, ҳуқуқ ба барчаспҳои тиҷоратӣ, масъалаи андоз ва тааруфаҳо дар соҳаи иттилоот ва соҳаи қарзию молиявӣ арзи вуҷуд мекунанд. Масъалаи дигари муҳим ин монеаи забонӣ мебошад, ки ба ташаккули раванди глобалии иттилоот монеа эҷод мекунад. Афзалият (дар шабакаи Интерет) ба забони англисӣ дода мешавад, дар сурате, ки ахбори муҳим бо забонҳои дигар низ вуҷуд дорад. Дар ин робита масъалаи иртибототи байнизабонӣ барои иқтидори номаҳдуди Интернет ҳамчун канали аслии муошырати байналмилалӣ ба вуҷуд меояд.

Ҳамзамон, дар соҳаи технологияҳои нави иттилоотию коммуникатсионӣ ва дар соҳаҳои фарҳанг хатарҳои нави воқеии иттилоотӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд, ки ба шуури инфиродӣ ва иҷтимоӣ таъсир мерасонанд.

Боз масъалаҳои дар боло зикршуда, мустақиман ба инкишофи Интернет алоқаманд буда, дар ҷомеаи муосир масъалаҳои коҳиши фарҳанги тафсир ва дарки матнҳои катбӣ ошкор карда мешавад, чунки воситаҳои ахбори омма масъалаҳои назариявиро матраҳ намекунанд.

Ҳамин тариқ, ба хотири характери глобалӣ доштани шабакаи Интернет дар соҳаи иттилоотонии ҷомеа ба сархатти аввал масъалаҳои зеҳнисозии он, ташаккул ва ҷорӣ намудани технологияҳои нави иҷтимоӣ, ки бар пояи истифодаи самараноки захираи калидии стратегии ҷомеа – дониш асос меёбад, мебароянд.

Гарчанде, ки зид ва муқобил ҳам бошад, аз нуқтаи назари файласуфон дар оғози қарни XXI бо ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ дар ҳаёти инсон дур шудани аҳолӣ аз ҷомеаи иттилоотӣ ба амал омада истодааст. Дар ҷаҳони муосир миқдори кофии иттилоот мавҷуд мебошад, ки он нақши калон мебозад, аммо ин маънои онро надорад, ки дар ҷаҳони муосир дониш қувва маҳсуб ёбад.

Барои мафҳуми иттилоот ва чӣ нақшаеро вай дар ҷаҳони муосир мебозад, «хабар» (message)-ро фарқ кардан лозим аст, ки вай «ашё» маҳсуб меёбад, яъне маҳсули интиқолшаванда, ки вай маҳсули фаъолияти зеҳнии инсон мебошад; шарҳ – ин «андеша», яъне дониши касбшуда мебошад; коммуникатсия – ин фақат амалиёти интиқол, намоиш мебошад. Аммо дар ҷомеаи муосири мо, бахусус амалиёти намоишдиҳӣ – звенои муайянкунандаи афзалиятнок дар сегонаи хабар-коммуникатсия-тафсир мебошад» [5, с 357].

Дар ҷаҳони муосир мавҷудияти маҳсулоти зеҳнӣ ва дониш дар қиёс бо давраи антиқа ва ё асрҳои миёна камтар намебошад, аммо имрӯзҳо технологияҳои коммуникатсионӣ ва интиқоли маҳсулоти зеҳнӣ тавасути ВАО, радио, телевизион, маърӯзаҳо ва амсоли инҳо дар низоми таҳсилоти умумӣ, инчунин шабакаи Интернет – ҷомеаи муосири иттилоотию иртиботиро характернок мекунад, ки нақши асосӣ ба коммуникатсия тааллуқ дорад, на ба донишҳо.

Бо таваҷҷуҳ ба ин, мутобиқ ба таҳқиқотҳои охирини донишманди математика Д.В. Иванов: «иттилоот – ин коммуникатсия, амалиёти намоишдиҳии символҳое мебошад, ки ба фаъолият водор мекунад» [6, с.11].

Ба ин таъриф такя карда метавон мушаххас намуд, ки падидаи асосии инқилоби компютерӣ дар чӣ мебошад – ин Интернет аст, на бонки электронии маълумотҳо ё интеллекти сунъӣ. Дар шабакаи Интернет имконоти амалӣ намудани иртиботот садҳо маротиба меафзояд, дар айни ҳол ҳеҷ гуна донишҳое ташаккул намеёбад.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи инқилоби техникӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ тавассути сохтани шабакаи глобалии Интернет дар ҷомеа барои инсон яке аз масоили иттилоотӣ–ҳукумати махсуси тамаддун ва саводнокӣ ошкор гардид. Бешубҳа, воситаҳои муосири

технологияҳои иттилоотӣ бо истифодаи дастаҷамъонаи онҳо тамоман типи нави ҳаёту фаъолияти касбии одамро бо дарназардошти иқтидори бесобиқаи инкишофи илмӣ-техникӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ ташаккул медиҳанд.

Ҷомеаи муосири иттилоотӣ ба низоми маориф талаботи махсус пешниҳод намуда, дар пеши он вазифаҳои зеринро мегузорад:

- дар ҷомеа ташаккул додани сатҳи баланди донишҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;
- аз худ кардани методикаи илмӣ ва тарзҳои амалии истифодаи таҳлили ситемавӣ дар муайян ва ошкор намудани роҳҳои ҳаллу фасли муноқишаҳои иҷтимоӣ, ташаккули усули вижаи тафаккур барои дарки ҷараёнҳои ҷории иттилоот дар ҷомеа;
- шахсияти иттилоотию коммуникатсионӣ ва иттилоотию каммуникатсиониро дар соҳаи истеҳсолӣ инкишоф додан.

Бо дастрасӣ ба ин мақсадҳо дар донишҷӯён фарҳанги иттилоотӣ, аз он ҷумла малакаҳои ҷустуҷӯ, коркард, идрок, фаҳмиш ва истифодаи иттиллоот низ ташаккул меёбад.

Инкишофи динамикии ҷараёнҳои иттилоотӣ шахсиятро ба омодагии мақсаднок барои зиндагӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ ҳидоят мекунад. Ин масъалаҳо аз тарафи файласуфон, сотсиологҳо, равоншиносон, забоншиносон ва фарҳаншиносон мавриди таҳқиқ карор мегиранд.

Консепсияи умумии донишҳои иттилоотию коммуникатсиониро донишмандон чунин пешниҳод мекунанд: «маҷмӯи донишҳои ба низом даровардашуда, маҳоратҳо, малакаҳо, фаъолияти иттилоотии ба қонеъ гардонидани талаботҳои касбӣ ва ғайрикасбӣ равона карда шуда» [7, с.99].

Пас дар ин ҷо мафҳуми «иттилоот» ҳамчун «инъикоси гуногунӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба воситаи талаботи донистани асосҳои донишҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, малакаҳои ҳамкории иттилоотии ихтисоси мушаххаси самти иҷтимоӣ-гуманитарӣ ва табиӣ-илмии мутахассисони тахассуси олӣ муайян мегардад.

Ҳар гуна самтҳои донишҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар таҳқиқотҳои донишмандони зерин, аз қабили Г.Г. Воробёв, Р.С. Гиляревский, Л.Н. Коган мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ки тамаддуни иттилоотиро ҳамчун «буриши амудӣ»-и ҳамаи фарҳанг, ки ба низоми он «нуфуз» пайдо мекунад, таҳлил кардаанд [8; 9;2,с. 42].

Дар таҳқиқотҳои Бар-Хиллел, А.И. Михайлов; А. Чёрний, Р. Карнап, Ю. Шрейдер контент-таҳлил барои арзёбии иттилоот, бо таваҷҷуҳ ба назарияи семантикии иттилоот пешниҳод мегардад [10; 11; 18].

Ю.М. Лотман дар таҳқиқоти худ зикр мекунад, ки тасаввуротҳои илмӣ дар бораи донишҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба инкишофи таҳқиқотҳои семиотикӣ, ки ба кушодани мазмуни объективии тартиби нишонаҳо, хусусиятҳои дарки он дар ҷараёни иртиботот ва намоишдиҳӣ алоқаманд мебошад, мутамарказонида шудааст [12].

Барои донишҳои иттилоотию коммуникатсионӣ донистани сифатҳои асосии иттилоот, ки бо меъёрҳо ба нақша даровард шуда ва дар се категория ҷамъоварӣ карда шудаанд, дар назар мебошад:

«**Сифатҳои атрибутӣ** – ин сифатҳое мебошанд, ки бидуни онҳо ахбор вуҷуд дошта наметавонад. Ба ин категорияи хислатҳо тааллуқ доранд: пайдарҳамӣ, дискретӣ, пайвастагии иттилоот аз барандаи ҷисмонӣ, табиати забонии иттилоот;

**Сифати прагматикӣ** – ин сифат бо дараҷаи фоиданокии иттилоот барои истифодабаранда, истеъмолкунанда ва амалӣ характернок мебошад. Ба ин категорияи сифатҳо маъно, навгонӣ, фоиданокӣ, арзишнокӣ, кумултятивӣ, пуррагӣ, дурустӣ, мувофиқӣ, дастрас будан, мубрамият, объективият ва субъективият хос мебошад;

**Сифатҳои динамикӣ** – инҳо сифатҳое, ҳастанд, ки тағйирёбии иттилоотро дар вақт инкишоф ва куҳна шудани иттилоот нишон медиҳанд [13, с. 22].

Дар айни замон масъалаи махсуси мубрам истифодаи донишҳои назариявии саводнокии иттилоотию коммуникатсионӣ дар амалияи таҳсилот мебошад. Таҳқиқотҳои донишмандони Ғарб ба «гардиши» когнитивӣ дар солҳои 70-ум ва 90-уми қарни XX ишора мекунанд, вақте навовариҳои иттилоотию технологӣ ба фаъолияти зеҳнӣ таъсир расонданд, дар натиҷа муттаҳид шудани маълумотҳои дискретӣ ба мақсадҳои маърифатӣ ва илмӣ ба амал омаданд.

Санадсозии иттилоот шарти аввалини ҳифзи сарчашма, шуруъ аз навъҳои алтернативӣ ва шакли санадҳо, таърифҳои алтернативии истилоҳи «иттилоот» мебошад. Ҷорӣ шудани ин амалро ба императори Россия Петри I мутааллиқ медонанд. Аз назари таърихӣ ба вуҷуд омадани шаклҳои мустанади ҳуҷҷатҳои гуногунандоза ва якандоза, мафҳуми аввалиндараҷа ва дуюминдараҷа, чопшуда ва чопношуда, голографӣ ва аудио-визуалӣ асоснок карда шудааст.

Консепсияи донишҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дорои мафҳуми «режими иттилоотӣ» мебошад, ки дар худ ҷараёни иттилоотӣ, ҷараёни аппликатсияҳо дар вақт ва фазо, дараҷаи шавшуви иттилоотӣ, ритм ва гуногунрангиро низ доро мебошад.

Ҳангоми режими муносиби ҷараёни иттилоот аз худ кардани идеалии он ба амал меояд ва донишҳои иттилоотию коммуникатсионӣ зимни таҷҳизи хуби техникӣ ба сатҳи баланд мутобиқат хоҳанд кард.

Таснифи илмии иттилоотӣ ва амалие, ки аз тарафи олимони зерин Г.Г. Воробев, А.Д. Урсул, О.В. Елчанинова ва дигарон пешниҳод карда мешавад, зимни аз худ кардани иттилоот ба монеаҳо ишора мекунад. Монеаи асосӣ теъдоди нокифояи воситаҳои техникӣ барои тезонидан ва муносибсозии раванди иттилоотӣ мебошад.

Мутахассиси маъруф дар соҳаи кибернетикаи иҷтимоӣ доктори илмҳои техникӣ, профессор, аъзои Озмоишгоҳи миллии хислати ИМА Г.Г. Воробев қайд мекунад: «ба истифодаи фаъоли аксари бонки маълумотҳои низомҳои глобалӣ ва минтақавии иттилоотӣ суст донистани забонҳо низ монеа мешавад» [8, с. 164].

Масалан, истифодабарандагони низомҳои иттилоотӣ дар ҷаҳон, аз он ҷумла дар Тоҷикистон монеаҳои иқтисодиро ҳам дар сатҳи хусусӣ ва ҳам дар сатҳи давлатӣ ба иллати як қатор сабабҳо эҳсос мекунанд, аз он ҷумла: кофӣ набудани воситаҳои молиявӣ, ки ба истифода ва пахши ахбор музоҳимат эҷод мекунанд; омӯзонидани мутахассисон дар соҳаи истеҳсолот, интиқол ва истеъмоли ахбор. Барои такмили донишҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва таҳияи назариявӣ дар низоми иқтисодиёти иттилоотӣ, ҳуқуқ, география, топография, лингвистика, психология ва дигар самтҳои калон омода кардани корҳои методологӣ ва назариявӣ рафта истодааст. Барои пайдо кардани иртибот бо иттилоотонии ҷомеа аксари муҳаққиқон дар бораи табдил додани ахбор ба мол ва сохтани иқтисодиёти иттилоотӣ сухан мегӯянд, яъне дар ҷаҳони муосир ахбор ба моли бисёр муҳим табдил ёфтааст. Иттилоот аз рӯи арзишнокии худ бисёр нодир аст, чунки метавон онро якчанд маротиба мавриди истифода қарор дод ва дорои арзиши аслӣ ва арзиши истеъмолӣ мебошад. Дар навбати худ ҷараёнҳои иттилоотӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ таҳияи санадҳои меъёриеро талаб мекунанд, ки ҳуқуқи истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони иттилоотро ҳифз намояд. Ҳангоми таҳлили донишҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ду ҷанбаи асосӣ вуҷуд дорад, ин – дастрасии бидуни марзӣ ба иттилот ва риояи ҳуқуқҳои муаллиф.

Дар марҳилаи кунунии инкишофи ҷомеа ҳуқуқи иттилотӣ то ба охир таҳия карда нашудааст, чунки истилоҳҳои ягонае, ки мазмуни онро муайян кунад, вуҷуд надорад. Масалан, баъзан дар зери мафҳуми «иттилооти ҳуқуқӣ» истилоҳи «ҳуқуқи иттилоотӣ»-ро дар назар доранд, ки ҳам аз назари соҳаҳои мавзӯи иттилоот ва ҳам аз назари ҳуқуқ фарқ мекунанд.

Зимни ҷараёнҳои глобалии муосир дар чаҳорчӯби донишҳои иттилоотию коммуникатсионӣ маҷмӯи асноди муташаккил ва дастрас ва ҷараёни ахбор бо бартарии донишҳои иттилоотии географӣ ва топографӣ ҳоизи аҳамият мегарданд. Ин амал ба

истиқрори соҳаи низоми иттилоот, омӯзиши навъҳо ва типи асноди дар бонкҳо захиршуда, ташаккули ташкили оқилонаи ҷустуҷӯ мусоидат мекунад.

Ҷустуҷуйи иттилоот ба воситаи низомҳои анъанавӣ ва автоматикунонидашудаи ҷустуҷӯйи ахбор, ки дорои типҳои гуногуни ҷустуҷӯ мебошанд, амалӣ карда мешавад. Дар айни ҳол доштани тасаввури умумӣ дар бораи принсипҳои тасниф, банизомдарорӣ, индексатсия, ҷустуҷӯйи иттилоотии забонӣ ва хусусиятҳои истифодаи онҳо зарур мебошад.

Дар низоми мавҷудаи каталогӣ дар ҷустуҷӯйи қолабии механикӣ маҳалли ҷойгиршавӣ, миқдори нусхаҳо, формат, ҳаҷми чоп ва маълумотҳои хронологии асноди зарурӣ муайян карда мешавад. Имрӯзҳо самти мустақилонаи илмие мавҷуд мебошад, ки иқтидори имконпазири семантикӣ ва мантиқии низоми иттилоотию ҷустуҷӯйиро муайян мекунад.

Муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар муҳокима бо ҳам мувофиқанд, ки таҳлили мантиқии гуногунии инсон масъалаи марказии психофизиология мебошад. Хусусияти психофизиологии алоқаи иттилоотӣ бар рӯйи се унсур асос меёбад: 1- идрок ҳамчун ҷараёни қабул ва коркарди иттилоот; 2- азхудкунӣ; 3 – пушти сар кардани монеаи психологӣ. Инчунин ба ин муоширатро изофа мекунем – падидаи иҷтимоие, ки дар нақши механизми интиқоли ахбор баромад мекунад. Зимни ташаккули шароитҳои оптималӣ барои муошират то ҳадди ақал унсурҳои муоширати дурӯғин ё ахбори носаҳеҳ истисно карда гардида майдони иттилоотии мушобеҳ пайдо карда мешавад.

Ҷомеаи муосир, ниҳоят авлавияти дорандаи дастрасӣ, коркард, пахш ва нигоҳдории ахборро дар ҳама гуна соҳаи фаъолият эътироф мекунад. Барои мисол, Ф.Ф. Шарипов ба хулосае омадааст, ки: «набудан ва нокифоягии иттилоот дар ҳама гуна навъи фаъолият ба оқибатҳои бисёр ногувор, шомили талафи ғайриистеҳсолии воситаҳои моддӣ ва кӯшишҳои зеҳнӣ, мушкилоти интихоби асосноки роҳҳои оптималии ҳаллу фасли вазифаҳои илмӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ; набудани асоси муътабар барои арзёбии объективонаи натиҷаҳои таҳқиқот ва таҳияҳо вобаста мебошад. Барои ҳаллу фасл кардани ин вазифа низоми таҳсилоти муттасил пешниҳод шудааст, ки дар қатори ҳамаи ниҳодҳои иҷтимоӣ асоси аввалия инкишофи иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва маънавии ҷомеа мебошад» [2, с. 134].

Дар низоми муосири маориф ба таври мустақилона аз худ кардани донишҳои нав, ҷиҳати инкишофи маҳоратҳои эҷодӣ, маҳорати ба таври креативӣ фикр кардан ва ташкили худомӯзӣ ҷамъоварӣ карда шудааст. Татбиқи курси хислати байнифаннидошта дар раванди таълим, аз он ҷумла глобалистика, синергетика ва донишҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ба дастрасии бомуваффақияти «самараи таълимӣ ва инкишофёбанда дар ташаккули шахсият» мусоидат мекунанд [2, с. 46], раванди маърифатӣ бошад, таҳияи методикаҳо ва методҳои синтези иқтидори иттилоотӣ, намоишӣ ва интерактивӣ, технологияҳои компютерӣ ва Интернетро дар назар дорад.

Дар мазмуни барномаҳои муосири таълимӣ ба инкишофи донишҳои иттилоотию коммуникатсионии шахсият ду муносибат муайян карда шудааст. Якум – «иттилоотӣ», ки дар ин ҷо «иттилоот» маънои афзалиятнок касб мекунад. Дуюм «фарҳангшиносӣ», ки дар ин ҷо «фарҳанг» маънои афзалиятнок касб мекунад.

Ҷонибдорони муносибати иттилоотӣ – муҳаққиқон С.А. Бешенков, А.А. Гречихин, А.П. Ершов, Г.Г. Воробев, А.А. Кузнетсов, В.З. Коган, Н.В. Макарова, В.А. Уханов, Е.А. Ракитина ва дигарон фаъолияти иттилоотиро ҳамчун маҷмӯи донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва таҳлили иттилоот мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Ҷонибдорони муносибати фарҳангии донишиҳои иттилоотию коммуникатсионии шахсият – И.С. Арнолдов, Н.И. Гендина, М.Г. Вохришев, Н.Б. Зиновев, И.А. Горлов,

Ю.С. Зубов ва В.А. Фокеев ҳаёт ва фаъолияти инсонро дар ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун унсури ҷараёни инкишофи фарҳангии ҳамаи инсоният мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Мутобиқ ба андешаи С.Н. Лапина «Вақтҳои охир равияи дар шакли мукаммал баррасӣ намудани донишҳои иттилоотию коммуникатсионии шахсият аз мавқеи ҳамгироии он бо компонентҳои фарҳангшиносӣ тақвият меёбад. Дар натиҷаи ин иттилооти фарҳангӣ ҳамчун яке аз уфуқҳои донишҳои умумиинсонии алоқаманд ба табиати иҷтимоии инсон, ки маҳсули маҳоратҳои гуногуни эҷоди ӯ маҳсуб меёбад, мавриди баррасӣ қарор мегирад» [1, с. 117].

Як қатор муҳаққиқон донишҳои иттилоотию коммуникатсионии шахсиятро ҳамчун низоми дараҷагӣ тасаввур мекунанд, ки дар тӯли вақт инкишоф меёбад. Масалан, А. Атаян донишҳои иттилоотию коммуникатсиониро дар се сатҳ мавриди баррасӣ қарор медиҳад: умумӣ (пойгоҳӣ), касбӣ ва олӣ (мантиқӣ).

Хусусияти асосии сатҳи умумии (пойгоҳӣ) донишҳои иттилоотию коммуникатсионии шахсият маҷмӯи донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳо, байнифаннӣ, эҳтимоли истифодаи амалии бидуни тағйироти навъҳои гуногуни фаъолият мебошад.

Сатҳи касбии донишҳои иттилоотию коммуникатсионии шахсият бо донишҳо, маҳоратҳо, фарқияти ғайристандартӣ, мураккабии калон, вале ҳамзамон маҳдудияти соҳаи замима, фарқ мекунад.

Сатҳи олии (мантиқӣ) – и донишҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо донишҳо, маҳорат ва малакаҳои хислати байнифаннидошта фарқ мекунанд. Аз сатҳи пойгоҳӣ бо дараҷаи мураккабӣ ва тафаккури эҷодии муайян, мутобиқшавӣ, иқтидори анҷом додани таҳлил ва синтез, алоқаманд кардани донишҳои қаблан аз худ кардашуда, маҳорат ва малакаҳо фарқ мекунад.

Дар бораи донишҳои иттилоотию коммуникатсионии ҷомеа сухан гуфта, ба масъалаи марҳилаҳои асосии инкишофи тамаддуни ҷаҳонӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардан бамаврид аст. Таърихи донишҳои иттилоотию коммуникатсионӣ якчанд ҳазорсоларо дар бар мегирад, ки дар давраҳои ҷудогонаи он бӯҳронҳои иттилоотӣ ба қайд гирифта шудааст. Донишмандон ихтирои хатро аввалин инқилоб медонанд, ки боиси тағйироти бузурги сифатӣ ва миқдорӣ гашта, имкони аз як насл ба насли дигар интиқол додани донишҳо пеш омад.

Ихтирои чопи китоб (миёнаҳои қарни XVI) ба инқилоби дуюм алоқаманд мебошад. Бо ихтирои барқ (охири қарни XIX) ва бӯҳрони иттилоотӣ инқилоби сеюм алоқаманд мебошад. Инқилоби чоруми иттилоотӣ ба солҳои 70 –уми қарни XX вақте технологияҳои компютерӣ пайдо мешаванд рост меояд. Ҳамаи инқилобҳои иттилоотӣ ба муносибатҳои иҷтимоӣ дар соҳаи ҳаёту фаъолияти инсонӣислоҳот ворид кардаанд. Донишҳои иттилоотию коммуникатсионии ҷомеа дар маҷмӯъ бар болои ҳамаи шаклҳои қаблии он асос ёфтаанд.

Бо таваҷҷуҳ ба ин, донишҳои иттилоотию коммуникатсиониро мутобиқ ба гуфтаҳои Т.А.Полякова «хислатҳои шахсият, ки имкон медиҳад, аз як тараф ба таври муносиб ба ҷараёни иттилоотонии ҷомеа ба мақсади худинкишофдиҳӣ эътино карда, аз тарафи дигар ба ҷараёни ташаккули донишҳои иттилоотию коммуникатсионии ҷомеа, ҳамчун асосҳои гуманистии иттилоотонӣ» таъсир расонад, зарур мебошад [14, с. 81].

Файласуфони муосир, сотсиологҳо, педагогҳо ва психологҳо дар як фикранд, ки дар шароитҳои муосири ҷомеаи иттилоотӣ барои инкишофи гармоникии шахсият мавридҳои зерин зарур мебошад:

- аз худ кардани донишҳои муайян, маҳорат ва малакаҳо барои амалиёт кардан бо иттилоот;
- аз худ кардани сифатҳое, ки имконият медиҳанд, донишҳо, малакаҳо ва маҳоратҳо мутобиқ ба технологияҳои иттилоотии муосир беҳтар карда шавад.
- аз худ кардани ҷаҳонбинии ҷомеаи иттилоотӣ.

Мутобиқ ба гуфтаҳои муҳаққиқ А.А.Парахин дар бораи мафҳуми «Фарҳанги иттилоотии шахсият», «Имрӯзҳо ҷомеаи мо инкишофи воқеии иттиилоотиро аз сар гузаронидааст. Дар истеҳсолот, идоракунӣ, таҳсилот технологияҳои компютерӣ ба таври васеъ истифода шуда истодаанд, низомҳое, ки имкон медиҳанд, ба таври муносиб ҷараёни рӯзафзуни гуногуни иттилоотро мавриди истифода қарор дода, коркард намоянд. Дар ҳақиқат, имрӯзҳо аз ҳар вақта дида, ҷомеаи мо ба идоракунии босаводона, мутахассисони баландихтисос, ки натанҳо мақсад ва вазифаҳои ҷомеаро мефаҳмад, балки қодиранд онҳоро амалӣ намоянд, мутахассисоне, ки технологияҳои нави компютериро хуб медонанд ва дорои фарҳанги олӣ мебошанд, ниёз дорад [18, с. 57].

Ин мафҳумро пайгирӣ карда, инсон ҳамчун субъект, ба таври фаъолона иттилоотро қабул намуда, продюсерӣ мекунад, объект бошад низоми алоқаҳои иттилоотии шахсият ва ҷомеа мебошад, мавзӯи донишҳои иттилоотию коммуникатсионии шахсият чун ҳамгироии ҷаҳони ботинии шахсият дар ҷараёни аз худ кардани ҳаҷми калони иттилооти муҳимми иҷтимоӣ хизмат мекунад.

Чунин шарҳу тафсир кардани ахбор якчанд ҷанбаҳои ин масъаларо мекушояд: «Ҷанбаи аввалин бо дарки назариявии вижагиҳои иттилоот ҳамчун падидаи ҷаҳони моддӣ ва нақши он дар матни фарҳанг бо донишҳои иҷтимоии қонуниятҳое, ки дорои табиати иттилоотӣ мебошанд, алоқаманд аст. Ҷанбаи дуюм хислати шахсият, талаботи ӯ ба ахбор, ки дорои характери биологӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ва масъалаҳои иҷтимогароӣ дар зери таъсири муҳити иттилоотию фарҳангӣ алоқаманд мебошад. Ҷанбаи сеюм шомили баррасии фарҳанги иҷтимоӣ аз нуқтаи назари амалкарди ниҳодҳои иҷтимоии он, ки оила, муассисаҳои таълимӣ, иртибототи ҳамагонӣ, китобхонаҳо, марказҳои иттилоотӣ ба унвони он баромад мекунанд, мебошад. Дар айни ҳол, ҳар яке аз ниҳодҳои иҷтимоӣ дар ташаккули фарҳанги иттилооти шахсият бо воситаҳои махсуси хеш иштирок мекунанд. Ҷанбаи чоруми кушодани проблема дорои хислати амалӣ мебошад ва аз ташаккули фарҳанги иттилоотии шахсият дар масъалаи аз худ кардани захираҳои иттилоотӣ, малакаҳои ҷустуҷӯйи иттилоот, истифодаи он ба мақсадҳои таълимӣ ва касбӣ, маҳорати аз матн берун овардани он, дар худ ҳазм намуда, ба таври эҷодӣ коркард намудани он, бо такя ба тамоми воситаҳо ва тарзҳои коркардашуда иборат мебошад [15, с. 68].

Дар маҷмӯъ, самти илмии донишҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии шахсият якчанд фанҳои дар боло номбаршударо бурида мегузарад, аммо мавзӯи таҳқиқотро аз мавқеи технологияи иттилоотӣ мавриди баррасӣ қарор додан лозим мебошад.

Мазмун ва ташаккули мақсадноки донишҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии шахсият дорои якчанд зина дар ҷиҳатҳои гуногун мебошад, ба монанди идеологӣ, ҷаҳонбинӣ, равоншиносӣ, иҷтимоӣ, технологӣ.

Дар ҷиҳати идеологӣ донишҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии шахсият тавассути дарки моҳияти баамалоянда, аз худ кардани қонунҳо ва қонуниятҳои пахши иттилоот дар ҷомеа, таъсири он ба шахсият амалӣ карда мешавад.

Дар ҷиҳати ҷаҳонбинӣ донишҳои иттилоотию коммуникатсионии шахсият тавассути дарки моҳияти баамалоянда, аз худ кардани қонунҳо ва қонуниятҳои пахши иттилоот дар ҷомеа, таъсири он ба шахсият ва дарки назариявии нақши ахбор амалӣ карда мешавад.

Дар ҷиҳати равоншиносӣ донишҳои иттилоотию коммуникатсионии шахсият дар таҳияи аксуламали психологии оптималӣ нисбат ба ахбори ба даст омада, зимни рафтори муносиби фард: маҳорати бидуни иштибоҳ амал кардан дар шароити аз ҳад зиёд ва ё камбудани иттилоот, додани баҳои интиқодӣ ба сифати иттилоот, пайдо кардани шакли дуруст ва амсоли инҳо иборат мебошад.

Дар ҷиҳати иҷтимоӣ донишҳои иттилоотию коммуникатсионии шахсият аз тарбияи дараҷаи муҳимми иҷтимоӣ хабардор будан, ки шарти асосии иҷтимоисозии шахсият дар ҷомеа мебошад, иборат аст.

Дар ҷиҳати технологӣ донишҳои иттилоотию коммуникатсионии шахсият тавассути аз худ кардани технологияҳои иттилоотӣ, аз худ кардани захираҳои иттилоотӣ, маҳорати ҷустуҷӯйи иттилооти лозима, истифода ва нигоҳдории он амалӣ карда мешавад.

Ташаккули донишҳои иттилоотию коммуникатсионӣ – масъалаи комплексии бисёрҷабҳае мебошад, ки ҷанбаҳои иҷтимоӣ, психологӣ, педагогӣ, ташкилию техникӣ ва дигарҳоро фаро гирифта, ба озодона балад будани технологияи компютерӣ такя мекунад.

Вазифаҳоро мутобиқ ба ин самтҳо метавон ба таври зайл пешниҳод намуд:

| **Номгӯи муассиса** | **Номгӯи фанҳо (сифати таҳсилот бо фоиз)** | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | забон ва адабиёти тоҷик | забони русӣ | забони англисӣ | таърих | асосҳои давлат ва ҳуқуқ | ҳуқуқи инсон | биология | экология | химия | география | математика (алгебра) | физика (астрономия) | технологияи иттилоотӣ |
| Литсей №3 | 47,4 | 43,5 | 41,8 | 51,3 | 50,9 | 48,7 | 40,1 | 41,6 | 35,4 | 44,3 | 37,6 | 37,3 | 41,2 |
| Гимназия №74 | 46,8 | 44,3 | 39,6 | 49,9 | 51,4 | 50,7 | 43,6 | 44,3 | 37,2 | 40,7 | 36,5 | 40,3 | 44,1 |
| Гимназия №1 | 48,5 | 46,3 | 43,9 | 46,7 | 49,7 | 48,2 | 42,6 | 43,7 | 39,8 | 43,4 | 38,3 | 37,3 | 45,4 |
| МТМУ №6 | 49,3 | 47,2 | 40,4 | 41,1 | 39,2 | 43,1 | 37,4 | 34,8 | 35,7 | 36,9 | 37,5 | 38,9 | 42,3 |
| МТМУ №102 | 44,1 | 43,8 | 40,7 | 42,6 | 41,9 | 42,2 | 36,8 | 39,7 | 37,6 | 42,3 | 40,3 | 39,8 | 43,6 |

Маълумоти дар ҷадвали №3 овардашуда нишон медиҳад, ки сифати хонандагон вобаста ба фанҳои таълимӣ чӣ гуна тафовут доранд ва дар қиёс аз кадом фанни таълимӣ бештару камтар мебошад. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки сифати таҳсилот аз рӯи гурӯҳи фанҳои гуманитарӣ нисбати ба фанҳои дақиқ ва табиӣ-риёзӣ ба андозае бештар мебошад. Ин нишондиҳанда бори дигар исбот менамояд, ки фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020, №1445 “Дар бораи Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф эълон гардидани солҳои 2020-2040” амри воқеӣ ва саривақтӣ мебошад ва масъулони соҳаро зарур аст, ки ба омӯзиши амиқи фанҳои дақиқ ва табиӣ-риёзӣ диққати бештар диҳанд [6].

Барномаи электронии “eDonish” ҳамчун манбаи маълумот оид ба пешрафти хонандагон баҳоҳои ҳамарӯзаи онҳоро таҳлил намуда, ба омӯзгорон, волидон ва маъмурияти муассисаи таълимӣ аз ҳолати ҷой доштани мушкилот дар таҳсили хонандагон дар умум ё ягон хонанда мушахаас ахборот пешниҳод менамояд. Маълумоти омории барнома нишон медиҳад, ки хонандагон ҷиҳати ислоҳи баҳоҳои ғайриқаноатбахш кӯшишу ғайрат намуда, теъдоди ин гуна баҳоҳоро дар нимсолаи 2 нисбати ба нимсолаи 1 кам кардаанд. Саривақт расонидани маълумот оид ба баҳои ғайриқаноатбахш ба волидон имкон медиҳад, ки сабабу омилҳои ба ин ҳолат сабабгорбударо муайян ва ҷиҳати бартараф намудани онҳо чораандешӣ намоянд. Ҳамчунин маълумоти мазкур барои омӯзгорон ва маъмурияти муассисаҳои таълимӣ хеле муфид буда, ҳангоми банақшагирии таълим ва ба дарсҳои инфиродиву иловагӣ фаро гирифтани хонандагоне, ки барномаи таълимиро аз худ накардаанду баҳоҳои ғайриқаноатбахш доранд, маводи ёрирасон мебошад.

Бешубҳа, татбиқи амалии Барномаи электронии “eDonish” ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия, ҳарчи беҳтар ҷалб намудани таваҷҷуҳи волидайн ба раванди донишандӯзии фарзандон ва риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” мусоидат менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. EDONISH чист?. https://www.edonish.tj/about
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” .
3. Назорати рафтори хонандагон тавассути барномаи «eDonish». https://radiotoj.tj/?p=7264 .
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», шаҳри Душанбе, 21 декабри соли 2021. http://www.president.tj/node/27417 .
5. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи мактаби навбунёд дар деҳоти Навободи ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ аз 26 августи соли 2016. http://www.president.tj/node/12842 .
6. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намудани солҳои 2020-2040”, аз 31 январи соли 2022, №1445. http://www.president.tj/node/22356.


## САМТҲОИ АСОСИИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИЮ КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР РАВАНДИ ОМОДАСОЗИИ КАСБИИ КУРСАНТҲО

***ШОИМАРДОНОВ Давлаталӣ Анварович** – омӯзгори калони кафедраи ҳарбии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов, ш. Душанбе. к. Лучоб, 53,* ***E–mail:*** *davlatali_shoimardonov@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 900 89 99 90*

Дар мақола самтҳои асосии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди омодасозии касбии курсантҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Мазмун ва мақсадҳои педагогии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро дар таҳсилот, ки аз ҷониби муҳаққиқони гуногун баррасӣ мешаванд, муаллиф мавриди таҳқиқи қарор дода, самтҳои асосии истифодаи онҳоро дар таҳсилоти ҳарбӣ таҳқиқ кардааст. Таъкид карда мешавад, ки ҷорикунии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таҳсилоти олии ҳарбӣ зимни омӯзиши мавод дар лексияҳо ва машғулиятҳои амалӣ, зимни супоридани санҷишҳо ва имтиҳонҳо самарабахш мебошад. Натиҷагирӣ шудааст, ки истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва компютерӣ бояд бо муҳити дахлдори иттилоотию захиравии муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ таҳким бахшида шавад, ки тамоми ҷузҳои зарурӣ: воситаҳои дастгоҳӣ, маҳсулоти барномавӣ, мавҷудияти кадрҳои соҳибихтисос, таъминоти иттилоотию методии раванди таҳсилотӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

***Вожаҳои асосӣ**: технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, компютер, иттилоотикунонӣ, таълим, омодасозии касбӣ, курсант, таҳсилоти олии ҳарбӣ, муҳити иттилоотӣ, воситаҳои телекоммуникатсия, тренажёр, мултимедиа.*

## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ПРОЦЕССЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ПОДГОТОВКИ КУРСАНТОВ

***ШОИМАРДОНОВ Давлаталӣ Анварович*** *– старший преподаватель военной кафедры Таджикского института физической культуры им. С. Рахимова, г. Душанбе, ул. Лучоб, 53.* ***E–mail:*** *davlatali_shoimardonov@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 900 89 99 90*

В статье рассматриваются основные направления использования информационно-коммуникационных технологий в процессе профессиональной подготовки курсантов. Исследуя педагогическое содержание использования информационно-коммуникационных технологий в образовании, рассмотренные различными авторами, автор приводит основные направления их использования в военном образовании. Подчеркивается, что внедрение информационно-коммуникационных технологий в процесс высшего военного образования является эффективным при изучении материалов на лекциях ва практических занятиях, при сдаче зачетов и экзаменов. Делается заключение, что использование информационно-коммуникационных и компьютерных технологий должно быть подкреплено соответствующей информационно-ресурсной средой военного вуза, включающей все необходимые составляющие: аппаратные средства, программные средства, наличие квалифицированных специалистов, информационно-методическое обеспечение и т.д.

***Ключевые слова****: информационно-коммуникационных технологии, компьютер, информатизация, обучение, профессиональная подготовка, курсант, высшее военное образование, информационная среда, средства телекоммуникации, мультимедиа.*

## MAIN DIRECTIONS OF THE USE OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN THE PROCESS OF PROFESSIONAL TRAINING OF CADETS

***SHOIMARDONOV Davlatali Anvarovich*** *– senior teacher of the military department of the Institute of Physical Culture of Tajikistan after S. Rahimov, Dushanbe, st. Luchob, 53.* ***E–mail:*** *davlatali_shoimardonov@mail.ru,* ***phone:*** *+(992) 900 89 99 90*

The article deals with the main directions of using information and communication technologies in the process of professional training of cadets. Exploring the pedagogical content of the use of information and communication technologies in education, considered by various authors, the author gives the main directions of their use in military education. It is emphasized that the introduction of information and communication technologies in the process of higher military education is effective when studying materials at lectures in practical classes, when passing tests and exams. It is concluded that the use of information, communication and computer technologies should be supported by the appropriate information and resource environment of a military university, which includes all the necessary components: hardware, software, availability of qualified specialists, information and methodological support, etc.

***Key words****: information and communication technologies, computer, informatization, training, professional training, cadet, higher military education, information environment, telecommunications, multimedia.*

Дар ҷомеаи муосир суръати иттилоотикунонӣ афзоиш ёфта истодааст. Одамон кӯшиш мекунанд вақт ва қувваи худро аз ҳисоби истифодаи технологияҳои инноватсионие, ки ба сифати филтрҳои зеҳнӣ амал карда, имкониятҳои фаъолияти инсониро васеъ карда, имкон медиҳанд доираи васеътари вазифаҳо ҳал карда шавад, сарфа кунанд.

Аён аст, ки ҳоло ба мадди аввал дар низоми маориф омодасозии мутахассис ба фаъолияти мустақилона дар муҳити иттилоотӣ мебарояд. Дар асл, иттилоотикунонии таҳсилотро ҳамчун тағйир додани мазмун, шакл ва методҳои омодасозии мутахассисони ояндa тавассути ҷорӣ кардани технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълимӣ баррасӣ карда мумкин аст.

Е.А. Крайнов ду самти иттилоотикунониро ҷудо мекунад:

1) иттилоотикунонии идоранашаванда, ки ғайринизомнок, бо ташаббуси педагог ва бо истифодаи захираҳои шахсиятии ӯ амалӣ карда мешавад;

2) иттилоотикунонии идорашаванда, ки дар асоси консепсияи ба таври умум қабулшуда, барномаи тасдиқшуда бо таъминоти худии захиравӣ дастгиришаванда татбиқ карда мешавад [7, с. 108-114].

Бешак, барои фароҳам овардани заминаи назариявию методологӣ ва шароити зарурии марбут ба ҷанбаҳои захирвaӣ ва кадрии раванди таҳсилотӣ афзалият бояд ба самти дуюм дода шавад.

Ба ақидаи И.В. Роберт, иттилоотикунонии таҳсилот бояд бо самтҳои методологӣ, заминаи назариявӣ ва усулҳои технологии ҳалли вазифаҳои зерин таъмин карда шавад:

1) ҷойивазкунии таъкид аз мақсадҳо ва мазмуни таҳсилот, методҳо ва шаклҳои ташкили раванд ба тарафи инкишофи шахсияти таълимгиранда, зеҳнигардонӣ ва иҷтимоигардонии он дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ;

2) ташкили таҳия ва сертификатсияи маҷмӯаҳои дастгоҳию барномавие, ки вазифаҳои таҳсилотиро иҷро карда, дар замини технологияҳои иттилоотӣ амал мекунанд [11, с. 123].

Муносибатҳоро ба шарҳу тавзеҳи мафҳуми “технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ” бо мақсади муайян кардани моҳият ва хусусиятҳои истифодаи онҳо ҳангоми тайёр кардани афсарони оянда мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Технологикунонии муосири раванди таҳсилотӣ ин тамоюли самарабахшии раванди таҳсилотие мебошад, ки дастёбии курсантҳоро ба натиҷаҳои муайяни таълим, ва, чун натиҷа омодагии мутахассисони баландихтисоси дорои салоҳиятҳои талабшавандаи ҳарбиро кафолат медиҳад.

Бо истфода аз як қатор мафҳумҳое, ки бо технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ марбутанд [1; 2; 8; 9], таърифи худии технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро дар таҳсилоти ҳарбӣ пешниҳод кардан мумкин аст – ин раванди таҳсилотӣ бо истифода аз технологияҳои компютерӣ ва воситаҳои табдилдиҳии иттилоот мебошад, ки дар асоси низомнок барои такмили педагогикаи ҳарбӣ кумак мекунад.

Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ имкон медиҳанд кор самарабахштар иҷро карда шуда, раванди истеҳсолот табдил дода шавад [4]. Ҳамин тариқ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба раванди муосир ворид гардида, ба баланд бардоштани сифати идоракунӣ, ба рушди нерӯи инсонӣ, ба такмили низоми маориф таъсир мерасонанд.

Дар шароити муосиркунонии таслиҳот ва воситаҳои мубориза̄и мусаллаҳона, афзоиши ҳиссаи истифодаи технологияҳои нав дар фаъолияти хизматию ҷангӣ, инчунин бо назардошти хусусияти хоси истифодаи ҷангии қисмҳо ва ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон афсари имрӯза бояд на танҳо барои татбиқи вазифаҳои касбии худ, балки инчунин барои озодона самтёбӣ кардан дар фазои иттилоотии ҷомеаи муосир омода бошад.

Як қатор мушкилоте мавҷуд аст, ки бидуни ҳалли онҳо ба натиҷаҳои мусбати иттилоотикунонии таҳсилоти олии ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон расидан имконнопазир аст, аз ҷумла:

1) мавҷуд набудани методологияи ягона барои ҷорӣ кардани технологияҳои иттилоотӣ дар амалияи омодасозии касбии мутхассисониояндаи ҳарбӣ;

2) сатҳи пасти ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии муассисаҳои таҳсилот ҳангоми эҷоди пойгоҳи ягонаи воситаҳои дастгоҳӣ ва таъминоти барномавӣ;

3) омодагии нокифояи ҳайати профессорону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ;

4) номунтазамии азнавсозии пойгоҳи иттилоотию захиравии муассисаҳои таҳсилот, ки бо мавҷуд набудани маблағгузории иловагӣ алоқаманд аст.

Аз нуқтаи назари мо, ба вазифаҳои асосии иттилоотикунонии омодасозии ҳарбӣ инҳо мансубанд:

- баланд бардоштани сатҳи касбияти мутахассисони ҳарбӣ аз тариқи азхудкунии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз ҷониби онҳо дар қисми гузаронидани проседураҳои маҷмӯии ташкилию методӣ ва иттилоотию захиравӣ;

- беҳбуд бахшидан ба сифати раванди таҳсилотӣ бо роҳи ҷорӣ кардани методҳо ва шаклҳои инноватсионии таълим, ки дар технологияҳои навтарини иттилоотӣ асос ёфтаанд.

Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ имкон медиҳанд фардисозии омодасозии касбии мутахассисони ояндаи ҳарбӣ таъмин карда шуда, ҷузъи башарадӯстонаи раванди таҳсилотӣ ва ҳавасмандгардонии таълим баланд бардошта шаванд. Васеъшавии ҳудудҳои майдони субъектии иттилоотӣ ҳам дар соҳаи фаннию касбӣ, ҳам дар соҳаи умумифарҳангӣ, пайдоиши, аслан, имкониятҳои тамомнашавандаи мустақилона ҷустуҷӯ ва ҷамъоварӣ кардани иттилоот ба амиқгардии фаъолияти фикрии курсантҳо мусоидат мекунанд.

Рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, ҷорӣ кардани унсурҳои онҳо дар фаъолияти таълимӣ ва ихтилофоти байни методологияи анъанавии тайёр кардани курсантҳо ва шаклу методҳои бо кумаки воситаҳои инноватсионӣ модификатсия кардашудаи таълим зарурати таҳияи иттилоотисозии бошиддати раванди таҳсилотиро муайян кардаанд. Дар поён самтҳои асосии онро дар низоми омодасозии мутахассисони ҳарбӣ дида мебароем.

Аввалан, технологияҳои иттилоотӣ аллакай ба амалияи таълим, ки дорои хусусияти универсалӣ мебошанд, аз қабили: муҳаррирҳои матнӣ, маҳсулоти графикии барномавӣ, низомҳои идоракунии пойгоҳҳои маълумот, проссесорҳои ҷадвалҳои электронӣ, низоми амсиласозӣ ва ғайра ба таври мустаҳкам ворид гардидаанд. Истифодаи хеле васеи технологияҳои мазкур бо он муайян шудааст, ки онҳо ба таъминоти махсуси барномавӣ ниёз надошта, маводи методии аз ҷониби омӯзгор таҳияшударо дар кор бо ҳар гуна навъи компютер истифода бурдан мумкин аст.

Дуюм, технологияҳои телекоммуникатсионӣ бо дастрасии истифодабаранда ба захираҳои дурдасти иттилоотӣ (масалан, ба иттилоот, ки дар серверҳои шабакаи Интернет ҷойгир карда шудаанд) фаъолона истифода мешаванд. Ин ба субъекти таҳсилот имкон медиҳад доираи васеи пойгоҳҳои маълумотро истифода бурда, доираи назари шахсӣ ва касбии худро васеъ кунад. Ба ташкил ва амалисозии самарабахши раванди таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон ба ҷалби захираҳои шабакаҳои маҳаллӣ ва глобалии ҳисобкунӣ мусоидат мекунад. Шабакаи маҳаллии муассисаи таҳсилот дастрасиро ба иттилооте, ки дар сервер он ё серверҳои воҳидҳои сохтории он таъмин менамояд. Дар ин ҷо ҳуҷҷатгузорӣ (ҷадвали машғулиятҳои таълимӣ, нақшаҳои таълимӣ, эълонҳо ва ғайра) ва маводи электронии методӣ (китобҳои дарсии электронӣ, низоми назорати донишҳо, курсҳои таълимӣ ва ғайра) ҷойгир карда мешаванд.

Бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ таълими синхронӣ ва ғайрисинхрониро амалӣ кардан мумкин аст. Воситаҳои ғайрисинхронӣ аз тарафҳои табодулкунандагони иттилоот робитаҳои доимиро талаб намекунанд. Ба чунин воситаҳо почтаи электронӣ мансуб аст, ки дар асоси он хатфиристониҳои автоматӣ, модулҳои гуногуни махсуси барномавии баҳодиҳии донишҳо амалӣ карда мешаванд.

Воситаҳои синхронӣ, масалан конференсияҳои видеоӣ, амалҳои ҳамзамони мувофиқа кардашудаи ҷонибҳои иртиботкунандаро пешбинӣ мекунанд: яке гап мезанад, дигарӣ гӯш мекунад [5, с. 34], яъне бояд манбаи иттилоот ва тарафи қабулкунанда вуҷуд дошта бошанд. Воситаҳои мазкурро аз ҳисоби истифодаи шабакаи Интернет ё шабакаи маҳаллии ҳисобкунии бисёрхизматрасонӣ татбиқ кардан мумкин аст.

Таълими фосилавӣ дар марҳилаи ибтидоӣ формати синхронии муошírати курсантҳоро бо омӯзгор пешбинӣ мекунад. Дар марҳилаҳои минбаъда курсантҳо мустақилона кор карда, нақши омӯзгор аз ҳамроҳикунии иттилоотию методии раванди омодасозии касбӣ иборат мебошад. Дар мавридҳои курсҳои хеле калонҳаҷм ба кори мустақилонаи таълимгирандагон машғулиятҳои онлайнӣ (мустақим) бо омӯзгор ҷорӣ карда мешаванд.

Барои истифодаи бомуваффақияти технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар таълими фосилавӣ муассисаи таҳсилот бояд бо инҳо муҷаҳҳаз бошад:

- веб – сомона ё портали иттилоотӣ, ки дар он иттилоот нигоҳдорӣ карда шуда, мубодилаи маълумот сурат мегирад;

- дастрасии кушод ба шабакаи глобалии Интернет ё пайвастшавӣ ба шабакаи телекоммуникатсионӣ, ки ба истифодбарандагони дурдаст имконияти кор карданро бо захираҳои иттилотӣ фароҳам меорад;

- воситаҳое, ки имкон медиҳанд алоқаи ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои таҳсилотиро дар реҷаҳои синхронӣ / ғайрисинхронӣ бо истифода аз веб – сомонаи муассисаи таҳсилот таъмин карда шавад;

- захираҳои иттилоотию таҳсилотӣ дар чаҳорчӯби пойгоҳи ташкил карда шуда ва амалкунанда, ки курсант ба он бо кумаки логин ва рамзи шахсии худ дастрасӣ дорад;

- кори муътадили таҷҳизоти шабакавӣ, ки дастрасии мустақимро ба воситаҳои телекоммуникатсия, ки дар раванди таҳсилотӣ ба кор андохта шудаанд, таъмин менамояд.

Табодули иттилоот байни иштирокчиёни муносибатҳои таҳсилотӣ дар вақти курсҳои фосилавӣ аз рӯи ду амсила сурат гирифта метавонад:

1) ба таълимгирандагон мазмуни таълимӣ барои омӯзиши мустақилона пешниҳод гардида, табодули иттилоот танҳо ба проседураҳои ҷамъбастии назоратию баҳодиҳӣ дахл дорад;

2) коркарди маълумот дастӣ бо рамзнависӣ ва интиқоли минбаъдаи иттилоот анҷом дода мешавад.

Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва компютерӣ, ки ба дастгирии раванди таҳсилотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ равона шудаанд, ба пешниҳоди иттилооти таълимӣ ба курсантҳо, таъмини назорати азхудкунии он (ин китобҳои дарсии компютерӣ, барномаҳои назораткунанда ва санҷанда, маълумотномаҳо ва пойгоҳҳои электронии маълумот, видеофилмҳои таълимӣ ва ғайра) ва эҷоди амсилаҳои равандҳои мавриди омӯзиш (ба онҳо амсилаҳои тақлидӣ, муҳитҳои аз ҷиҳати фаннӣ нигаронида шуда, тренажёрҳо, барномаҳои бозингарӣ мансубанд) нигаронида шудаанд.

Интишори хеле васеъро дар раванди таҳсилотӣ китобҳои электронии дарсӣ пайдо кардаанд, ки ҳам дар вақти машғулиятҳои аудиторӣ, ҳам ҳангоми омодасозии мустақилонаи курсантҳо истифода мешаванд. Китобҳои мазкури дарсӣ дорои як қатор бартариятҳо мебошанд: онҳо аз рӯи принсипи гиперистинодҳо, ки имкон медиҳанд аз як бахш ба бахши дигарӣ гузашта шавад, таҳия карда мешаванд. Ба туфайли китоби электронии дарсӣ курсант метавонад “траекторияи фардӣ”-и таълимро ба роҳ монад.

Тренажёрҳои электроние, ки муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ истифода мешаванд, ба ташаккули маҳорату малакаҳои амалӣ дар раванди иҷрои супоришҳои амалӣ кумак мекунанд. Тренажёрҳои дар раванди таълимӣ ҷорӣ кардашуда дар

кафедраҳои махсус вазъи воқеии ҷангиро тақлид карда, амалҳои имконпазири воҳидҳоро ҳангоми ҳалли вазифаҳои хизматии ҷангӣ бозтавлид мекунанд.

Ҳамчун ҷузъи муҳими таркибии омодасозии афсарони оянда барномаҳои компютерии назораткунанда ва санҷанда ба ҳисоб мераванд, ки барои ҳар як фанни таълимӣ тахия карда шуда, андозаи объективӣ будани донишҳо ва суръати санҷиши онҳоро зиёд мекунанд. Дар ихтиёри муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ пойгоҳи кофии супоришҳои санҷишие ҷамъоварӣ карда шудааст, ки имкон медиҳанд ба таври фаврӣ назорати мобайнӣ ва ҷамъбастии натиҷаҳои таълими курсантҳо амалӣ карда шавад.

Воситаҳои мултимедиа (масалан, фарҳангномаҳои электронӣ, ифлмҳои компютерии таълимӣ) иттилооти матнӣ, графикӣ, аудиоӣ ва виедоиро ҳамгиро месозанд. Махсусан технологияҳои гипермедиа (низомҳои иттилоотию ҷустуҷӯӣ ва иттилоотию маълумотномавӣ) фарқ мекунанд, ки барои кор бо ҳаҷми калони иттилооти дар форматҳои ҳам матнӣ, ҳам аудиоӣ ва видеоӣ пешниҳодшуда таъйин шудаанд.

Технологияҳои мултимедиявӣ дарки босирагӣ ва шунавоии иттилоотро ба таҳрик медароранд, ки ин сифати азххудкунии ҳаҷми назарраси маводи таълимиро беҳтар мекунад. Ғайр аз ин, таъсироти аудиоӣ ва видеоӣ нерӯи эҷодии курсантҳоро фаъол гардонида, машғуляти таълимиро ҷолибтар мегардонанд.

Маҷмӯаҳои барномавию методии таъйиноти махсус аз барномаҳои амсиласозандае иборатанд, ки мувофиқи хусусияти хоси фанни мавриди омӯзиш тахия карда мешаванд. Нақши махсус дар маҷмӯаҳо ба тренажёрҳои компютерӣ ҷудо карда мешавад, ки барои ташаккули малакаҳои истифодабарии дастгоҳи мураккаб ё амалҳои мураккаб дар вазъиятҳои додашудаи масъалавӣ таъйин шудаанд. Ба чунин воситаҳо, масалан, “Тренажёри омодасозии тактикӣ”, таъминоти махсуси барномавии “Валкирия”, низоми геоиттилоотии “Гармоня” мансубанд.

Ҳамаи технологияҳои зикргардидаи иттилоотию коммуникатсионӣ ва компютерӣ имконияҳои сифатан нави тезондани раванди таҳсилотиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ фароҳам меоранд. Аммо, бояд қайд кард, ки ҳатто технологияҳои мукаммалтарин ва пешрафтатарин омӯзгорро дар раванди таҳсилотӣ иваз карда наметавонанд. Онҳо танҳо ҳамчун асбоби тақвият додани ҷузъҳои алоҳидаи фаъолияти педагогӣ ба шумор мераванд (масалан, тамошобобӣ ва ҳамроҳии садоии маводи мавриди омӯзишро таъмин мекунанд, ки ин майдони маъноиро васеъ карда, самарабахшии азхкудкуниро баланд мебардорад).

Яке аз ҷанбаҳои муҳими фаъолияти омӯзгори ҳарбӣ тахияи маҷмӯаҳои таълими методӣ оид ба фанҳои таълимӣ, тартиб додани дастурҳои таълимӣ ва нашриёҳои электронӣ мебошанд. Тахияи маҷмӯаҳои таълимию методӣ аз ташкил кардани захираҳои зерини иттилоотии коммуникатсионӣ иборат мебошад:

- фонди электронии адабиёти таълимию методӣ ва асосии таълимӣ;
- фонди маҷмӯаҳои мултимедиявии таълимию методӣ оид ба ҳар як фан ё маҷмӯаҳои махсуси инфиродӣ, кейсҳо, маводи таълимию методӣ бо истифода аз воситаҳои мултимедиа;
- фонди нашрияҳои электрониии бо нашрияҳои даврие муҷаҳҳаз гардонидашуда, ки ба равияҳои барномаҳои асосии таҳсилотӣ мувофиқат мекунанд;
- фонди адабиёти илмӣ дар шакли электронӣ, ки бо мақолаҳо, монографияҳо ва нашрияҳои илмӣ муаррифӣ шудааст;
- фонди маводи аттестатсионӣ дар шакли электронӣ.

Бешак, барои тахия ва татбиқи маҷмӯаи таълимию методӣ, ки дар платформаи технологӣ асос ёфтааст, яъне раванди таълимӣ мувофиқи талаботҳои муосир навсозӣ карда шавад, ба омӯзгори ҳарбӣ зарур аст технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ ва компютериро азхуд кунад.

Самти нави иттилоотикунонии раванди таҳсилотии ҳарбӣ ташкили синфҳои маҷозӣ, ки вазъи анъанавии таълимиро пурра бозтавлид мекунанд, ба шумор меравад. Таълимгирандагон метавонанд бо ҳамдигар муошират карда, дар лавҳаи маҷозӣ ё интерактивие, ки ҳама мебинанд, навишта, дастрасиро ба мавод ва коркарҳои худ фароҳам сохта, маҳсулоти барномавие, ки дар ҷойи кории истифодабарандаи дигар насб карда шудаанд, истифода баранд, ва ғайра.

Мазмун ва мақсадҳои педагогии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро дар таҳсилот, ки аз ҷониби муаллифони гуногун баррасӣ мешаванд, мавриди таҳқиқи қарор дода, самтҳои асосии истифодаи онҳоро қайд мекунем:

1. Субъектӣ будани доимии таҳсилот – хусусияти технологияи муайянсозӣ ва мушаххассозии истифодабарандагон.

2. Технологияҳои нейрошабакавӣ – хусусияти конвергентсияи шабакаи муассисаи таҳсилоти олӣ.

3. Технологияҳои абрӣ – ҳамчун хизматрасонии коркарди тақсимшудаи маълумот.

4. Маркетинги педагогика ва ташкилоти педагогӣ – технологияҳои фазои кушодаи иттилоотӣ.

5. Телеконференсияҳо – хусусияти маҷмӯаҳо бо ҳамгиросозии технологияҳои иттилоотӣ [3, с. 161-163].

Самти аввалин – технологияҳои муайянсозӣ ва мушаххассозии истифодабарандагони шабакаи компютерии муассисаи таҳсилоти олиро мавриди баррасӣ қарор дода, қайд мекунем, ки ин маънои ба таҳсилоти олӣ дохил кардани реҷаи «non-stop»-ро дорад. Реҷаи «non-stop» “субъектӣ будани доимии таҳсилот”-ро пешбинӣ мекунад, вақте ки соатҳои дарсӣ ба соатҳо барои кори мустақилона иваз мешаванд. Дар ин ҳол курсантҳо ва шунавандагон бо истифода аз ҳуқуқҳои дастрасии худ ба шабакаи маҳаллӣ мустақилона тамоми маводи мавҷударо истифода бурда, мустақилона машғул мешаванд.

Ин “субъектӣ будани доимии таҳсилот” бевосита аз шабакаи маҳаллии муассисаи таҳсилоти олӣ бо технологияи муайянсозӣ ва мушаххассозӣ вобаста мебошад. Технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро дар таҳсилоти ҳарбӣ мутлиқи қобилиятҳои ҳар як курсант фарӣ кунонидан мумкин аст.

Муайянсозии муосири истифодабаранда аз раванди ҳузури истифодабаранда дар шабака бо рамз ва логини худ иборат аст. Барои иҷрои расмиёти муайянсозӣ ба таълимгиранда пешакӣ рамз ва логин дода шуда, шабакаи маҳаллии муассисаи таҳсилоти олӣ онро маҳз дар асоси ин маълумот мушаххас месозад. Дар ин зимн эътимоднокии муайянсозӣ пурра бо сатҳи эътимоднокии расмиёти иҷрошудаи мушаххассозӣ муайян карда мешавад.

Афзалиятҳои “субъектӣ будани доимии таҳсилот” аён буда, дар миёни онҳо имконияти кор карданро бо маводи таълимӣ дар он лаҳзае, ки ин қулай мебошад, қайд кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, муайянсозии истифодабарандаи алоҳида дар шабакаи муассисаи таҳсилоти олӣ имкон медиҳад муваффақиятҳои ӯ дар таълим, қобилиятҳо ва нерӯи ӯ ҳангоми омӯзиши маводи пешниҳодшаванда беҳтар фаҳмида шаванд.

Самти дуюмро баррасӣ намуда, қайд мекунем, ки конвергенсияи шабакаи муассисаи таҳсилоти олӣ азнавсозии шабакаи муассисаи таҳсилоти олиро мувофиқ ба технологияҳои нейрошабакавие пешбинӣ мекунад, ки дар раванди таҳсилотӣ барои таҳлили донишҳои курсантҳо ва шунавандагон муҳим мебошад.

Шабакаи муосири нейронӣ бо назардошти иштибоҳоти қаблан содиршуда рушд карда истодааст. Иттилоотро таҳлил ва коркард карда, низоми худташкилёбанда қодир аст маводи навро бо бозтавлид ва сохторбандӣ кардани маводи ворид кардашаванда таҳия карда, натиҷаи сифатан баландтар назар ба натиҷаи қаблӣ ташаккул дода шавад.

Технологияҳои нейрошабакавӣ пешрафти таҳсилиро хуб пайгирӣ карда, маводи таълимиро барои омӯзиш тавсия медҳанд.

Китобҳои электронии дарсие, ки дар маҷмӯаҳои интерактивӣ ҷорӣ карда мешаванд, унсури усулан нави муҳити таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олӣ ба шумор мераванд. Маҷмӯаҳои интерактивӣ имкон медиҳанд машғулиятҳо ба тарзи ба роҳ монда шуда, мавод дар шакли накшаҳо, ҷадвалу графикҳо, амсилаҳои сеандоза ва матнҳои ба таври гуногун ташкил кардашуда пешниҳод карда шаванд. Дар баробар ин, курсантҳо ва омӯзгор бо кумаки экранҳои ба шабака пайвастшудаи ҳиссӣ (сенсорӣ) имкон доранд бо ҳамдигар пайваста ҳамкорӣ кунанд. Нусхаи рақамии машғулият барои онҳое, ки дар машғулият ҳузур надоштанд ё мехоҳанд ба он дертар муроҷиат кунанд, дастрас хоҳад буд [10].

Гаҷетҳои мултимедиявӣ ба курсантҳо стандартҳои баланди таҳсилоти босифати ҳарбиро пешниҳод мекунанд. Нейрошабакаи муассисаи таҳсилоти олии ҳарбиро бо смартфонҳои иҷозатдодашуда ё ноутбукҳобо айнакҳои маҷозӣ ва таъминоти махсуси барномавӣ муҷаҳаз гардонидан мумкин аст, ки ин ба курсантҳо имкон медиҳад малакаҳои ҳарбиро барои муҳити маҷозии бехатари интерактивӣ дар худ ташаккул диҳанд. Нейрошабака равияи истифодабарандагии курсантро ташаккул дода, адабиётро интихоб мекунад ё истинодҳоро барои дарёфти мазмуни лозимаи таҳсилотӣ мебиҳад.

Ҳамин тариқ, самти сеюм дар истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар таҳсилоти олии ҳарбӣ – ин истифодаи хизматрасоиҳои абрӣ барои фаъолият ва татбиқи талаботҳои гуногуни таҳсилоӣ мебошад.

Технологияҳои абрӣ бо коркарди тақсимотшудаи маълумоти он ба интернет – сервиси истифодабарандагӣ ҳамгиро шуда, дар асоси он вобаста ба талаботҳои муассисаи таҳсилоти олӣ сенарияҳои гуногунро барои нигоҳдорӣ ва коркардаи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, мақолаҳо, маҷаллаҳои соҳавӣ татбиқ карда метавонанд. Ва барои таҳлили дастовардаҳои курсантҳо ва шунавандагон дар онҳо корҳои озмоишгоҳӣ ва амалӣ, рефератҳо, маърӯзаҳо ва ғайраро нигоҳдорӣ кардан мумкин аст.

Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии воқеияти пурракардашуда ва маҷозӣ дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ барои таклиди вазъиятҳои воқеии амалӣ ва коркарди онҳо истифода мешавад. Омӯзиши тактика ва стратегия тавассути истифодаи технологияҳои мазкур таълимгирандагонро ба коркарди амалии малакаҳои ситифодабарандагӣ фурӯ месозад.

Чунин бозикунонии (геймификатсияи) таҳсилоти олӣ хеле ояндадор буда, сатҳи баланди ҳавасмандии курсантҳоро ба гирифтани таҳсилот аз рӯи ихтисос дастгирӣ карда, ба азхудкунии амиқи донишҳо таҳрик медиҳад.

Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба иҷрои практикумҳои аз ҷиҳати барномавӣ татбиқшавандаи озмоишгоҳӣ мусоидат мекунанд. Кореро, ки дар соатҳои таълимӣ иҷро нашудааст, бо иҷрои он дар соатҳои худомодасозӣ иваз кардан мумкин аст. Азхудкунии мустақилонаи фан аз ҷониби курсантҳо ё шунавандагон дар семестри таълимӣ, иҷрои мустақилонаи супоришҳои амалии худ бо истифодаи коркардҳои гузошташудаи методӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимии тавсияшаванда ба азхудкунии беҳтари фан ва ташаккули шавқу ҳаваси шахсӣ дар курсантҳо ва шунавандагон мусоидат мекунанд.

Саъю талошҳои ҷомеаи муосири педагогӣ ба эҷоди чунин технологияҳои таҳсилотие барои такмили методикаҳои классиские нигаронида шудаанд, ки самарабахшии худро дар раванди таҳсилотӣ исбот кардаанд. Ба гурӯҳи мазкури технологияҳо технологияҳои таҳлили вазъиятӣ мансубанд.

Технологияи таҳлили вазъиятӣ малакаҳои амалии коркарди иттилоотро бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ташаккул медиҳад. Ғайр аз

ин, таҳлили вазъиятӣ бо истифода аз технологияҳои абрӣ дар таълимгиранда салоҳиятҳоеро инкишоф медиҳад, ки имкон фароҳам меоранд ба таври фаврӣ қарорҳо қабул карда шуда, дар вазъияти критикӣ ё фавқулодда амал карда шавад [12].

Муҳимияти метод аз он иборат аст, ки қарор мубрамсозии тамоми донишҳои ҳангоми омӯзиши фанҳои ба ҳам наздик гирифташударо пешбинӣ мекунад. Ин ба истифодаи амалии технологияи таҳлили вазъиятӣ – истифодаи он ҳамчун қисми таркибии фонди воситаҳои баҳодиҳӣ аз рӯи фанни мавриди омӯзиш, баҳодиҳии сатҳ ва сифати ташаккулёфтагии салоҳиятҳои универсалӣ, умумикасбӣ ва касбӣ мусоидат мекунад. Дар ин ҳолат тавсифи вазъияти мушаххас ва супориш оид ба таҳлили он ба саволҳои имтиҳонотӣ дохил карда мешаванд [6]. Илова бар ин, технологияҳои абрии муассисаи таҳсилот имкон медиҳанд самарабахшии раванди таълимӣ баланд бардошта шавад.

Самти чорум маркетинги педагогикаи ҳарбӣ ва муассисаи таҳсилотро бо назардошти технологияҳои фазои кушодаи иттилоотӣ пешбинӣ мекунад. Ҷалби интерактивии ҷомеаи Тоҷикистон ба таълими курсантҳои муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбии ҷумҳурӣ иштироки бавоситаи хизматчиёни ҳарбии ба эҳтиёт ҷавоб додашуда ё хизматчиёнии амалкунандаи ҳарбии артиши Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар таълими насли наврас дар назар дорад.

Бо назардошти он, ки ҳар гуна фаъолияти муассисаи таҳсилот ба соҳаи хизматрасониҳо мансуб аст, мавҷудияти хизматрасониҳои кушодаи маркетингии таҳсилотӣ ба баланд бардоштани симои (имиҷи) мусбат, инкишофи салоҳиятҳои демократӣ ва либералӣ будани муассисаи таҳсилоти ҳарбӣ мусоидат хоҳад кард.

Мавҷуд будани портали видеоӣ, хизмастрасониҳои конфеернсияҳои видеоӣ, маҷмааи китобхонагӣ бо каталоги электронӣ метавонад ба ҷалбшавии интерактивии ҷомеаи Тоҷикистон ба муҳити таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ мусоидат кунад.

Самти панҷум аз васеъ кардани имкониятҳои мубоҳисаҳои онлайнӣ (мустақим) барои гузаронидани форумҳо, конференсияҳои байни муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ иборат мебошад. Бинобар ин, эҷоди майдончаи коршиносӣ дар заминаи муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ ҷалби мутаассисони Вазорати ҳарбӣ ҳамчун ташкилоти корфармо, собиқ хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ, таҳиягарони маҳсулоти барномавиро дар назар дорад.

Шабакаҳои телекоммуникатсионӣ – шабакаҳои насли нав – барои муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ хеле ҷолиб мебошанд. Вазифаи асосии истифодаи он ташкили телеконференсияҳо бо ташкилотҳои гуногуни ҳарбӣ ё муассисаҳои таҳсилоти ҳарбӣ мебошад. Ин барои табодули иттилоот ва ғояҳо дар гурӯҳ бо рафъи монеаҳои муваққатӣ ва фазоӣ имкониятро фароҳам меорад.

Дар асоси гуфтаҳои боло хулоса баровардан мумкин аст, ки ҷорикунии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таҳсилоти олии ҳарбӣ зимни омӯзиши мавод дар лексияҳо ва машғулиятҳои амалӣ, зимни супоридани санҷишҳо ва имтиҳонҳо самарабахш мебошад. Инчунин пайвастани таҳсилот бо технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ имкон медиҳад фаъолияти таъсилии курсантҳо ва шунавандагон дигаргун карда шуда, имкониятҳои эҷодӣ баланд бардошта шаванд.

Ҳамин тариқ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва компютерӣ дарки шайъӣ – образноки мазмуни объектҳои омӯзиш, ташкили фаъолияти муштараки омӯзгор ва курсантҳо, назорати муносиби амалҳои охиринҳоро таъмин менамоянд. Истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва компютерӣ бояд бо муҳити дахлдори иттилоотию захиравии муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ таҳким бахшида шавад, ки тамоми ҷузҳои зарурӣ: воситаҳои дастгоҳӣ, маҳсулоти барномавӣ, мавҷудияти кадрҳои соҳибихтисос, таъминоти иттилоотию методии раванди таҳсилотӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Ташхиси ҳолати муҳити иттилоотию захиравиро дар

шакли худмуоинакунии ҳарсола амалӣ кардан лозим аст, ки аз рӯи натиҷаҳои онҳо самтҳои ислоҳсозӣ ва рушди онҳо муайян карда мешаванд.

## АДАБИЁТ


1. Андреев, А.А., Барабанщиков А.В. и др. Основы применения информационных технологий в учебном процессе военных вузов: научно-методический сборник. М.: ВУ, 1996. – 103 с.
2. Беспалько, В.П. Образование и обучение с участием компьютеров. М.: Изд-во Московского психолого-социального института; Воронеж: Изд-во НПО “МОДЕК”, 2002. – 352 с.
3. Ганиев, М.М. Внедрение информационно-коммуникативных технологий в образовательный процесс как средство развития интеллектуальных способностей учащихся // Молодой ученый. 2020. № 11 (301). С. 161-163.
4. Кожевина, О.В. Новое образование для обеспечения цифрового роста экономики. [Электронный ресурс]. URL: https://it-education.ru/conf2020/thesis/3958/ (дата обращения: 23.12. 2020).
5. Козлов, О. А. Теоретико-методологические основы информационной подготовки курсантов военно-учебных заведений. Москва: ИИО РАО, 2010. – 326 с.
6. Козырева, Л.Д. Потенциал технологии ситуационного анализа в формировании и оценке компетенций обучающихся в высшей школе. [Электронный ресурс]. URL: https://www.elibrary.ru/item.asp?id=36498687 (дата обращения: 18.12.2020).
7. Крайнова, Е. А. Теоретические основы профессиональной подготовки бакалавров технических вузов в области информационных технологий // Вестник Волжского университета имени В. Н. Татищева. 2015. № 4 (19). С. 108–114.
8. Логинов, В.Н. Информационные технологии управления: учебное пособие. 3-е изд., стер. М: КНОРУС, 2013. – 240 с.
9. Пащенко, О.И. Информационные технологии в образовании. [Электронный ресурс]. URL: http://metodichka.x-pdf.ru (дата обращения: 23. 12. 2020).
10. Развитие менеджмента в Индустрии 4.0: переход к киберфизическим организациям и формирование их систем управления. [Электронный ресурс]. URL: http://econom.psu.ru/upload/iblock/918/ (дата обращения: 18. 12.2020).
11. Роберт, И. В. Современные информационные технологии в образовании: дидактические проблемы, перспективы использования. Москва: ШколаПресс, 1994. - 205 с.
12. Ушакова, О.А., Шевченко, О.К. Использование информационных технологий в военном образовании // Современные проблемы науки и образования. – 2020. – № 6. URL: https://science-education.ru/ru/article/view?id=30474 (дата обращения: 02.12.2022).

## БА ТАВАҶҶУҲИ МУАЛЛИФОН

Дар маҷаллаи «Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон» мақолаҳои олимони соҳаи педагогика, устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, мушовирон, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва унвонҷӯёни ватанию хориҷӣ ба табъ расонида мешаванд.

Ба хотири беҳбуди фаъолияти маҷаллаи «Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон» зарур медонем, ки мақолаҳо ба шакли зерин ба идораи маҷалла пешниҳод карда шаванд: ҳатман бо хулосаи мухтасар (резюме) ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, мақола дорои сарлавҳа бошад, маълумоти мухтасар дар бораи муаллиф (ному насаб, унвони илмӣ, вазифа ва ҷойи кор), шарҳ - номгӯи мақола ва адабиёти истифодашуда ба шакли хаттӣ ва электронӣ (дар диск ё флешка) ва як нусха мақола ба таври чопи принтерӣ пешниҳод карда шавад.

Маводи мақола ҳаматарафа санҷида шуда бошад.

Мақола бояд ба шакли компютерии Times New Roman Tj – 14 таҳия шавад.

Андозаи коғаз: А - 4. Ҳошия: аз боло ва поён – 2, 5 см., тарафи чап – 3 см., рост – 1,5 см., андозаи ҳуруф – 14, фосилаи байни сатрҳо: 1,0.

Мақолаҳо дар давоми сол қабул карда мешаванд. Ба мақола шарҳи мухтасари муҳтаво ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ илова карда мешавад. Шарҳи мухтасари муҳтаво дар оғоз ва адабиёти истифодашуда дар охири мақола оварда мешавад.

Ҳайати таҳририя ҳақ дорад мақоларо бо назардошти талаботи маҷалла қабул ва кӯтоҳ кунад ва ё рад намояд. Мақолаҳое, ки пештар дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд, қабул карда намешаванд. Дастхатҳо барои тақриз арзёбӣ мешаванд ва муаллиф дар мавриди зарурат ба муҳтавои он ошно мегардад.

Ба мақолаҳои унвонҷӯёну аспирантон тавсияи роҳбарони илмиашон зарур аст.

## К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Вестник Академии образования Таджикистана» печатаются статьи учёных педагогов, преподавателей ВУЗ-ов, методистов, учителей средних общеобразовательных учреждений, аспирантов, местных и зарубежных соискателей, содержащие результаты исследований по педагогическим наукам.

При отправке статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила: размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском, и английском языках.

Для подготовки статьи должен использоваться текстовый редактор Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (шрифт Times New Roman Tj 14, формат А-4, интервал одинарный, поля: верхнее и нижнее - 2,5 см, левое-3 см, правое -1,5 см;), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, адрес. Далее через строку следует основной текст.

К статье прилагается резюме на таджикском, русском и английском языках с указанием названия статьи. Текст резюме приводится в начале статьи, список использованной литературы в конце.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи. Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Статьи аспирантов и соискателей принимаются с рекомендациями научных руководителей.

## NOTES FOR THE AUTHORS

The scientific journal «Bulletin of the Academy of Education of Tajikistan» publishes articles by scientific educators, university professors, methodologists, teachers of educational institutions, graduate students of local and foreign applicants containing the results of research on pedagogical sciences.

When submitting articles to editorial board the following rules should be observed: the size of the article should not exceed 10 pages of computer text, including texts, tables, bibliography, drawings and annotation texts in Tajik, Russian and English.

For the preparation of the article should be used the text editor Microsoft Word.

An electronic version remains simultaneously with the printout of the article. The manuscript must be printed on a computer font Times New Roman TJ 14, format A-4 single spacing, upper and lower margins 2,5 sm, left 3 sm, right 1,5 sm and all the pages should be paginate.

At the top of the page in the center of the sheet is the title of the article, below after one interval the initials and surname of the author. Below is the name of the organization and address.

The main text follows through the given line. The article offers a summary in Tajik, Russian and English with title of article. The text of the summary is given at the beginning of the article, list of references at the end.

Editorial board reserves the right to make reductions and editorial changes to the article.

Articles do not comply with these rules are not accepted.

Articles of graduate students and applicants are accepted with the recommendations of supervisors.

**ПАЁМИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН / Маҷаллаи илмӣ, маърифатӣ ва таълимию методӣ. – Душанбе, 2022. - № 4 (45). – 218 с.**

Сармуҳаррир: Саломиён М.Қ.
Муовини сармуҳаррир: Каримзода М.Б.
Котиби масъул: Муҳиддинзода Б.
Муҳаррири матни тоҷикӣ: Гулмадов Ф.
Муҳаррири матни русӣ: Ҷонмаҳмадова Г.Ш.
Муҳаррири матни англисӣ: Абдуллозода М.И.
Муҳаррири техникӣ: Муҳиддинзода Б.
Саҳифабанд: Ҳайдаров Р.

**Муассис: Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

---

**ВЕСТНИК АКАДЕМИИ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА / Научно-просветительский и учебно-методический журнал, 2022. - № 4 (45). – 218 с.**

Главный редактор: Саломиён М.К.
Зам. главного редактора: Каримзода М.Б.
Ответственный секретарь: Мухиддинзода Б.
Редактор таджикского текста: Гулмадов Ф.
Редактор русского текста: Джонмахмадова Г.Ш.
Редактор английского текста: Абдуллозода М.И.
Технический редактор: Мухиддинзода Б.
Верстка: Хайдаров Р.

**Учридитель: Академия образования Таджикистана**

---

**BULLETIN OF ACADEMY OF EDUCATION OF TAJIKISTAN/ Scientific-educational and metodical Journal, 2022. - № 4 (45). – 218.**

Chief Editor: Salomiyn M.Q.
Deputy Chief Editor: Karimzoda M.B.
Executive Secretary: Muhiddinzoda B.
Tajik Text Editor: Gulmadov F.
Russian Text Editor: Djanmakhmadova G.Sh.
English Text Editor: Abdullozoda M.I.
Technical Editor: Muhiddinzoda B.
Verska: Haidarov R.

**Founder: The Academy of Education of Tajikistan**

---

*Ба матбаа 03.01.2023 супорида шуд. Ба чоп 06.01.2023 имзо шуд.*
*Когази офсетӣ. Андозаи 60x84 1/8 ҷузъи ч. ш. 15,5. Теъдод 100 нусха. Супориши №14*
*Дар матбааи «Таъминот-55 », кӯчаи А. Навоӣ, 13 чоп шудааст.*

---

*Сдано в печать 03.01.2023. Подписано к печати 06.01.2023. Печать офсетная.*
*Формат 60x84 1/8 Условно-печатный лист - 15,5. Тираж - 100. Заказ № 14 .*
*Издательство «Таъминот-55», 7734024, улица А. Навои, 13*

---

*Download in Print 03.01.2023. Posted on 06.01.2023. Offset printing.*
*Size 60x84 1/8 Printer's sheet - 15,5. Edition - 100. Assignment № 14.*
*Publishing office "Taminot-55", 7734024, 13 A. Navoi Str.*